**ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**

Бо ҳуқуқи дастнавис

**ВБД: 9 тоҷик + 902.9+001(092)+373**
**ТКБ: 63.2(тоҷик)+63.2+72.3+74.263.1**

**НУРОВ СУҲРОБ РУСТАМОВИЧ**

# ИНЪИКОСИ ТАЪРИХИ НИМАИ ДУЮМИ АСРИ XIX ВА ИБТИДОИ АСРИ XX-И ҲУДУДҲОИ ТОҶИКИСТОН ДАР ОСОРИ ПРОФЕССОР О.Б. БОҚИЕВ

## ДИССЕРТАТСИЯ

**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.5. Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ**

**Роҳбари илмӣ: д.и.т., профессор Ғуломов Т.М.**

**Душанбе – 2026**

МУНДАРИҶА

**МУҚАДДИМА**.......................................................................................................3-22

**БОБИ 1. ИНЪИКОСИ ВАЗЪИ СИЁСӢ ВА СОХТОРИ МАЪМУРИИ МИНТАҚАҲОИ МУОСИРИ ТОҶИКИСТОН ДАР НИМАИ ДУЮМИ АСРИ XIX ВА ОҒОЗИ АСРИ XX ДАР ТАҲҚИҚОТИ О.Б. БОҚИЕВ**

1.1. Таҳқиқи ҳаёт ва фаъолияти илмии профессор О.Б. Боқиев......................23-42

1.2. Вазъи сиёсӣ ва сохтори ҳудудию маъмурии манотиқи муосири Тоҷикистон дар нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX дар осори профессор О.Б. Боқиев.......................................................................................................43-78

**БОБИ 2. ТАҲҚИҚИ МАСОИЛИ МУБРАМИ ҲАЁТИ ИҶТИМОӢ-ИҚТИСОДИИ НИМАИ ДУЮМИ АСРИ XIX ВА ИБТИДОИ АСРИ XX-И ҲУДУДҲОИ ТОҶИКИСТОН ДАР ОСОРИ О.Б. БОҚИЕВ**

2.1. Инъикоси вазъи хоҷагии деҳоти ҳудудҳои Тоҷикистон дар осори О.Б. Боқиев.......................................................................................................79-108

2.2. Омӯзиши вазъи саноат, ҳунармандӣ ва муносибатҳои тиҷоратии манотиқи Тоҷикистон..............................................................................................109-122

**БОБИ 3. БОЗТОБИ МАСЪАЛАИ ЗАБТИ ҲУДУДҲОИ ТОҶИКИСТОНИ ШИМОЛӢ ВА ПОМИР АЗ ТАРАФИ РУСИЯИ ПОДШОҲӢ ДАР ТАҲҚИҚОТИ ПРОФЕССОР О.Б. БОҚИЕВ**

3.1. Бозтоби раванди забти ҳудудҳои Тоҷикистони шимолӣ аз тарафи Русияи подшоҳӣ дар таҳқиқоти профессор О.Б. Боқиев........................................123-135

3.2. Инъикоси масъалаи ҳамроҳшавӣ ва забти ҳудудҳои Помир аз тарафи Русияи подшоҳӣ дар таҳқиқоти профессор О.Б. Боқиев.........................................136-153

**ХУЛОСА**.............................................................................................154-159

**ТАВСИЯҲО ДОИР БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲО**.........159-160

**РӮЙХАТИ САРЧАШМА ВА АДАБИЁТ**...............................................161-176

**РӮЙХАТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ**……………………………...……………....176-177

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Яке аз дастовардҳои муҳимми давраи соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври бесобиқа рӯ овардани қишрҳои гуногуни ҷомеа ба омӯзиши таърихи халқи тоҷик, инкишофи босуръати таърихнигории миллӣ ва рушди тафаккури таърихии миллати тоҷик маҳсуб мегардад. Зеро шароити соҳибистиқлолии кишвар, бунёди давлати миллӣ ва ниёзҳои ҷомеаи муосири маданӣ омӯзиши гузаштаи пурифтихори таърихиро тақозо менамоянд. Аҳаммияти омӯзиши таърихро ба назари эътибор гирифта, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин зикр намудаанд: «Таҳқиқи таърихи тамаддуни ҳар халқу миллат ҳеҷ гоҳ барои эҳсоси ғурур ва ифтихори ноҷо аз гузаштаи худ набуда, он бояд барои нишон додани роҳи тӯлонӣ ва пурпечутоби тайкардаи ниёгони худ, шинохти заминаҳои аслию унсурҳои асосӣ ва муайян намудани хусусияту тамоюлҳои тамаддуни аҳди қадим равона гардад ва такони таъсирбахше барои рушду инкишофи тамаддуни муосираш бошад» [98, с.5].

Ҳамчунин, зарурати таҳқиқ ва омӯзиши ин масъала дар шароити таъғирёбандаи ҷаҳони мосир ва бунёди давлати миллӣ аҳаммияти боз ҳам муҳимтарро касб кардааст. Дар воқеъ андешаҳои созанда ва корҳои илмӣ-таҳқиқотие, ки Пешвои миллат солҳои тӯлонӣ ба роҳ мондааст ва онҳоро дар таҷрибаи амалӣ исбот менамояд, аз нигоҳи мантиқи илмӣ, ҳақиқатнигорӣ ва воқеъбинӣ мукаммалтарин ва пешқадамтарин ғояи маънавӣ дар масири таърихии рушд, пойдории миллати тоҷик ва давлатдории он мебошанд [151].

Дар чунин шароит андӯхтани донишҳои илмии таърихӣ, маърифати илмии замони гузашта, ташаккули ҷаҳонбинии илмии таърихӣ ва ниҳоятан, истифодаи таҷриба ва сабақи таърихӣ аҳаммияти хос пайдо мекунад. Дар ин радиф омӯзиши ҳаёт ва фаъолияти илмӣ-пажӯҳишии муаррихону муҳаққиқон, муайян кардани ҷойгоҳ ва саҳми онҳо дар таҳқиқи масоили мубрами гузаштаи таърихӣ низ аз вазифаҳои муҳимми илми таърих ба шумор меравад.

Бинобар ин, омӯзиши зиндагинома ва фаъолияти илмию педагогии муҳаққиқон ва муаррихоне, ки дар таҳқиқи масъалаҳои гуногуни гузаштаи таърихии халқи тоҷик саҳми босазо гузоштаанд, аҳаммияти ҳаётиро касб намуда, хушбахтона дар солҳои охир ба яке аз самтҳои муҳим ва назарраси таҳқиқоти таърихи ватанӣ табдил ёфтааст. Омӯзиши фаъолият ва саҳми муҳаққиқону муаррихон дар омӯзиши таърихи халқи тоҷик, инъикоси масъалаҳои мубрами таърихи ватанӣ дар таҳқиқоти онҳо, нашри осори безаволи илмии онҳо ба ташаккули шуури таърихии ҷомеа, хусусан насли наврас ва ҷавони кишвар, тарбияи насли наврасу ҷавон дар руҳияи ватандӯстӣ ва созандагӣ таъсири назаррас дорад. Ҳамчунин, омӯзиши зиндагинома ва фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ, педагогиву ҷамъиятӣ ва сиёсиву созандагии онҳо метавонад ҳамчун роҳнамо дар ҷодаи пажӯҳишҳои илмӣ ва хидмати арзанда ба халқу меҳан хизмат намояд.

Дар робита бо ин, зиндагиномаи пуршараф, ҳаёт ва фаъолияти илмию педагогӣ ва ҷамъиятии яке аз муаррихони варзидаи кишвар, профессор Олуболу Боқиев (1934–1999) шоёни диққат буда, мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода шудааст.

Мубрамии мавзуи таҳқиқ ба масъалаҳои зерин асоснок карда мешавад:

**Якум,** фаъолияти илмӣ-педагогӣ ва таҳқиқотии профессор О.Б. Боқиев дар таърихнигории ватанӣ мавриди омӯзиш қарор нагирифтааст. Аз ин рӯ, таҳқиқи фаъолияти илмӣ ва назари таърихии ӯ дар таърихнигории ватанӣ муҳим арзёбӣ мегардад;

**Дуюм**, осори илмии профессор О.Б. Боқиев асосан масъалаҳои таърихнигорӣ ва сарчашмашиносии таърихи Осиёи Миёна ва Тоҷикистонро фаро гирифтааст. Зиёда аз 200 асари илмӣ, мақолаҳо, барнома ва дастурҳои таълимии ӯ дар ин самт дар Тоҷикистон ва берун аз он, аз ҷумла, дар шаҳрҳои Москав, Ленинград, Алмато ва ғайра ба нашр расидаанд, ки имрӯз зарурияти омӯзиши онҳо ба миён омадааст;

**Сеюм**, таҳқиқот ва фаъолияти илмии профессор О.Б. Боқиев асосан ба омӯзиши яке аз сафҳаҳои муҳимми таърихи ҳудудҳои Тоҷикистони муосир дар нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои қарни XX ва инъикоси он дар таърихнигории тоинқилобии рус бахшида шудааст, ки давраи гардиши куллӣ дар таърихи Осиёи Миёна, аз ҷумла, сарнавишти таърихии мардуми бумии он – халқи тоҷик ба шумор меравад. Истилои Русияи подшоҳӣ дар ҳаёти тоҷикони Осиёи Миёна ва ҳамчунин, ҳудудҳои Тоҷикистони муосир дигаргуниҳои куллиро ба амал овард. Аз ин рӯ, таҳқиқот ва назари О.Б. Боқиев дар хусуси дигаргуниҳои Осиёи Марказӣ дар шароити феълӣ ба пажӯҳиши тоза ниёз дорад;

**Чорум,** дар миёни зиёиёни тоҷик ҷойгоҳ ва мероси илмии профессор Олуболу Боқиев, ки ба омӯзиши масъалаҳои таърихи геостратегию геополитикии Русия ва Англия дар асри XIX дар Осиёи Мрказӣ ва қабл аз ҳама марзҳои имрӯзаи Тоҷикистон бахшида шудаанд, хеле бузург мебошад. Зеро вай яке аз аввалин муҳаққиқони тоҷик аст, ки ба омӯзиши ин масъалаҳои хоси илмӣ ва идеологӣ даст задааст. Инҳо масъалаҳое ҳастанд, ки мубрамии худро дар рӯзгори мо, яъне дар доираи тақсимоти нави ҷаҳон низ аз даст надоданд ва болотар аз ин, дар меҳвари онҳо қарор доранд;

**Панҷум**, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки муборизаҳои байни Русия ва Англия дар масъалаҳои тақсимоти минтақаи Осиёи Марказӣ дар таърихи забткориҳои колониалии ин ду кишвар нақши бузург дошт. Мавқеи ҷуғрофӣ ва манфиатноки стратегии Осиёи Марказӣ, ки дар меҳвари ин муборизаҳои колониалӣ ва геостратегии онҳо қарор дошта буд, то имрӯз низ ин манотиқ дар меҳвари бозиҳои геополитикӣ, геостратегӣ ва геоиқтисодии абарқудратҳо қарор дорад. Ин ҳамон тарзи муносибатҳои абарқудартон мебошанд, ки устод О.Б. Боқиев дар мисоли Англия ва Русия ба муаррихони баъдӣ, ҳанӯз 50 сол пеш гушрас намуда буд;

**Шашум**, Олуболу Боқиев дар радифи пайомадҳои манфӣ, аз ҷумла, забт ва ҷорӣ гардидани тартибот ва истисмори мустамликавӣ, гусаста шудани

робитаҳои таърихӣ ва маънавию фарҳангии байни тоҷикони минтақа, истилои Русияи подшоҳӣ баъзе ҷанбаҳои мусбати масъаларо низ таҳқиқ намуда, хулосаҳои илмии хешро пешниҳод намудааст. Чунончи, омӯзиш ва таҳқиқи илмии Осиёи Марказӣ, аз ҷумла таъриху фарҳанги халқи тоҷик ба нимаи дуюми асри XIX ва оғоз асри XX рост меояд, ки маҳз муҳаққиқон, шарқшиносон, муаррихон, мардумшиносон ва табиатшиносони рус бо осори гаронмояи худ дар саргаҳи он қарор дошта, дар пажӯҳиши илмӣ ва муаррифии он дар шарқшиносии ҷаҳонӣ саҳми бузург ва мондагор гузоштаанд. Илова бар ин, ёддоштҳо, очеркҳо, мақолаҳо, қайдҳо, мукотибот ва гузоришҳои сафирону сайёҳон, ҷосусон, маъмурони ҳарбию сиёсӣ оид ба паҳлуҳои гуногуни ҳудудҳои Тоҷикистон дар нимаи асри XIX ва ибтидои асри XX мавод ва маълумоти гаронарзиши таърихиро дар бар мегиранд, ки барои инъикоси давраи мазкур дорои аҳаммият мебошанд. Ҳамчунин, маводди матбуоти даврии рус ва хориҷӣ низ баъзе ҷанбаҳо ва масъалаҳои ин марҳилаи таърихи тоҷиконро инъикос намудаанд.

**Ҳафтум**, профессор О.Б. Боқиев вазъи иҷтимоиву иқтисодӣ, сохтори сиёсӣ ва идориву маъмурии ҳудудҳои Тоҷикистони муосирро дар нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои XX маҳз дар асоси омӯзиш, таҳқиқ, муқоиса ва таҳлили амиқи чунин манобеи зиёду арзишманди таърихнигорӣ инъикос кардааст. Боиси зикр аст, ки мақолаҳои сершумор, рисолаҳои номзадиву докторӣ, таҳқиқоти монографӣ, баромадҳо ва гузоришҳои профессор О.Б. Боқиев дар тули тамоми фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ ва педагогиаш ғолибан ҳамин мавзуъро фаро гирифтааст ва ӯ яке аз мутахассисони варзида, инъикосгари таърихи халқи тоҷик, махсусан, ҳудудҳои Тоҷикистон дар таърихнигории тоинқилобии рус ба ҳисоб меравад.

Ҳамин тариқ, маҳсули эҷоди илмии О.Б. Боқиев дар аксари маврид таҳқиқоти бунёдии илмӣ дар самт ва мавзуи зикршуда ба шумор рафта, бозтоб ва пажӯҳишу таҳлилии илмии он аҳаммияти хос дорад. Омӯзиши мавзуи

интихобгардида на танҳо саҳми ӯро дар омӯзиши таърихи ҳудудҳои Тоҷикистон дар нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX дар таърихнигории рус муайян мекунад, балки, барои шинохти масъалаҳои мубрами ин давраи таърихи халқи тоҷик ва нишон додани ҷойгоҳи таърихнигорӣ ва шарқшиносии тоинқилобии рус дар пажӯҳиши илмии он мусоидат менамояд. Аз ин рӯ, мо ба ин боварем, ки қарор додани фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ ва саҳми профессор О.Б. Боқиев дар омӯзиши таърихи халқи тоҷик ба сифати таҳқиқи диссертатсионӣ барои абадӣ гардондани номи накӯ ва фаъолияти босамари илмии ӯ, ҳамзамон барои эҳё ва тақвияти фарҳанги қадршиносиву арҷгузорӣ дар доираҳои илми таърихи кишвар мусоидат хоҳад намуд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуъ.** Бояд зикр намуд, ки то ҳанӯз ҳаёт ва фаъолияти илмиву педагогӣ ва осори илмии профессор О.Б. Боқиев мавриди таҳқиқи муфассал ва алоҳида қарор нагирифтааст. Танҳо баъзе мақолаҳо ва ёддоштҳоро зикр кардан мумкин аст, ки хусусияти публисистӣ ва оммавиро доро буда, баъзе ҷанбаҳои фаъолияти босамари илмӣ-пажӯҳишӣ, илмӣ-педагогӣ, ҷамъиятӣ ва лаҳзаҳои ҳаёти ӯро инъикос менамоянд. То ҳол таҳқиқи фарогире дар бораи ҳаёт ва фаъолият, мазмуну муҳтаво, аҳаммият ва арзиши илмии осори профессор О.Б. Боқиев ва ҷойгоҳи ӯ дар илми таърихнигории ватанӣ анҷом дода нашудааст. Бархе аз ҳамкорон, ҳамкасбон ва шогирдони ӯ низ пайраҳаи зиндагӣ, фаъолияти илмиву педагогӣ, саҳми ӯ дар таҳқиқ ва инъикоси масъалаҳои мубрами таърихи минтақаҳои Тоҷикистони муосир дар нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX дар таърихнигории русро ҷузъан тасвир намудаанд.

Бояд зикр намуд, ки маҳз ҳамин таълифот дар шакли мақолаҳо ва ёддоштҳои ҳамкорон, ҳамкасбон ва шогирдони ӯ барои омӯзиши фарогир перомуни ҳаёт ва фаъолияти профессор О.Б. Боқиев замина гузошта, паҳлуҳои гуногуни рӯзгор, марҳилаҳои фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ, педагогӣ ва ҷамъиятӣ, мавзуъҳои меҳварӣ ва арзиши илмии осор, сифатҳои писандидаи касбӣ, шахсӣ

ва инсонии ӯро ошкор кардаанд. Маҳз онҳо ҳамчун маводди асосии муайян кардани марҳилаҳои гуногуни ҳаёт ва фаъолият, ташаккули касбӣ ва шахсии профессор О.Б. Боқиев ҳангоми навиштани рисола хизмат намуданд. Шоёни диққат ва боиси зикри хос аст, ки ҳамаи онҳо зарурати омӯзиш ва арзиши баланди илмии таҳқиқоти бунёдии ӯ ва умуман, ҷойгоҳи сазовори ӯро дар инкишоф ва ташаккули таърихнигории ватанӣ бо сароҳат зикр кардаанд.

Баъзе лаҳзаҳои ҳаёт ва фаъолияти профессор О.Б. Боқиев, марҳилаҳои гуногуни фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ, илмӣ-педагогӣ ва ҷамъиятӣ, арзиши илмии асарҳои таълифшуда ва сифатҳои барҷастаи касбию шахсии ӯ дар мақолаҳои М. Бобохонов [127; 128], Ю. Бозоров [127], Н. Акрамов [125; 126], Н. Мирзоев [128], Ю. Шодипур [88; 128], Ӯ. Пӯлодов [126], М. Иброҳимов [126], М. Шерғозиев [150], Н. Офаридаев [150], Н. Шакармамадов [150], Қ. Расулиён [136], Ҳ. Пирумшоев [88], М. Саидалиев [88], А. Ёрмаҳмадов [88], З. Баҳромов [88], А. Шамолов [88], С. Раҷабов [88] ва дигарон [62; 137] инъикос ёфтаанд. Муаллифони мазкур дар омӯзиши ҳаёту фаъолият ва кушодани симои профессор О.Б. Боқиев ҳамчун олим ва таърихнигори тавоно, офарандаи осори арзишманди илмӣ-таҳқиқотӣ, омӯзгор ва мураббии бомаҳорат, иштирокдори фаъоли ҳаёти илмӣ ва ҷамъиятӣ, тарбиятгари олимону муҳаққиқони ҷавон ва ниҳоят муаррифии сифатҳои писандидаи касбӣ ва шахсии ӯ ҳамчун муҳаққиқи асил ва сарсупурдаи илм хидмати шоёни таҳсин кардаанд.

Ҳаёт, фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ, илмӣ-педагогӣ, ҷамъиятӣ ва осори илмии профессор О.Б. Боқиев аз охири солҳои 70-ум ва ибтидои солҳои 80-уми асри гузашта, ки ба замони авҷи камолоти ӯ ҳамчун олим ва таърихнигори варзида рост меояд, мавриди таваҷҷуҳи муҳаққиқон қарор гирифтааст. Мақолаҳо, ёддоштҳо, тақризҳо ва арзёбиҳо дар бораи осори илмии ӯ дар ин давра ва дигар марҳилаҳои фаъолияти гуногунпаҳлуи ӯ шаҳодати гуфтаҳои боло мебошанд.

Мақолаи таърихнигор М. Бобохонов бо ҳаммуаллифии Ю. Бозоров нахустин кӯшиш дар омӯзиши ҳаёту фаъолияти профессор О.Б. Боқиев ва арзёбии илмии осори ӯ ба шумор меравад. Онҳо ба таҳқиқоти илмии О.Б. Боқиев баҳои баланд дода, номи ӯро дар қатори намояндагони шинохтаи илми таърихнигории кишварҳои Осиёи Миёна қарор додаанд [127]. Дар ин мақола муаллифон, ҳамчунин осори илмӣ-таҳқиқотӣ, илмию методӣ ва таълимии О.Б. Боқиевро баррасӣ карда, назари худ ва дигар муҳаққиқони ватанӣ ва беруниро дар бораи моҳият ва арзиши илмии онҳо ироа кардаанд.

Дар мақолаи дигар муаррихони кишвар Н. Акрамов ва М. Бобохонов [125] низ паҳлуҳои гуногуни ҳаёт ва фаъолияти О.Б. Боқиев нисбатан муфассал инъикос гардидааст. Муаллифон лаҳзаҳои асосии таҳсили О.Б. Боқиевро дар Дорулмуаллимини шаҳри Самарқанд, фаъолияташ ба ҳайси омӯзгор дар мактаби ба номи Ф. Энгелси шаҳраки Ғарм (ҳоло Рашт), донишҷӯӣ, таҳсил дар шуъбаи аспирантураи Донишгоҳи давлатии Ленинград (ҳоло Санкт-петербург)-и ба номи А. Жданов ва идомаи фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ ва педагогӣ дар Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин (ҳоло ДМТ) инъикос намудаанд. Дар мақола қобилияту истеъдод, сифатҳои касбиву шахсӣ ва ҷаҳду талоши ӯро дар ҳар яке аз ин зинаҳои камолоташ инъикос намудаанд. Ҳамзамон, онҳо ба осори илмии то он замон таълифшудаи О.Б. Боқиев баҳо дода, ӯро ҳамчун олими пухтакор, дақиқназар ва пуркору серталаб тавсиф намудаанд. Илова бар инҳо, саҳми О.Б. Боқиев дар масоили мубрами таърихнигории ватанӣ, омода кардани кадрҳои ҷавони маҳаллӣ, таҳияи дастуру васоити илмӣ-методӣ ва таълимӣ, иштироки фаъолонаи ӯ дар ҳаёти илмиву ҷамъиятии факултаи таърих ва донишгоҳ инъикос гардидааст.

Дар мақолае, ки М. Бобохонов, Н. Мирзоев, Ю. Шодипур бахшида ба ҷашнвораи 60-солагии профессор О.Б. Боқиев дар ҳаммуаллифӣ нашр кардаанд, симои О.Б. Боқиев ҳамчун олим ва таърихнигори варзида намудор мегардад. Муаллифон оид ба марҳилаҳои асосии ташаккули касбӣ ва ҷанбаҳои гуногуни

фаъолияти профессор О.Б. Боқиев маълумоти арзишмандеро пешниҳод намудаанд. Бо зикри паҳлуҳои гуногуни фаъолият ва дастовардҳои бузурги илмиаш, ӯро дар қатори саромадони илми таърихнигории тоҷик қарор додаанд ва маҳсули офаридаҳои илмии ӯро таҳқиқоти арзишманд ва бунёдӣ дар инкишоф ва ташаккули таърихнигории ватанӣ ба қалам додаанд [128].

Дар мақолае бахшида ба 70-солагӣ ва гиромидошти хотираи неки профессор О.Б. Боқиев муаррихон М. Шерғозиев, Н. Офаридаев, Н. Шакармамадов доир ба ҳаёту фаъолияти ӯ сухан ронда, ӯро дар радифи намояндагони дурахшони насли дуюми зиёиёни Бадахшон ҷой додаанд, ки дар ҳаёти илмиву фарҳангӣ ва сиёсиву ҷамъиятии ҷумҳурӣ саҳми арзанда гузоштаанд. Як ҷиҳати мутамоизи мақолаи мазкур дар он аст, ки дар фарқ аз дигар мақолаҳо, муаллифон баъзе лаҳзаҳои овони наврасӣ ва таҳсили О. Боқиевро дар яке аз нахустин ва куҳнатарин макотиби Бадахшон – мактаби миёнаи ба номи Кирови шаҳри Хоруғ инъикос кардаанд. Аз ҷумла, муаллифон зикр намудаанд, ки нахустин намунаҳои қобилият ва истеъдодҳои ӯ ҳанӯз ҳангоми таҳсил дар ин мактаб ошкор гардидаанд [150].

Мақолаи энсиклопедӣ (донишномавӣ)-и профессор Қ. Расулиён мухтасаран дар бораи марҳилаҳои асосии ҳаёт, фаъолият ва осори илмии ӯ маълумот медиҳад [136, с.42].

Дар мақолаи муҳаққиқ ва таърихнигори шинохта профессор Ҳ. Пирумшоев низ саҳми О.Б. Боқиев дар рушду инкишофи таърихнигории ватанӣ зикр карда шудааст [88]. Профессор Ҳ. Пирумшоев ба осори арзишманди илмии профессор О.Б. Боқиев баҳои баланд дода, омӯзиш ва баррасии онро муҳим донистааст. Мавсуф саҳми профессор О.Б. Боқиевро дар омӯзиши масоили гуногуни таърихи ҳудудҳои Тоҷикистони муосир ва инъикоси он дар таърихнигории тоинқилобии рус шоиста арзёбӣ кардааст. Аз ҷумла, таъкид намудааст, ки маҳсули илмии профессор О.Б. Боқиев доир ба омӯзиши робитаҳои мардумони Осиёи Миёна бо халқи рус аз замонҳои қадим то асри

XIX ва пажӯҳиши илмии таъриху фарҳанги халқи тоҷик дар Русия таҳқиқоти асил ва бунёдӣ ба шумор рафта, арзиш ва аҳаммияти бузурги илмиро доро мебошанд.

Профессор М. Сайдалиев дар мақолаи хеш саҳми профессор О. Боқиевро дар таҳқиқи робитаҳои гуногунҷанбаи мардумони Осиёи Миёна бо Русия омӯхта зикр намудааст, ки осори ӯ доир ба ин мавзуъ аҳаммияти беандозаи илмиро доро мебошанд [88].

А. Ёрмаҳмадов ба инъикоси масъалаи омӯзиши илмии таърих ва фарҳанги Осиёи Миёна аз ҷониби муҳаққиқони тоинқилобии рус, аз ҷумла саҳми шарқшиноси шинохта Н. Хаников дар осори профессор О.Б. Боқиев таваҷҷуҳ кардааст [88].

Масъалаҳои иҷтимоиву иқтисодии Осиёи Миёна, бахусус робитаҳои тиҷоратии дар ҳудудҳои Тоҷикистон ва инъикоси онҳо дар таърихнигории рус низ дар таҳқиқоти профессор О.Б. Боқиев мавқеи муайян доранд. Таърихшинос Ю. Шодипур масъалаи зикршуда ва омӯзиши онро дар осори профессор О.Б. Боқиев баррасӣ намудааст [88]. Муаллиф зикр мекунад, ин масъалаҳо дар осори профессор О.Б. Боқиев дар асоси маводди сершумори таърихнигории тоинқилобии рус ва маводди бойгонӣ омӯхта шуда, дар асоси манбаҳои боэътимод ва далелҳои қавии таърихӣ ҷамъбаст ва натиҷагирӣ карда шудаанд.

Мақолаи З. Баҳромов ба инъикоси масъалаи ҳамроҳ кардани Помир ба Русия дар осори профессор О.Б. Боқиев бахшида шудааст [88]. Муаллиф зикр мекунад, ки бо вуҷуди баъзе таҳқиқоти мавҷуда доир ба ин мавзуъ, профессор О.Б. Боқиев нахустин шуда ин масъаларо дар асоси маводди гуногунмазмуни таърихнигории тоинқилобии рус инъикос ва перомуни ҷанбаъҳои гуногуни он хулосаҳои дақиқи илмиро пешниҳод кардааст.

Абдулвоҳид Шамолов дар ёддоштҳои хеш зикр кардааст, ки профессор О.Б. Боқиев дар саффи муҳаққиқон ва таърихнигорони тавонои тоҷик қарор дошта, осори илмии ӯ аҳаммияти бузург ва арзиши баланди илмиро доро

мебошанд. Хидматҳои арзанда ва ҷойгоҳи шоистаи профессор О.Б. Боқиев дар рушду инкишофи илми таърихнигории ватанӣ ва тарбияи кадрҳои баландихтисоси муаррихони маҳаллӣ, ҳамчунин, дар мақолаи С. Раҷабов низ инъикос шудааст [88].

Илова бар ин, соли 2014 ба муносибати 80-солагӣ ва гиромидошти хотираи накуи профессор О.Б. Боқиев маҷмуи библиографӣ бо фарогирии санаҳои муҳимми ҳаёт ва рӯйхати осори ӯ низ ба нашр расидааст [62; 137].

Ҳамчунин, дар маводди конференсияи илмӣ-назариявӣ бо унвони «Инъикоси таърихи тоинқилобии халқи тоҷик дар осори профессор О.Б. Боқиев», ки бахшида ба 90-солагии профессор О.Б. Боқиев баргузор гардид, ки аз ҷониби муаррихон мақолаҳои зиёди илмӣ ба нашр расиданд. Дар маводди мазкур муаррихони зиёде доир ба ҷойгоҳи осори профессор О.Б. Боқиев дар шинохти таърихи халқи тоҷик андешаҳои хешро иброз намудаанд [74].

Дар конференсияи мазкур аз муассисаҳои илмию таълимии кишвар Ҳ.Пирумшоев [74, с.4-15], А.Шамолов [74, с.16-25], Н.Мирзоев [74, с.34-43], А.Ёрмаҳмадов [74, с.56-66], Д.Алимов [74, с.66-72], Т.М.Ғуломов [74, с.72-81], Қ.Д.Собирова [74, с.81-92], Н.Ҳакимов [74, с.94-98], Э.Ҳ.Ҳоҷибеков [74, с98-105], Ҷ.А.Абдукаримов [74, с.105-111], Ю.Шодипур [74, с.111-121], С.У.Асоев [74, с.121-130], А.Ё.Комилбек [74, с.130-144], М.Қ.Иззатова [74, с.144-153], Ҷ.Шарипов [74, с.153-159], С.Сайнаков [74, с.159-163], С.Ғуломшоев [74, с.163-171], С.С.Шарофуддинов [74, с.171-177], Ҳ.Д.Наврузбекова [74, с.177-182], М.М.Ҳалимова [74, с.182-190], Х.Б.Сангалиев [74, с.190-193] ва дигарон ширкат ва суханронӣ намуданд, ки матолиби онҳо дар рисола мавриди истифода қарор дода шуд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ.** Диссертатсия дар доираи барномаи дурнамои корҳои илмиву таҳқиқотии кафедраи таърихнигорӣ ва архившиносии факултети таърихи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода шудааст. Яке аз бандҳои дурнамои корҳои илмиву таҳқиқотии кафедраи мазкур

ба мавзуи «Инъикоси таърихи нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX-и ҳудудҳои Тоҷикистон дар осори профессор О.Б. Боқиев» бахшида шудааст ва он фарогири мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ мебошад.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ:

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот.** Мақсади асосии рисола омӯзиш таҳқиқи масъалаҳои мубрами таърихи минтақаҳои Тоҷикистони муосир дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX дар асоси осори илмии профессор О.Б. Боқиев ба шумор меравад. Барои ноил гардидан ба ин мақсад, **вазифаҳои** зерин гузошта шудаанд:

– муайян кардани марҳалаҳои ҳаёт ва фаъолияти илмӣ, ташаккули шахсият ва касбияти профессор О.Б. Боқиев ва таҳлили дидгоҳи назариявию методологии ӯ доир ба омӯзиши таърихи ҳудудҳои Тоҷикистон (нимаи дуюми асри XIX – аввали асри XX) ва инъикоси он дар таърихнигории тоинқилобии рус;

– нишон додани вазъи сиёсӣ ва сохтори идориву маъмурии манотиқи Тоҷикистони муосир дар нимаи дуюми асри XIX – аввали асри XX дар асоси осори илмии профессор О.Б. Боқиев;

– инъикоси саҳми О.Б. Боқиев дар омӯзиши масоили вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии халқи тоҷик дар нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX;

– омӯзиш ва таҳқиқи масоили мубрами таърихи халқи тоҷик дар таърихнигории тоинқилобии рус дар асоси осори О.Б. Боқиев;

– инъикоси раванди истило гардидани ҳудудҳои Тоҷикистони Шимолӣ муосир аз тарафи Русияи подшоҳӣ ва сабабу паёмадҳои он дар таҳқиқоти илмии профессор О. Б.Боқиев;

– инъикоси масъалаи ҳамроҳшавӣ ва забти ҳудудҳои Помир аз тарафи Русияи подшоҳӣ дар таҳқиқоти профессор О.Б. Боқиев ва паёмадҳои он барои минтақа.

**Объекти таҳқиқ** осори илмии профессор О.Б. Боқиев, ки ба пажӯҳиши масоили мубрами таърихи нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX-и халқи тоҷик, махсусан, манотиқи Тоҷикистони муосир ва инъикоси он дар таърихнигории тоинқилобии рус бахшида шудаанд, маҳсуб меёбад.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқро** саҳми профессор О.Б. Боқиев дар омӯзиши вазъи сиёсӣ, сохтори маъмуриву идорӣ, инъикоси вазъи иқтисодиву иҷтимоии минтақаҳои Тоҷикистони муосир дар таърихнигории тоинқилобии рус ва ҳамзамон, баррасии консепсияи таърихнигории ӯ ташкил медиҳад.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот).** Кори илмӣ-таҳқиқотӣ дар кафедраи таърихнигорӣ ва архившиносӣ давоми солҳои 2021–2025 иҷро шудааст. Дар ин давра солҳои ҳаёт ва фаъолияти илмиву педагогии профессор О.Б. Боқиев (1934-1999), рафти ташаккули шахсият, сифатҳои шахсиву касбӣ, дидгоҳ ва мавқеи илмӣ ва марҳилаҳои асосии фаъолияти илмиву пажӯҳишии ӯро таҳқиқ гардид. Давраи таҳқиқоти диссертатсионӣ фарогири нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX ҳудудҳои муосири Тоҷикистонро дар асоси таҳлили осори профессор О.Б. Боқиев дар бар мегирад.

**Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқро** усулҳои умумиилмии таърихӣ ва объективияти илмӣ ташкил медиҳанд. Чунончӣ дар рафти таҳқиқ равишҳои махсуси илмӣ-таърихӣ ва биографӣ, проблемавӣ-хронологӣ, муқоисавию таърихӣ, таърихӣ-типологӣ, ретроспективӣ, тавсифӣ, таҳлили таърихнигорӣ мавриди корбурд қарор дода шуданд.

Усули биографӣ барои пайгирӣ ва таҳлили дидгоҳ, мавқеъ, муайян намудани шароит ва омилҳои асосии ташаккули шахсият, ҷаҳонбинии илмӣ ва рушди касбии профессор О.Б. Боқиев мусоидат намуд. Ҳангоми омӯзиш ва қиёси қонуниятҳои зуҳури падидаҳои таърихӣ аз усули муқоисавӣ-таърихӣ истифода шуда, коркард ва баёни муназзами маълумот оид ба масъалаҳо, падидаҳо ва равандҳои таърихӣ дар натиҷаи корбурди усули таърихӣ-типологӣ

имконпазир гардид. Усули ретроспективӣ ҳангоми омӯзиши равиши таҳқиқи таърихнигории профессор О.Б. Боқиев истифода карда шуд. Муаллиф, ҳамчунин, дар рафти омода намудани диссертатсия аз равишҳои дигари таҳқиқоти таърихӣ ба монанди: таҳлилӣ-муқоисавӣ, таҳлили нисбияти таърихӣ, омӯзиши далелу санадҳо, азнавсозии таърихӣ-мантиқӣ, муқоиса ва хулосабарорӣ истифода намудааст.

**Пойгоҳи сарчашмашиносии таҳқиқот.** Мавзуи таҳқиқ дорои пойгоҳи васеъ ва ғании сарчашмавӣ мебошад, ки осори илмӣ-таҳқиқиотии О. Боқиев, ҳуҷҷатҳои коргузорӣ, ёддоштҳо ва қайдҳои шахсӣ, маводди бойгонӣ ва ғайраро дар бар мегирад ва онҳоро метавон шартан ба чор гурӯҳ тақсим кард:

**Ба гурӯҳи якум,** осори илмии О.Б. Боқиев – рисолаҳои номзадию докторӣ, монографияҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, мақолаҳои илмӣ, илмӣ-оммавӣ, китобҳои илмӣ-оммавӣ, брошюраҳо, дастурҳои таълимиву методӣ, гузоришҳои илмӣ ва матни лексияву баромадҳо дохил мешаванд [1-49; 56; 63-65; 70; 102; 130-135; 154-157]. Омӯзиш ва таҳлили осори арзишманди илмии профессор О.Б. Боқиев нишон дод, ки асосан масъалаҳои мубрами таърихи халқи тоҷик дар нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX дар пажӯҳиш ва ҷустуҷӯи илмии ӯ ҷойгоҳи хос доранд. Инъикоси омӯзиши таърих ва фарҳанги халқи тоҷик, дар умум, ва сарзамини Тоҷикистони муосир дар таърихнигории тоинқилобии рус дар алоҳидагӣ аз мавзуъҳои асосии таҳқиқоти илмии О.Б. Боқиев ба шумор меравад. Инъикоси вазъи сиёсӣ, сохтори маъмуриву идорӣ, сабабу рафт ва натиҷаву пайомадҳои истило шудани манотиқи Тоҷикистони муосир аз ҷониби Русия, рақобати русу англис дар Осиёи Миёна, аҳволи иқтисодиву иҷтимоии мулкҳои кӯҳистони тоҷик дар асоси сарчашмаҳо ва маводди таърихнигории тоинқилобии рус дар тули ҳаёт ва фаъолияти илмии О.Б. Боқиев ҷойгоҳи асосиро дар пажӯҳишҳои илмии ӯ ишғол кардаанд. О.Б. Боқиев нахустин шуда доир ба таҳқиқоти мавзуъ ва масъалаҳои ёддоваргардида дар таърихнигории ватанӣ таҳқиқоти бунёдиро ба анҷом расондааст, ки аз аҳаммияти бузурги илмӣ

бархӯрдор мебошад. Профессор О.Б. Боқиев дар натиҷаи таҳлилҳои илмӣ ва интиқодӣ ба хулосае омадааст, ки Русия ва Англия бо мақсади пешгирии мухолифатҳо ва ҷанги байни ҳамдигар барои бастани қарордоди дуҷониба розӣ шуданд [74, с.19].

Нишон додани саҳм ва ҷойгоҳ, муайян кардани самтҳо ва марҳилаҳои асосии фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ, консепсияи илмӣ ва мавқеи назариявию методологии ӯ танҳо дар асоси омӯзиш ва таҳқиқи сохтор, мазмуну муҳтавои осори илмии профессор О.Б. Боқиев имконпазир аст;

**Гурӯҳи дуюмро** маводди бойгонӣ ташкил медиҳанд, ки дар хазинаҳои бойгониҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба номи А. Дониш нигоҳдорӣ мешаванд. Аз ҷумла, гузоришҳои солона ва стенограмма (пайнавишт)-ҳои ҷаласаҳои Шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон оид ба муҳокимаи рисолаҳои номзадию докторӣ ва монографияҳои илмӣ дар миёни маводди бойгонӣ аҳаммияти бузург доранд. Маводди мазкур, бо вуҷуди номуназзамӣ барои ошкор кардани мавқеъ ва дидгоҳи назариявию методологии О.Б. Боқиев ва муайян кардани марҳилаҳои ҳаёт ва фаъолияти илмӣ ва дастовардҳои илмии ӯ, аҳаммияти калон доранд;

**Ба гурӯҳи сеюм** маводди бойгонии шахсии профессор О.Б. Боқиев дохил мешаванд. Бояд зикр кард, ки инҷониб ҳангоми навиштани рисола бо сабаби дар ҳолати номураттаб ва номуназзам қарор доштани маводди бойгонии шахсии ӯ ба мушкилоти муайян рӯ ба рӯ гардидем. Вале бо вуҷуди ин, бойгонии шахсии ӯ маводди лозимӣ ва арзишмандро барои навиштани рисола фаро мегирад, ки аз қайдҳо доир ба масъалаҳои таърихнигории халқи тоҷик, тақризҳо, матни лексияҳо, анкетаҳо, парвандаи шахсӣ, тавсифномаҳо, мактубҳо, ёддоштҳо, ҳуҷҷатҳои шахсӣ ва ғайра иборатанд. Маводди нашрнашудаи бойгонии шахсӣ

дар равшан ва ошкор намудани баъзе ҷанбаҳои масъалаҳои омӯхташаванда мавриди корбурд қарор дода шуда, барои нахустин бор ба гардиши илмӣ ворид карда шуданд;

**Гурӯҳи чорумро** маҷмуи ҳуҷҷатҳо, маводди ҷаласаҳои ҳизбӣ, конференсияҳо, суратмаҷлисҳои Иттифоқи касабаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва дигар ҳуҷҷатҳои расмӣ ташкил медиҳанд. Ин гурӯҳи сарчашмаҳо асосан дар бораи иштироки фаъолонаи профессор О.Б. Боқиев дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва ошкор кардани сифатҳои хосси шахсии ӯ ҳамчун маводди зарурӣ хизмат намуданд;

**Гурӯҳи панҷум** матни суҳбатҳо бо ҳамкорон, ҳамкасбон ва пайвандони профессор О.Б. Боқиевро фаро мегирад. Суҳбатҳо бо онҳо доир ба баъзе паҳлуҳои норавшан ва лаҳзаҳои гуногуни ҳаёт, сифатҳои шахсиву касбӣ ва хусусиятҳои хоси инсонӣ ва ахлоқӣ, ки дар муносибат бо ҳамкорон, наздикону пайвандон ва умуман атрофиён зоҳир мегардидаанд, маълумоти лозимӣ медиҳанд;

**Гурӯҳи шашумро** маводди ду конференсияи ҷумҳуриявӣ, ки ба 80 солагӣ ва 90 солагии бунёдгузории кафедраи таърихнигорӣ ва архившиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бахшида шуда, дар онҳо зиёда аз 50 матолиби муаррихону донишмандон ва наздикону пайвандони профессор О.Б.Боқиев ба чоп расидаанд, дохил мешаванд [74; 88].

**Навгони илмии таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки он нахустин таҳқиқоти диссертатсионӣ оид ба саҳми О.Б. Боқиев дар омӯзиши таърихи нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX-и ҳудудҳои Тоҷикистони муосир мебошад. Муаллиф кӯшиш намудааст, ки таърихи нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX-и ҳудудҳои Тоҷикистонро дар асоси осори илмии профессор О.Б. Боқиев ва муқоисаи он ба осори муҳаққиқони дигар мавриди таҳлилу омӯзиш қарор диҳад. Бинобар ин, навгониҳои илмии рисола бо нуктаҳои зерин муайян карда мешаванд:

– ҳаёт ва фаъолияти босамари илмӣ-таҳқиқотии профессор омӯхта шуда, омилҳо ва шароитҳои ташаккули шахсият, дидгоҳ, мавқеи илмӣ ва мавзуҳои асосии осори профессор О.Б. Боқиев муайян карда шуданд;

– на танҳо осори илмии нашршудаи профессор О.Б. Боқиев, ҳамчунин мақолаҳо, ёддоштҳо ва маводди зиёди бойгонӣ ҷамъоварӣ ва нахустин маротиба ба гардиши илмӣ ворид карда шуд, ки дар асоси онҳо мавзуъ ва масъалаҳои асосии таҳқиқоти илмӣ ва дидгоҳҳои назариявӣ-методологии профессор О.Б. Боқиев мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор гирифтанд. Ҳамзамон, симо, сифатҳои шахсию касбӣ ва арзёбии ҳамкорону ҳамзамонон нисбати таълифоти илмии ӯ ошкор карда шудаанд;

– ҷойгоҳи професссор О.Б. Боқиев дар омӯзиши масъалаҳои мубрами таърихи ҳудудҳои Тоҷикистон (охири асри XIX – оғози асри XX) ва инъикоси онҳо дар таърихнигории тоинқилобии рус арзёбӣ гардида, самтҳои асосии таҳқиқоти таърихиву таърихнигорӣ ва арзиши осори илмии ӯ оид ба давраи мазкур муайян карда шудааст;

– нақши профессор О.Б. Боқиев дар омӯзиш ва таҳқиқи вазъияти сиёсӣ, сохтори маъмурӣ ва идории ҳудудҳои Тоҷикистони муосир дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX нишон дода шудааст;

– сабабҳо, ангезаҳо, рафт ва хусусиятҳои истилои ҳудудҳои Тоҷикистони муосир аз тарафи Русияи подшоҳӣ, ҳамчунин, натиҷаҳо ва паёмадҳои мусбат ва манфии он дар осори профессор О.Б. Боқиев таҳқиқ ва пайгирӣ гардиданд;

– саҳми профессор О.Б. Боқиев дар омӯзиши масоили мубрами иҷтимоӣ-иқтисодии халқи тоҷик дар нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX муайян карда шудааст;

–масоили таърихи халқи тоҷик дар таърихнигории тоинқилобии рус дар асоси осори О.Б. Боқиев мушаххас карда шуд;

–раванди истило гардидани ҳудудҳои Тоҷикистони Шимолӣ муосир аз тарафи Русияи подшоҳӣ ва сабабу паёмадҳои он дар таҳқиқоти илмии профессор О. Б.Боқиев муайян гардид;

–инъикоси масъалаи ҳамроҳшавӣ ва забти ҳудудҳои Помир аз тарафи Русияи подшоҳӣ ва паёмадҳои он барои минтақа мушаххас карда шуд.

**Нуқтаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда:** Дар асоси таҳлилу омӯзиши осори профессор О.Б. Боқиев оид ба таърихи нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX-и ҳудудҳои Тоҷикистони муосир матлабҳои зерин ба ҳимоя пешниҳод мешаванд:

1. Корманди шоистаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои таърих, профессор О.Б. Боқиев дар рушду инкишоф ва ташаккули илми таърихнигории тоҷик саҳми арзишманд дорад. Ӯ дар радифи дигар муҳаққиқони варзидаи Тоҷикистон дар саргаҳи ташаккули илми таърихнигории ватанӣ қарор дошта, доир ба умдататарин масоили он, бахусус, инъикоси таъриху фарҳанги Осиёи Миёна, аз ҷумла, ҳудудҳои Тоҷикистони кунунӣ дар таърихнигории тоинқилобии рус асарҳои гаронарзиши илмӣ таълиф намудааст. Осори таълифкардаи профессор О.Б. Боқиев ба инъикоси таърихи Тоҷикистон дар адабиёти таърихии тоинқилобии рус бахшида шудаанд, ки таҳқиқоти бунёдӣ доир ба ин мавзуъ ба шумор мераванд. Профессор О.Б. Боқиев дар омода кардани кадрҳои баландихтисоси таърихнигории ватанӣ саҳми қобили мулоҳиза дорад. Қобилияту маҳорат ва  сифатҳои барҷастаи шахсию касбии ӯ дар ин самти фаъолияташ ба таври равшан ошкор гардида, ҳайати ҳамкорону шогирдонаш ӯро ҳамчун омӯзгор ва мураббии асил пазируфта буданд.

2. Инъикоси таърихи Осиёи Миёна, бахусус, ҳудудҳои муосири Тоҷикистон дар таърихнигории тоинқилобии рус дар пажӯҳиши илмӣ-таҳқиқотии профессор О.Б. Боқиев ҷойгоҳи асосӣ дорад. Ҳамзамон, вазъи сиёсӣ ва сохтори ҳудудиву маъмурии ҳудудҳои Тоҷикистони муосир дар охири асри XIX ва инъикоси он дар таърихнигории тоинқилобии рус яке аз мавзуъҳои

меҳварии таҳқиқоти профессор О.Б. Боқиев ба шумор меравад. Осори профессор О.Б. Боқиев дар асоси омӯзишу таҳлили сарчашмаҳои гуногуни таърихнигории тоинқилобии рус ва муқоисаи онҳо бо маълумоти маводди бойгонӣ таълиф гардидааст, бинобар ин, доир ба масъалаҳои мубрами таърихи ҳудудҳои Тоҷикистони муосир дар охири асри XIX ва оғози асри XX арзиш ва аҳаммияти беандозаи илмӣ доранд.

3. Дар осори О.Б. Боқиев дар такя ба маълумоти муҳаққиқони тоинқилобӣ вазъи хоҷагии деҳоти ҳудуди Тоҷикистон дар нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX инъикос гардидааст. Муаррих таъсири сиёсати мустамликавии ҳукумати Русияи подшоҳиро ба ҳаёти хоҷагии деҳоти Тоҷикистон, ки аксаран ба заминдорӣ шуғл доштанд, бо далелҳои амиқу дақиқ нишон додааст. Махсусан, тағйирот дар низоми заминдорӣ ва андозу хироҷ, ки бештар ба қисми шимолии Тоҷикистон рост меомад, диққати муаррихро ҷалб намудааст. Дар осори ӯ вазъи хоҷагии деҳоти ҳудудҳои мухталифи Тоҷикистон муқоиса шуда, дар маҷмуъ, ин тағйиротро ба манфиати халқ арзёбӣ накардааст. Ҳамчунин, дар робита ба вазъи иҷтимоӣ профессор О.Б. Боқиев аввалин муаррихе мебошад, ки вазъи мардикориро аз ҳисоби мардуми Тоҷикистон мавриди инъикосу омӯзиш қарор додааст. Инчунин, вазъи саноат, ҳунармандӣ ва муносибатҳои тиҷоратӣ дар ҳудудҳои Тоҷикистони муосир дар осори О.Б. Боқиев инъикос гардидааст.

4. Масъалаи забт ва ҳамроҳ гардидани ҳудудҳои муосири Тоҷикистони Шимолӣ ва Помир аз тарафи Русияи подшоҳӣ низ аз мавзуъҳое мебошад, ки дар меҳвари пажӯҳиш ва таҳқиқоти илмии профессор О.Б. Боқиев қарор дошта, доир ба онҳо осори арзишманди илмиро таълиф намудааст. Ӯ аз миёни муҳаққиқони ватанӣ нахустин шуда мавзуи мазкурро дар асоси омӯзиши васеъ ва таҳлили амиқи маводди гуногунмазмуни таърихнигории тоинқилобии рус инъикос намудааст. Сабабҳо, раванд, хусусиятҳо, моҳият, мақсад, дигаргуниҳо, натиҷаҳо ва паёмадҳои мусбат ва манфии забт ва ҳамроҳ гардидани ҳудудҳои Тоҷикистони муосир аз тарафи Русияи подшоҳӣ дар осори илмии профессор

О.Б. Боқиев аз дидгоҳи танқидии илмӣ тасвир карда шудаанд. Ӯ ҳар як ҳодиса ва далелҳои марбут ба ин мавзуъро холисона ва дақиқназарона омӯхта, арзёбӣ кардааст. Профессор О.Б. Боқиев дар асоси омӯзиши маводди таърихнигории тоинқилобии рус муайян кардааст, ки манотиқи имрӯзаи Тоҷикистони шимолӣ, ба истиснои шаҳраки Нов ва баъзе деҳкадаҳои болооби Зарафшон, бо роҳи фишорҳои ҳарбӣ аз тарафи қушунҳои Русияи подшоҳӣ забт карда шудаанд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва илмию амалии таҳқиқ** аз он иборат аст, ки натоиҷи таҳқиқоти диссертатсионии мазкурро метавон дар омӯзишу таҳлили марҳилаҳои мубрами таърихи халқи тоҷик махсусан, вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии ҳудудҳои Тоҷикистон дар нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX истифода намуд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқ дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳои онро метавон ҳангоми таҳияи маводди гуногуни илмӣ, таълимию методӣ ва хондани курсҳои махсус барои ихтисосҳои таърихи донишкадаву донишгоҳҳои олии кишвар мавриди истифода қарор дод. Маводди диссертатро, ҳамчунин барои омӯзиш ва равшану возеҳ гардонидани масъалаҳои мубрами таърихнигорӣ ва сарчашмашиносии таърихи халқи тоҷик дар охири асри XIX ва оғози асри XX мусоидат менамояд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ дар** дақиқ будани маълумот, истифодаи сарчашмаҳои расмӣ, кофӣ будани ҳаҷми маводди таҳқиқӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот ва ҳаҷми интишорот, гузарондани таҳқиқи эътимодноки диссертатсионӣ ифода меёбад. Хулосаҳо ва пешниҳодҳои мушаххас дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назарӣ ироа карда шудаанд.

**Мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуи таҳқиқот бо шиносномаи ихтисоси 6.1.5. Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ мувофиқат менамояд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ.** Саҳми шахсии диссертант бо сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмии ба ҳимоя

пешниҳодшаванда, мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ, ҳамчунин, тарзи баён, масъалагузорӣ ва равиши таълифи диссертатсия зоҳир мегардад. Ҳамаи марҳалаҳои таҳқиқот – интихоби мавзуъ, асосноккунӣ, аҳаммияти он, муайян намудани ҳадафи асосии таҳқиқ ва иҷрои вазифаҳои гузошташуда бо иштироки муаллифи рисола анҷом дода шудаанд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқ.** Диссертатсия дар кафедраи таърихнигорӣ ва архившиносии факултети таърихи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода шуда, ду маротиба дар ҷаласаҳои кафедраи номбурда мавриди муҳокима қарор гирифтааст. Масъалаҳои марказии таҳқиқот дар конференсияҳои илмӣ дар шакли маърӯза пешниҳод шудаанд. Аз рӯйи мавзуи диссертатсия муаллиф 6 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии Вазорати маориф ва илми Федератсияи Русия ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ду мақола дар конференсияҳои илмӣ-ҷумҳуриявӣ ба табъ расонидааст.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқот ва муқаррароти диссертатсия дар 4 мақолаи илмии маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 2 мақолаи илмӣ дар маҷмуи мақолаҳои конференсияҳои илмӣ-назариявӣ интишор гардидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз мундариҷа, номгӯи ихтисораҳо, муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулоса ва рӯйхати сарчашмаҳо ва адабиёти истифодашуда иборат буда, дар ҳаҷми 177 саҳифаи матни компютерӣ навишта шудааст.

# БОБИ 1. ИНЪИКОСИ ВАЗЪИ СИЁСӢ ВА СОХТОРИ МАЪМУРИИ МИНТАҚАҲОИ МУОСИРИ ТОҶИКИСТОН ДАР НИМАИ ДУЮМИ АСРИ XIX ВА ОҒОЗИ АСРИ XX ДАР ТАҲҚИҚОТИ О.Б. БОҚИЕВ

## 1.1. Таҳқиқи ҳаёт ва фаъолияти илмии профессор О.Б. Боқиев

Илми таърихнигории халқҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла халқи тоҷик нисбатан ҷавон буда, муҳаққиқон ва мунаққидони ин соҳа хеле ангуштшуморанд. Дар ин ҷодаи пурмасъулият ва мураккаби илм олимони барҷаста ва муҳаққиқони варзида, аз қабили Б.А. Литвинский, Б.В. Лунин, Н.М. Акрамов, Р.М. Масов, Ҳ. Пирумшоев, К. Абдуллоев ва дигарон таҳқиқоти боарзиши илмӣ анҷом додаанд. Вале бисёр ҷанбаҳои таърихнигории таърихи халқи тоҷик, аз ҷумла, инъикоси таърихи манотиқи муосири Тоҷикистон дар охири асри XX дар таърихнигории тоинқилобии рус мавриди пажӯҳиши ҷиддии илмӣ қарор нагирифтааст.

Дар ин самт хидмат, саҳм ва пажӯҳишҳои илмӣ-таҳқиқотии доктори илмҳои таърих, профессор Олуболу Боқиев дар рушду инкишофи илми таърихнигорӣ ва ба омӯзиши ин соҳа ҷалб гардидани ҷавонони соҳибистеъдод ҷойгоҳи хос ва арзанда дорад. Олуболу Боқиев яке аз нахустин мунаққидони илми таърихнигории тоҷик ба ҳисоб рафта,  чун таърихнигори соҳибтаҷриба осори илмии боарзишеро ба мерос гузоштааст. Бояд ёдовар гардид, ки саҳми ин муҳаққиқи «пуркор ва пажӯҳишгари боғайрат дар пешрафти илми таърихнигории тоинқилобии халқҳои Осиёи Миёна, махсусан халқи тоҷик бениҳоят бузург аст» [128].

Профессор О.Б. Боқиев дар раванди фаъолияти худ дар рушди илми таърихнигорӣ ва омода намудани кадрҳои илмии ҷавони Тоҷикистон саҳми бузургеро гузоштааст. Далели хидматҳои шоёни ин муаррихи барҷаста дар рушди илми тоҷик, пеш аз ҳама, қадрдониҳои ҳукумати вақт нисбати ӯ ба ҳисоб меравад. Аз ҷумла, аз ҷониби Вазорати маорифи Тоҷикистон ва Иттифоқи

ҷавонони Тоҷикистон О.Б. Боқиев ба нишони «Аълочии маорифи Тоҷикистон», «Аълочии макотиби олии ИҶШС», «Собиқадори меҳнат», «Корманди шоистаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва ғайра қадрдонӣ шудааст [125]. Ҳамчунин, О.Б. Боқиев чандин сол узви Шурои диссертатсионии ҳимояи рисолаи докторӣ аз рӯйи ихтисоси таърих дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи илмҳои Тоҷикистон (ҳоло АМИТ) буд. Зери роҳбарии ӯ зиёда аз даҳ нафар рисолаи номзадӣ ва як нафар рисолаи докторӣ ҳимоя намудааст. «Ҳангоме ки ба фаъолияти илмӣ-таҳқиқотии профессор О.Б. Боқиев назар меафканем, маълум мегардад, ки диққати асосиро ӯ бештар ба таҳқиқи таърихнигории таърихи Осиёи Марказӣ ва Тоҷикистон ва инъикоси он дар таърихнигории тоинқилобии рус равона намудааст. Зиёда аз 200 асари илмӣ, мақола, барномаҳои таълимӣ ва ёрирасон доир ба мавзуи зикршуда аз ҷониби ӯ дар Тоҷикистон ва Русияву Қазоқистон ба нашр расидааст» [62].

Доктори илмҳои таърих, профессор Боқиев Олуболу Боқиевич 25-уми майи соли 1934 дар ноҳияи Рӯшони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон таваллуд шуда, 19-уми феврали соли 1999 дар шаҳри Душанбе вафот кардааст. Айёми кӯдакию наврасии ӯ дар яке аз деҳаҳои водии Хуфи ноҳияи мазкур сипарӣ гардидааст. Ҳангоми таҳсил дар мактаб ӯ бештар аз ҳама ба фанҳои риёзиву физика рағбати хос дошт [150]. «Вале, – мегӯяд ӯ, – тарзи баёну ширингуфториҳои омӯзгори фанни таърихи мо Баҳром Ниёзов дар синфҳои болоӣ роҳи минбаъдаи ҳаёт ва интихоби касбамро аниқ муайян карданд. Ин омӯзгор таърихи рангини гузаштаи дуродури Ватан, корнамоиҳои Шераку Муқаннаъ, Темурмалику Пугачёв, Александр Невскию дигаргунсозиҳои Пётри I, муборизаи декабристону халқчиёни солҳои 70-уми асри XIX, фаъолияти инқилобчиёни русро тарзе ҳикоят менамуд, ки мо мактаббачаҳо ҳастии худро он соатҳо қариб фаромӯш мекардем. Дар кунҷи дилам орзуе мепарваридам, ки бояд ҳатман давомдиҳандаи кори ӯ бошам» [128].

Аз ин порчаи фавқ бармеояд, ки О.Б. Боқиев аз ибтидо саргузашт ва рӯзгори ниёгонро бениҳоят дӯст медошт ва нисбат ба омӯзиши он завқу шавқи зиёд зоҳир мекард. Ҳамин ишқу муҳаббати бепоён ба ӯ даст додааст, ки паҳлуҳои норӯшани таърихии ғании халқҳои Осиёи Миёна, махсусан, тоҷиконро мавриди омӯзиш ва таҳлилу таҳқиқ қарор диҳад. Ӯ ба омӯзиши ҳар масъалаи таърихӣ, чун вазъи кишвар, хоҷагии халқ, саноату тиҷорат, аҳволи мардуми меҳнаткаш, андозу уҳдадориҳои феодалӣ, саргузашти талхи заҳматкашон, муборизаҳои халқӣ дар аҳди мустамликадорӣ, нооромию носозиҳои замони тираву тор, зулму ситами ашрофон, қурбонию ҷонбозиҳои озодандешон, комёбиву дастовардҳо ва дигар паҳлуҳои он ҷиддӣ ва мӯшикофона муносибат кардааст. Зимнан, бояд ёдовар шуд, ки дар ин кори бағоят пурмасъулияту мураккаб на ҳар касе ба ҳадафи ниҳоӣ ва аслӣ даст меёбад. Аммо дониши касбӣ, диди фарох ва назари васеи муҳаққиқӣ ба профессор О.Б. Боқиев имкон додааст, ки ҳар масоили таърихиро аз нигоҳи адлу инсоф ва қарзи виҷдон баррасӣ ва ҳаллу фасл намояд.

О.Б. Боқиев соли 1953 пас аз хатми мактаби миёнаи ба номи С.М. Кирови шаҳри Хоруғ донишҷӯи Дорулмуаллимини шаҳри Самарқанд мегардад. Таҳсил дар факултети таърихи  Дорулмуаллимин нахустин зинаи камолоти ӯ ба шумор меравад. Дар андак муҳлат ӯ ҳамчун донишҷӯи фаъол ва ташаббкскор ба гирифтани стипендияи ба номи Т.Г. Шевченко ноил мешавад. Бо шарофати фаъолияти босамар, омӯзгорони ин даргоҳи илм, сайъу талош ва кӯшишҳои пайваста ӯ аз гузаштаю имрӯзи таърихи халқи тоҷик ва ҳаёти дигар мардумони ҷаҳон ба таври муфассал огоҳ мегардад. Соли 1955 ӯ шуъбаи таърихи факултети таърих ва филологияи Донишкадаи давлатии омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Самарқандро бо баҳои аъло хатм менамояд. Пас аз таҳсил, ӯ бо роҳхати Вазорати маорифи ҷумҳурӣ ҳамчун омӯзгори фанҳои ҷамъиятшиносӣ ба мактаби ҳафтсолаи ба номи Ф. Энгелси ноҳияи Ғарм (ҳоло ш. Рашт) фиристода мешавад. Ӯ дар мактаби номбурда ба хонандагон аз фанҳои таърих ва ҷуғрофиё

дарс мегӯяд. Вале кору фаъолияти ӯ ба ҳайси омӯзгор дар ин мактаб ҳамагӣ як сол (1955–1956) давом мекунад [127].

Офаридаҳои илмвиу таҳқиқотии ин муҳаққиқи пухтакор, ҳам аз ҷиҳати сифат ва ҳам миқдор, шоистаи ибрат аст. Ба қалами ӯ беш аз 200 асару мақолаи илмиву таҳқиқотӣ, оммавӣ ва дастурҳои ёрирасони илмӣ-методӣ мутааллиқ аст. Мавзуи асосии таҳқиқоти ӯро масоили заминдорӣ дар Осиёи Миёна, шаклҳои андозу уҳдадориҳои феодалӣ, мардикорӣ дар Тоҷикистони тоинқилобӣ, рақобати Англия ва Русия доир ба масъалаи ба Русия пайвастани ҳудуди Тоҷикистон, аз ҷумла, забт ва ҳамроҳшавии Помир, натиҷаҳои мусбати он, инъикоси равобити тиҷоратӣ ва умуман авзои иқтисодиву иҷтимоии ҳудуди Тоҷикистони кунунӣ аз назари ховаршиносони рус ва ғайра ташкил медиҳанд [126]. Зимнан, бояд эътироф намуд, ки аксари ин масъалаҳо дар асару мақолаҳои О.Б. Боқиев возеҳу саҳеҳ дарҷ ёфтаанд.

Профессор О.Б. Боқиев ҳангоми суҳбат бо наздикону пайвандон ва ҳамкоронаш ҳамеша як нуктаи ҷолиберо зикр кардааст, ки майл ва завқу шавқи омӯзиши амиқи саргузашт ва таърихи ниёгон ӯро ҳеҷ гоҳ ором намегузошт. Аз ин рӯ, ӯ ҳамеша барои расидан ба ин мақсад талош мекард.

Бо ин ҳадаф О.Б. Боқиев соли 1956 пас аз бомувафаққият супурдани имтиҳоноти дохилшавӣ донишҷӯи шуъбаи таърихи факултети таъриху филологияи Университети  давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин (ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) мегардад. Аз рӯзҳои нахустини донишҷӯӣ истеъдод ва маҳорати ӯ дар рафти таҳсил ва ҳаёти факултети таъриху филология ошкор гардид. Омӯзиши пайраҳаи ҳаёт ва фаъолияти босамари илмӣ-педагогии ӯ нишон медиҳад, ки қобилияти баланди ташаббускорӣ, иштирок дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва рағбати бепоёни ӯ ба омӯзиш ва таҳқиқи масоили таърихӣ маҳз дар ҳамин марҳилаи такомули касбӣ ва шахсии ӯ бараъло зоҳир гардидаст.

Пас аз муддати андаки таҳсил, ӯ ба ҳайси раиси Шурои хобгоҳҳои донишҷӯёни Университети давлатии Тоҷикистон бо номи В.И. Ленин таъйин карда мешавад. Аз рӯйи уҳдадориаш ӯ мебоист дар баробари дар сатҳи зарурӣ аз худ намудани дониш ва боло бурдани савияи касбӣ, ҳамзамон, тартибу низоми будубош ва шароити маишӣ ва дарстайёркунии донишҷӯёнро назорату таъмин мекард. Ҳангоми фаъолият дар ин бахши ҳаёти ҷамъиятӣ низ О.Б. Боқиев ҷаҳду талош, иродаи қавӣ, азхудгузаштагӣ ва матонат нишон медод. Дар баробари иҷрои вазифаҳои ҷамъиятӣ, бо талош ва ташаббусҳои шахсии ӯ дар хобгоҳҳои донишгоҳ зуд-зуд вохӯрии донишҷӯён бо олимону адибони маъруфи кишвар баргузор мегардиданд. Ҳамчунин, семинарҳои илмӣ ташкил карда мешуданд, ки дар он устодони донишгоҳ ва донишҷӯён бо гузориш ба баромадҳо фаъолона иштирок мекарданд. «О.Б. Боқиев вазифаи сардори маҳфили илмии «Таърихи КПСС»-ро низ бар уҳда дошт» [125].

Бояд гуфт, ки О.Б. Боқиев чун донишҷӯи фаъол ва масъулиятписанд аз уҳдаи ҳамаи вазифаҳои зикршуда бо сарбаландӣ ва шоистагӣ мебаромад. Дар ин маҳфил бо сайъ ва ташаббуси О.Б. Боқиев мавзуъҳои мухталифи таърихӣ мавриди баҳси доманадори донишҷӯён қарор мегирифтанд.

Донишу малака, сифатҳои касбӣ ва шахсии О.Б. Боқиев ҳангоми роҳбарии маҳфили зикршуда беш аз пеш намудор мегардид. Чунончи, яке аз роҳбарони умумии маҳфили «Таърихи КПСС», дотсент А. Аҳадов – он рӯзҳоро ба хотир оварда чунин навиштааст: «Маҳфил он солҳо руҳияи хоссаи худро дошт. Дар радифи таърихшиносон, математику физикҳо, геологу биологҳои оянда низ аъзои фаъоли он буданд. Доир ба ҷузъитарин масоили таърих баҳсу талоши донишҷӯён ба вуқуъ мепайваст. Сардори маҳфил Олуболу Боқиев ҳамеша ҳаками баҳсу мунозира буд. Ӯ ҳар як баҳси ба амал омадаро бурдборона, саҳеҳу возеҳ ва оромона бартараф месохт, ақидаи хешро баён менамуд ва дар охир аз номи аъзои маҳфил аз ман хоҳиш мекард, ки ёрии худро дареғ надорам...» [126]. Ҳамин тавр, Олуболу Боқиев Соли 1961 факултети таърихи Донишгоҳи

давлатии Тоҷикистон ба номи В. И. Ленин (ҳоло ДМТ)-ро бо дипломи «аъло» ба поён расонда, ба «Сектори ҷамъияти советӣ»-и Институти таърих ба номи Аҳмади Дониши Академияи илмҳои Тоҷикистон роҳхат мегирад. Ӯ дар ин ҷо аз моҳи августи соли 1961 то моҳи ноябри соли 1963 ба ҳайси лаборанти калон кор мекунад [125]. Ҳангоми фаъолият ва ҳамкорӣ бо олимони варзида дар ин муассисаи илмӣ-таҳқиқотӣ ӯ нозукиҳои зиёди тадқиқ ва пажӯҳиши таърихиву ва таърихнигориро аз худ намуд. Бояд ёддовар шуд, ки нахустин қадамҳои ӯ ба шоҳроҳи илми таърихнигорӣ ба ҳамин давра мутааллиқанд. Аввалин мақолаҳои илмии ӯ доир ба масоили дахлдори таърихнигории халқи тоҷик низ ҳангоми фаъолият дар ин даргоҳи илм ба нашр мерасанд.

Фаъолияти босамар, сифатҳои касбӣ ва шахсии ӯро ба назар гирифта, моҳи ноябри соли 1963 ба ҳайси муаллими калони кафедраи таърихи умумии Донишгоҳии давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин (1963–1965) ба кор даъват карда мешавад [125].

Кору фаъолияти омӯзгорӣ ва илмиву таҳқиқотӣ дар факултети таърихи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин зинаи дигари боаҳаммияти пайроҳаи касбии профессор О.Б. Боқиев ба шумор меравад. Дар ин вазифа низ ӯ ҳамеша барои такмили малака ва сифатҳои касбиву шахсии худ талош карда, ба зудӣ дар миёни ҳайати ҳамкасбон ва донишҷӯёни факултаи таърих соҳиби обрӯву эътибори зиёд гардид ва ҷанбаҳои гуногуни шахсияти ӯ дар рафти таълим ва ҳаёти ҷамъиятӣ бармало зоҳир гардиданд. О.Б. Боқиев дар муддати се сол ба таълими донишҷӯён машғул гардида, ҳамзамон, аз дониш ва таҷрибаи ғании устодони собиқадор баҳравар мегардид. Ёддоштҳои ҳамкорони ӯ дар факултаи таърихи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи Ленин шаҳодат медиҳад, ки ӯ ҳамвора аз дарсҳои устодони ботаҷриба ва дорои унвони илмӣ суд ҷуста, пайгирона вижагиҳо ва нозукиҳои таълиму тадрис ва пешаи омӯзгориро аз худ мекард [128].

Фаъолият дар миёни олимон ва муҳаққиқони шинохтаи илми таърих боиси он гардид, ки О.Б. Боқиев ҷиддан ба таҳқиқ ва пажӯҳиши илмӣ рӯ оварад. Ҳамзамон, ҳангоми кор дар факултети таърих ин хоҳиш ва завқи дерина ҳамеша ӯро ҳамроҳӣ мекард. Дар давоми се соли фаъолият дар факултаи таърих ӯ алакай дониш, таҷриба ва малакаҳои зарурии пардохтан ба фаъолияти тахассусии илмиро аз худ намуда, бо азму иродаи қавӣ барои таҳсил дар зинаи аспирантура ва ҳимояи рисолаи номзадӣ ба таври ҷиддӣ омода гардид.

Нимаи дуюми солҳои 50-ум ва оғози солҳои 60-уми асри XX давраи рушду нумуви соҳаҳои илм, аз ҷумла, илми таърих дар Тоҷикистон ба шумор меравад. Дар ин давра дар кишвар алакай заминаҳои лозимии инкишоф ва ривоҷу равнақи илми таърих ба вуҷуд омада, дурнамои ташаккули минбаъдаи соҳаҳои он низ муайян гардида буд. Вале бояд ёдовар гардид, ки норасоӣ ва омода кардани кадрҳои баландихтисоси маҳаллӣ яке аз мушкилоти асосӣ ба шумор мерафт. Ин масъалаи мубрам ҳамеша дар мадди назари роҳбарияти ҷумҳурӣ қарор дошта, барои бартараф кардани он чораҳои зарурӣ андешида шуданд. Чунончӣ, марказҳои пешқадами илмӣ-таҳқиқотии гуногуни Иттиҳоди Шуравӣ ва олимону муҳаққиқони шуравӣ дар омода кардани кадрҳои илмии маҳаллӣ аз ҳисоби ҷавонони болаёқат нақши бузургро иҷро карданд. Кадрҳои маҳаллӣ пас аз хатми ин марказҳои бонуфуз ва пешбари илмӣ ба Тоҷикистон баргашта, дар рушду инкишоф ва ташаккули шохаҳои гуногуни маъориф ва илми ватанӣ саҳми арзанда ва намоён гузоштанд.

Дар робита бо нуктаи мазкур, О.Б. Боқиевро пас аз се соли фаъолият дар факултаи таърихи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В. И. Ленин зинаи навбатии такомули касбӣ ва шахсӣ дар шоҳроҳи бузург, пуршараф ва беканори илм интизор буд. Дониш, лаёқат ва малакаҳои касбии ӯ дар ин муддат аз назари роҳбарият ва ҳайати олимону муҳаққиқони ботаҷрибаи муассиса пинҳон намонд, бинобар ин, ӯро барои таҳсил ва ҳимояи рисолаи илмӣ дар хориҷ аз кишвар тавсия доданд. Соли 1965 О.Б. Боқиев тариқи қарордод барои таҳсил

дар зинаи аспирантура ба Донишгоҳи давлатии Ленинград (ҳоло Санкт-Петербург) ба номи А.А. Жданов роҳхат гирифт [137]. Ҳамин тавр, О.Б. Боқиев аспиранти кафедраи таърихи СССР-и донишгоҳи мазкур гардид.

Тавре зикр гардид, аз рӯзҳои нахусти фаъолият дар Институти таърихи ба номи А. Дониши Академияи илмҳои Тоҷикистон О.Б. Боқиев дар баробари дигар масъалаҳои мубрами таърих, ба таърихнигории халқи тоҷик мароқи хосса зоҳир карда буд. Пеш аз ҳама, диққати ӯ ба инъикоси таърихи халқи тоҷик, хусусан, ҳудудҳои Тоҷикистони муосир дар таърихнигории тоинқилобии рус нигаронида шуда буд, ки дар он давра яке аз масоили боаҳаммият ва ҳамзамон, дастнахӯрдаи самти таърихи ватанӣ ба шумор мерафт. Бо вуҷуди набудани таҳқиқоти фарогир ва бунёдӣ, пароканда будани маводди зарурӣ дар бойгониҳои шаҳрҳои гуногуни Иттиҳоди Шуравӣ ва дигар мушкилиҳои дахлдор, О.Б. Боқиев масъалаи инъикоси таърихи Тоҷикистони муосирро дар таърихнигории тоинқилиобии рус (нимаи охири асри XIX – аввали асри XX) дар маркази пажӯҳиши илмии худ қарор дод.

Бо ин мақсад, мавзуи таҳқиқоти илмии ӯ бо номи «Инъикоси сохти иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистони муосир дар нимаи дуюми асри XIX дар адабиёти таърихии тоинқилобии рус» тасдиқ гардид, ки ба хоҳиш ва хостаҳои ӯ ба масъалаи мазкур пайванди ногусастанӣ дошт. Роҳбари илмии ӯ яке аз дастпарварони Донишгоҳи давлатии Ленинград ба номи А.А. Жданов, олими шинохта, мутахассиси варзидаи соҳаи таърихнигорӣ, доктори илмҳои таърих, профессор С.М. Окун таъйин карда мешавад [145]. Аз рӯзҳои нахустини таҳсил дар зинаи аспирантура О.Б. Боқиев бо роҳнамоии профессор С.М. Окун ба омӯзиши маводди бойгонӣ ва адабиёти зарурӣ пардохта, фишурдаи маълумоти онҳо, қайдҳо ва хулосаҳои шахсии худро дар бобати онҳо ёддошт ва ҷамъоварӣ мекард. Ӯ ҳамзамон, аз дигар олимони шинохтаи Донишгоҳи давлатии Ленинград ба номи А.А. Жданов, аз ҷумла, профессорон – Н.Г. Сладкевич. Л.С. Семёнов, Е.Я. Люстерник, И.В. Погорелский ва Б.А. Ромодин нозукиҳои

равиши таҳқиқро аз худ кард. Қобили зикр аст, ки роҳбари илмии ӯ ва дигар олимони факултаи таърих ва умуман, муҳити илмии Донишгоҳи давлатии Ленинград дар ташаккули шахсияти ӯ ҳамчун муҳаққиқ ва таърихнигори касбӣ нақши назаррас гузоштанд.

О.Б. Боқиев ҳангоми таҳсил дар зинаи аспирантура дар натиҷаи омӯзишу таҳлили маводди сершумори бойгонӣ ва адабиёту сарчашаҳои лозимӣ бо паҳлуҳои мухталифи мавзуи таҳқиқшаванда шинос гардида, оид ба он маълумоти фаровон, дониши амиқ ва диди хоссу фарох ҳосил намуд. Азми қавӣ, мақсади муайян ва хоссатан ҷаҳду талоши пайвастаи ӯ дар роҳи илму таҳқиқ дар ин давра боз ҳам барҷастатар ба назар мерасад. Аз ёддоштҳои шахсии ӯ бармеояд, ки қисми зиёди вақти ӯ рӯзона дар бойгониҳо ва китобхонаҳои марказӣ барои омӯзиши маводду санадҳо ва шабона ба таҳлилу натиҷагирии маълумот ва мазмуну муҳтавои онҳо сипарӣ гардидааст [129].

Ниҳоятан, дастгирӣ ва роҳнамоиҳои роҳбари илмӣ ва кӯшишу талошҳои пайгиронаи О.Б. Боқиев дар шоҳроҳи илм самараи худро ба бор овард ва баъди анҷоми таҳсил дар зинаи аспирантура 3-юми марти соли 1969 ҳимояи рисолаи номзадии ӯ таҳти унвони «Сохти иқтисодиву иҷтимоии Тоҷикистони нимаи дуюми асри XIX дар адабиёти таърихии тоинқилобии рус» дар Шурои илмии назди Донишгоҳи давлатии Ленинград ба номи А.А. Жданов бо муваффақият дифоъ гардид. [155]. Ҳамин тавр, пас аз анҷоми бомуваффақияти рисолаи номзадӣ ӯ аз нав ба факултети таърихи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин (ҳоло ДМТ) бармегардад. Ӯ сараввал муаллими калон, сониян иҷрокунандаи вазифаи дотсент ва аз моҳи марти соли 1972 ба ҳайси дотсенти кафедраи таърихи ИҶШС дар факултаи таърихи донишгоҳ фаъолияти худро давом медиҳад.

Бо дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих О.Б. Боқиев то охири умри хеш дар факултети таърихи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин (ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) ба фаъолияти илмӣ-

таҳқиқотӣ ва омӯзгорӣ машғул гардид. Бештари дастовардҳои илмию педагогии Олуболу Боқиев маҳз самараи ин давраи фаъолияти ӯ мебошанд. Масалан, ӯ пас аз такмил, коркард ва тағйиру иловаҳои зиёде мавзуи рисолаи номзадиашро ба сифати монографияи илмӣ зери унвони «Вазъи иқтисодиву иҷтимоии Тоҷикистон дар таърихнигории тоинқилобии рус» (нашриёти «Ирфон», Душанбе, 1976) ба табъ расид [65].

Қобили зикр аст, ки дар ин асари арзишманд заҳмати беш аз 10-солаи профессор О.Б. Боқиев ҷамъбаст ва натиҷагирӣ карда шудааст. Дар он масоили умдаи таъриху таърихнигории ҳудудҳои кунунии Тоҷикистон дар арафа ва пас аз ҷониби Русия ғасб гардидани Осиёи Миёна дар таърихнигории тоинқилобии рус мавриди таҳқиқи доманадори муқоисавӣ қарор дода шудааст. Яке аз вижагиҳои асосии монографияи профессор О.Б. Боқиев дар он аст, ки осори муҳаққиқони тоинқилобии русро бо дигар санаду маводди бойгонӣ қиёс карда, мазмуну мухтавои онҳоро ба таври ҷиддӣ арзёбӣ ва баррасӣ кардааст. Бо маврид аст, ки баҳои яке аз муаррихони намоёни рус, дотсенти кафедраи таърихи давраи феодализми Донишгоҳи давлатии Маскав ба номи М.В. Ломоносов Д.Ю. Араповро дар бораи монографияи О.Б. Боқиев зикр намоем: «Дар монографияи О.Б. Боқиев асарҳои муҳаққиқони руси нимаи дуюми асри XIX – ибтидои асри XX дар бораи аморати Бухоро мавриди таҳқиқ қарор ёфтааст. Ин асар дар таҳқиқи таърихнигории рус, аз ҷумла, доир ба умдатарин масоили он, чун масъалаи кишоварзӣ, муносибатҳои заминдорӣ, вазъи хоҷагии қишлоқ, ҳунармандиву саноат, тиҷорат ва амсоли ин принсипи муносибати проблемавӣ куллан риоя мегардад. Умуман монографияи О.Б. Боқиев дар омӯзиши инъикоси таърихи Осиёи Миёна, аз ҷумла тоҷикон дар таърихнигории тоинқилобии рус ҷойгоҳи хос дорад...» [128].

Бояд гуфт, ки эътирофи арзиши баланди асари ин муҳаққиқи тоҷик аз ҷониби олими сатҳи баланди умумиттифоқӣ дастоварди шоистаи илми таърихнигории ватанӣ ба шумор меравад.

Рӯйи чоп дидани мақолоту таълифоти нисбатан қавии ӯ аз қабили «Инъикоси таърихи Тоҷикистон дар таҳқиқоти шарқшиносони рус» [4], «Масоили заминдорӣ дар таҳлили шарқшиносони тоинқилобии рус» [138], «Вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии Тоҷикистон дар таърихнигории тоинқилобии рус» [65] ва ғайра [102; 139; 143] нишондиҳандаи фаъолияти муттасил ва ҷасорати илмии ӯ дар таърихнигории миллӣ ҳисоб меёбад [74, с.5-6].

О.Б. Боқиев аз соли 1972 то соли 1992 фаъолияти илмӣ-омӯзгорияшро ҳамчун дотсенти кафедраи таърихи ИҶШС идома медиҳад. Дар ин радиф, ӯ ба вазифаҳои маъмурӣ ва ҷамъиятӣ низ ҷалб гардид, ки онҳоро бо масъулият ва ҷиддияти хос иҷро намудааст. Масалан, ӯ солҳои 1980-1982 муовин ва солҳои 1982-1983 иҷрокунандаи вазифаи декани факултети таърихи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи И.В. Ленин таъйин гардид [136, с.42].

Аз ёддоштҳо ва мақолаҳои ҳамкорони профессор О.Б. Боқиев бармеояд, ки ҳангоми иҷрои ин вазифаҳои пурмаъсулият маҳорати баланди кордониву ташаббускории ӯ зоҳир гардидааст. Онҳо зикр кардаанд, ки ҳангоми иҷрои ин вазифаҳо ӯ бори дигар худро чун фарди усулгаро, кордон, серталаб, меҳнатдӯст, ҷиддӣ, вале дар айни замон, мунису ғамхор нишон дод. Пайваста талош мекард, то омӯзгорон дар таълиму тарбияи шогирдон хешро масъул донанд ва донишҷӯён, дар навбати худ, вазифаҳои худро пурра иҷро намоянд [125; 126; 127; 128]. Ҳангоми фаъолият дар вазифаҳои мазкур, ҳамзамон, О.Б. Боқиев узви Шурои илмию техникии Вазорати маълумоти олӣ ва миёнаи махсуси ҶШС Тоҷикистон, роҳбарии бахши алоқамандии таълим ва истеҳсолоти донишгоҳро ба уҳда дошт [62].

Донишу малака, маҳорату кордонӣ, серталабию масъулиятписандӣ ва сифатҳои дигари касбию шахсии профессор О.Б. Боқиев ҳамчун шахси баркамол нисбат ба дигар марҳалаҳо дар ин давраи фаъолияташ беш аз пеш зоҳир гардидаанд. Омӯзиши мақолаҳо ва ёддовариҳои ҳамкасбон, хотироти

шогирдон ва хатмкунандагони факултаи таърих далели равшани гуфтаҳои боло ба шумор мераванд.

Омӯзиши мавод оид ба фаъолияти илмӣ-омӯзгории О.Б. Боқиев нишон дод, ки дар муддати кӯтоҳ ӯ алакай дар миёни устодон ва донишҷӯёни факултаи таърих ва умуман, дар сатҳи донишгоҳ, ҳамчун омӯзгори кордону олими нуктасанҷ ном бароварда буд. Ҳамкорони О.Б. Боқиев ӯро ҳамеша ғарқи кор дармеёфтанд. Аммо боиси зикри хос аст, ки тадрис, иҷрои дигар уҳдадориҳо ва машғулияти пайваста ба ҷустору пажӯҳишҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ҳеҷ гоҳ ӯро аз иштироки фаъолона дар ҳаёти ҷамъиятӣ дар канор нагузоштааст. Чи тавре ёддовар гардидем, О.Б. Боқиев аз замони таҳсил дар мактаби миёна, Дорулмуаллимини шаҳри Самарқанд ва факултети таърихи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин вазифаҳои ҷамъиятиро ба уҳда дошта, онҳоро ҳамеша бо эҳсоси баланди масъулиятшиносӣ, азхудгузаштагӣ ва пайгирона ба иҷро расондааст [127].

Аз омӯзиш ва шиносоии пурра бо фаъолияти гуногунпаҳлу ва босамари О.Б. Боқиев чунин бармеояд, ки иштирок дар ҳаёти ҷамъиятӣ як ҷанбаи муҳимми фаъолияти ӯро ташкил медиҳад. Ҳангоми кору фаъолият дар факултаи таърихи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон, чун ҳамеша, О.Б. Боқиев вазифаҳо ва масъулиятҳои гуногуни ҷамъиятиро ба уҳда доштааст. Борҳо интихоб гардидани ӯ ҳамчун узви бюрои ташкилоти ҳизбӣ ва котиби ташкилоти ҳизбии факулта ва донишгоҳ намунаҳои боризи фаъолияти ҷамъиятии ӯ ба ҳисоб мераванд. Масалан, ӯ пас аз муддати кӯтоҳи фаъолият ба ҳайси муаллими калони кафедраи таърихи ҲКИШ ба вазифаи раиси Кумитаи иттифоқи касабаи донишгоҳ таъйин карда мешавад. Ӯ ин вазифаи бомасъулиятро аз соли 1971 то соли 1974 ба уҳда дошт. Гузоришҳои кумитаи номбурда дар давоми ин солҳо нишон медиҳанд, ки фаъолияти он дар замони роҳбарии О.Б. Боқиев дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда шудааст [137]. Илова бар ин, ӯ дар баробари дигар вазифаҳои бауҳдадошта ҳамчун узви фаъоли бахши идеологии Кумитаи ҳизбии

донишгоҳ, узви гурӯҳи назорати халқӣ, раиси бахши пайванди таълиму истеҳсолот ва комиссияи методии донишгоҳӣ низ будааст. Инҳо номгӯйи нопурраи вазифаҳо ва масъулиятҳое мебошанд, ки дар солҳои гуногун иҷро кардааст. Аз фаъолияти гуногунҷабҳаи О. Боқиев, бахусус иштироки пайвастаи ӯ дар корҳои ҷамъиятӣ дар ин давра бо итминони комил гуфта метавонем, ки ин низ яке аз марҳилаҳои асосии фаъолияти ҷамъиятии ӯ мансуб мегардад.

Шиносоӣ бо фаъолияти шоистаи профессор О.Б. Боқиев яке аз вижагиҳои дигари роҳи тайкардаи ӯро нишон дод, ки он ба ҳам тавъам будани фаъолияти босамари педагогӣ ва илмиву таҳқиқотӣ бо фаъолияти ҷамъиятӣ мебошад. Бояд қайд кард, ки ӯ вазифа ва масъулиятҳои базиммадоштаашро дар ин ду самти муҳимми ҳаёти илмӣ ва ҷамъиятии донишгоҳ собитқадамона ва софдилона иҷро кардааст. Чун ҳамеша беҳтарин хислатҳо ва сифатҳои касбӣ ва шахсии ӯ ҳангоми иҷрои ин масъулиятҳо ба таври барҷаста зоҳир гардидаанд.

Чуноне ки маълум гардид, бо дарназардошти донишу таҷриба, қобилияту малака ва сифатҳои барҷастаи касбӣ ва шахсӣ дар нимаи дуюми солҳои 70-ум ва оғози солҳои 80-уми асри XX О.Б. Боқиев ба иҷрои вазифаҳои пурмасъулияти идориву маъмурӣ ва ҷамъиятӣ ҷалб карда мешавад. Вале ӯ дар ин давра низ ҳамвора таҳқиқ ва пажӯҳиши масъалаҳои мавриди назарашро пайгирона идома медод. Омӯзишу таҳлили амиқи масъалаҳои мухталиф ва мубрами таърихи кишвар дар таърихнигории тоинқилобии рус чун ҳамеша дар маркази диққати ӯ қарор доштанд. Дар баробари фаъолияти бевоситаи омӯзгорӣ ва тарбияи кадрҳои баландихтисоси самти таърих дар давраи мазкур низ беш аз 80 асару мақолаҳои илмию оммавӣ ва методӣ самараи асосии фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ ва методии ӯро ташкил медиҳанд.  Мавзуи асосии асару мақолаҳои илмии ӯро масъалаи заминдорӣ дар Осиёи Миёна аз назари шарқшиносони тоинқилобии рус, шаклҳои андозу уҳдадориҳои феодалӣ дар давраи феодализм, инъикоси рушду инкишофи равобити тиҷоратии Осиёи Миёна бо Русия, вазъияти иҷтимоию иқтисодии ҳудуди Тоҷикистони имрӯза дар қарни XIX ва

инъикоси он дар асарҳои муҳаққиқони тоинқилобии рус ташкил медиҳанд. Масоили мазкур дар таҳқиқоти ӯ ба таври возеҳ, саҳеҳ ва дақиқназарона инъикос гардидаанд.

Нимаи дуюми солҳои 80-ум ва ибтидои 90-уми асри XX дар фаъолияти илмиву тадқиқотии О.Б. Боқиев марҳилаи нав ба вуқуъ пайваст. Дар ин давра ӯ дар ҳаёти ҷамъиятии факулта ва донишгоҳ нисбат ба марҳилаҳои пешин камтар иштирок карда, ҷиддан ба навиштани рисолаи доктории худ машғул мегардад. О.Б. Боқиев як қисмати тадқиқоташро ба сифати монографияи илмӣ бо номи «Инъикоси таърихи тоҷикон ва Тоҷикистон дар осори муҳаққиқони тоинқилобии рус» (Душанбе, 1991) ба чоп расонд [16]. Ӯ дар ин асари арзишманд доираи пажӯҳиши хешро ҳамаҷониба васеъ мегардонад ва масоили сершумореро, ба монанди равобити халқи рус бо мардуми Осиёи Миёна аз замонҳои қадим то ибтидои асри XIX, ҷамъоварии маводди таърихӣ доир ба халқҳои кишвари рус, инъикоси таърихи тоҷикон ва дигар халқҳои Осиёи Миёна то ҳамроҳшавӣ ба Русия, омӯзиши таъриху забони мардуми ин минтақаро дар марказҳои илмиву таҳқиқотии Русия бори нахуст ба риштаи таҳқиқ кашидааст [74, с.98-105]. Ҷомеаи илмии кишвар, бахусус доираҳои илми таърих ва таърихнигории кишвар асари О. Б. Боқиевро хело хуб пазироӣ карданд ва аҳаммияту мазмун ва муҳтавои он дар даҳҳо тақризҳои муаррихон дарҷ гардидааст. Аз ҷумла, узви вобастаи Академияи илмҳои Тоҷикистон, д.и.т., профессор, Р. Масов, академики Академияи илмҳои Тоҷикистон, д.и.т., профессор, А. М. Мухторов, д.и.т., профессор, Н. М. Акрамов ва дигарон ин асари гаронмояи О. Боқиевро «яке аз дастовардҳои муҳимми илми таърихнигории Осиёи Миёна» номидаанд [128].

Оғози солҳои 90-уми асри XX дар фаъолияти илмӣ-таҳқиқотии О.Б. Боқиев марҳалаи пурсамар ва ниҳоии камолоти касбию шахсии ӯ ба шумор меравад. То ин муддат ӯ таҳқиқоти ҷиддӣ ва доманадори илмии худро дар шакли рисолаи докторӣ барои ҳимоя омода кард. Бо вуҷуди мушкилиҳо ва дигаргуниҳо, соли

1991 барои О.Б. Боқиев соли неку ва босамар буд. Ӯ таҳқиқоти хешро дар соҳаи таърихнигорӣ ҷамъбаст намуд ва охири ҳамон сол рисолаи докториашро тахти унвони «Тоҷикистон дар таърихнигории тоинқилобии рус» дар Шурои махсуси ҳимояи рисолаҳои докторӣ дар назди Донишгоҳи давлатии Санкт-Петербург бомувафақият дифоъ мекунад [156; 157]. Муҳаққиқ дар рисолаи докторӣи хеш фаъолияти илми ховаршиносии тоинқилобии русро аз миёнаи асри XVIII то ибтидои асри XX дар хусуси омӯзиши таъриху фарҳанги Осиёи Миёна, азҷумла таърихи халқи тоҷик мавриди баррасӣ қарор дода, ҷойгоҳ ва саҳми онҳоро дар омӯзиши таърихи тоҷикону Тоҷикистон то ва пас аз забт гардидани Осиёи Миёна аз ҷониби Русия инъикос кардааст.

Боиси зикр аст, ки рисолаи докторӣ ва монографияи О.Б. Боқиев ягона таҳқиқи бунёдии илмӣ доир ба инъикоси таърихи Тоҷикистон дар таърихнигории тоинқилобии рус мебошад [16; 157]. Китоби мазкур аз ҷониби ҷомеаи илмии он давра баҳои баланд ва муносиб гирифт. Олимон ва муҳаққиқони барҷаста, муқарризон ва ҳамкорон ба он баҳои мусбат дода, арзиш ва аҳаммияти баланди онро арзёбӣ кардаанд. Ҳамон тавре, ки дар яке аз мақолаҳо, ки ҳаёт ва фаъолияти О.Б. Боқиевро инъикос менамояд, зикр шудааст: «...рисолаи доктории О.Б. Боқиев ба ғайр аз рӯйхати сарчашма ва адабиёти истифодашуда, 414 саҳифаро фаро мегирад, ки дар ҳар як саҳифаи он нақши муаллиф ба таври хеле барҷаста ва эҷодкорона мебошад, ки на дар ҳама рисолаҳои илмӣ чунин ҷиҳат ба назар мерасад» [128].

Баъди ҳимояи рисолаи докторӣ, ки ба замони оғози ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон рост меомад, ӯ фаъолияти худро дар кафедраи таърихи ватании Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон идома медиҳад. Дар шароити душвори солҳои нахустини соҳибистиқлолии кишвар низ ӯ пайваста ба омӯзиши паҳлуҳои гуногуни масъалаи инъикоси таърихи Тоҷикистон дар таърихнигории тоинқилобии рус машғул гардида, барои дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани таълиму тадрис, таҳияи дастурҳои таълимиву методӣ ва инкишофи илми

таърихнигории ватанӣ талош мекард. Сайъу кӯшиши ӯ дар ин самт низ зоеъ нашуд.

Боиси зикр аст, ки соли 1993 бо ташаббуси бевоситаи ӯ кафедраи таърихнигорӣ ва архившиносии факултаи таърихи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон (ҳоло ДМТ) таъсис ёфт. Ҳангоми фаъолият ба ҳайси мудири кафедраи навтаъсис тамоми донишу малака ва таҷрибаи андӯхтаи илмӣ-омӯзгории худро барои аз ҳисоби донишҷӯён омода ва тарбия кардани кадрҳои ҷавони самти таърихнигории ватанӣ равона намудааст. Дар таъйиди ҳамин гуфтаҳо яке аз шогирдони ӯ Маликабону Отахоновна чунин қайд кардааст: «Олуболу Боқиевич омӯзгори муваффақу беҳамто буд. Таҷрибаи нодири илмӣ ва омӯзгории хешро баҳри рушди мо донишҷӯён сарфа намуда, ҳамеша дастгири мо буд, то ки хубу аъло хонем. Чунин омӯзорро донишҷӯ дӯст медорад. Вақте ки ӯ сардори гурӯҳи мо ҳангоми ба пахтазор рафтан таъйин гардид, мо ҳама хушнуд гардидему ин барои мо шогирдонаш ид буд. Ӯ сахтгир ва серталаб, вале дар айни ҳол меҳрубон ва ғамхори шогирдон буд» [137].

Пас аз як соли фаъолияти босамар дар кафедраи навтаъсиси таърихнигории факултаи таърих ӯ соли 1994 бо унвони профессори кафедраи номбурда мушарраф мегардад. Дар ҳамин сол ӯ асари дигари бунёдии хешро бо унвони «Забт ва ҳамроҳ гардидани Тоҷикистони шимолӣ, Кӯҳистони Бадахшон ва Помир ба Русия» ба нашр расонид, ки асари бунёдии илмӣ ва дастоварди шоистаи илми таърихнигории ватанӣ ба шумор меравад [63].

То замони ба нашр расидани асари мазкур масъалаи ба Русия пайвастани Тоҷикистони Шимолӣ ва Помир дар таърихнигории ватанӣ пурра ҳал нагардида буд. Аз ин лиҳоз, О.Б. Боқиев моҳияти сиёсати мустамликахоҳонаи русу англисро дар давраи ба Русия пайвастани ин ҳудудҳо маҳз аз диди нави илмӣ ва дархӯри талаботи замон баррасӣ намудааст. Ҷанбаҳои гуногуни масъалаҳои мубрами таърихи Осиёи Миёна дар замони забткориҳои Русияи подшоҳӣ ва натиҷаҳову пайомадҳои мусбату манфии сиёсати мустамликавии онро дар асоси

мадраку далелҳои қавӣ ва раднопазири илмӣ мунсифона таҳқиқ намуда, доир ба он хулосаҳои асоснок ва раднопазир пешниҳод кардааast. Масалан, дар баробари дигар масоили мубрам пайомадҳои манфии сиёсати мустамликадории Русияи подшоҳиро дар робита бо тақсим намудани ҳудудҳои таърихии тоҷикон аз диду нигоҳи илмӣ ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Умуман аз таҳлили ин асар бармеояд, ки бо вуҷуди баъзе ҷанбаҳои манфӣ, аз ҷониби Русия забт ва ҳамроҳ гаштани Осиёи Миёна, аз ҷумла ҳудуди Тоҷикистони кунунӣ падидаи объективӣ ва мусбати таърихӣ ба шумор меравад.

Шиносоӣ бо осори гаронбаҳои илмии О.Б. Боқиев нишон дод, ки ӯ ҳамеша дар тули фаъолияташ ба пешаи интихобкардааш бо ҷиддият ва масъулияти тамом муносибат кардааст. Ин хислати касбӣ, ки ҳамзамон бо сифатҳои шахсии ӯ пайванди қавӣ дошт, бештар дар таълифи осори илмӣ-таҳқиқотии ӯ ба чашм мерасад. О.Б. Боқиев ҳар як таҳқиқоти худро бо риояи равишҳои пазируфтаи илмӣ ва дарназардошти виҷдони илмиву зеҳнӣ офаридааст. Таҳқиқот ва таҳлили таърихнигорӣ, пеш аз ҳама, чунин сифатҳо ва равишҳои касбиву ахлоқиро талаб менамояд, ки унсурҳои беқайду шарти пажӯҳиши илмӣ ба шумор меравaнд. Маҳз нуктаи зикршуда арзиши баланди илмии осори таълифшудаи О. Боқиевро муайян ва боиси ҷойгоҳи хос пайдо намудани ӯ дар байни муҳаққиқони соҳаи таърихнигорӣ гардидааст. Тақризҳо ва баҳогузории мутахассисони соҳа ва арзёбии ҳамкорону ҳампешагон низ ин вижагиҳои осори ӯро босароҳат нишон медиҳанд [88].

Ҳамон тавре ки аз осори таълифшуда, баромаду гузоришҳо, маводди илмӣ-методӣ, матни лексияҳо ва қайду ёддоштҳои шахсии ӯ маълум мегардад, О.Б.Боқиев ба илм бо ҷиддияти хос муносибат карда, риояи равишҳои илмиро шарти асосии пажӯҳиши аслии илмӣ медонист. Дар ин асос, ӯ ҳамеша риояи ин аслро ба донишҷӯён, шогирдон ва муҳаққиқони ҷавон таъкиду талқин кардааст. Дар яке аз суҳбатҳо бо шогирдон профессор О.Б. Боқиев чунин иброз доштааст: «соҳаи таърихнигории илми таърих нақди танқиди кунунии адабиётро мемонад.

Ба асару мақолаҳои муҳаққиқон тавре бояд оқилона ва объективӣ баҳо дод ва он бояд бо воқеият ва ҳақиқати таърихӣ пурра мувофиқат намояд. Норасоӣ ва нуқсонҳои бозёфтаро танҳо тавассути санаду ҳуҷҷатҳои бойгонӣ ва муқоисаи онҳо бо дигар маводди боварибахш собит кард, вагарна худ зери борони танқиду маломат хоҳӣ монд...» [128].

Аз иқтибоси мазкур, муносибати ҷиддӣ ва огоҳонаи профессор О. Боқиев ба илму таҳқиқ, ба хусус, сатҳи таърихнигории ӯ бараъло намудор мешавад. Зеро ҳамон вақт метавон ба дастранҷи дигарон баҳои дуруст ва ҳаққонӣ дод, ки агар худ дар ин ҷода бештар заҳмат кашидаву бартар аз дигарон донишу малака ва таҷриба ҳосил карда бошӣ. Дастовардҳои илмӣ, сифатҳои касбиву шахсӣ ва дар умум, пайраҳаи тайкардаи О.Б. Боқиев намунаи ибрати ҳамкорон ва шогирдон буд. Пас, метавон гуфт, ки комёбиҳо ва камолоти касбии ин донишманди асил, бешак, бо сифатҳои шахсии ӯ низ пайванди қавӣ дорад.

Омӯзиши маводди гуногунмазмун ва ёддоварии ҳамкорон, шогирдон, пайвандону наздикони О.Б. Боқиев доир ба ҳаёти ӯ барои равшантар кушодани ҷанбаҳои ахлоқии шахсияташ низ мусоидат намуданд. Пеш аз ҳама, симои ӯ ҳамчун шахси адолатхоҳ, ҷиддӣ, нисбати хеш ва атрофиёнаш серталаб ва дар айни замон самимӣ ва мушфиқу меҳрубон намоён мегардад. Ин ва дигар сифатҳои барҷастаи инсонӣ ва ахлоқии ӯ тақрибан дар аксари ёддоштҳои ҳамкорон ва онҳое, ки ӯро аз наздик мешинохтанд, ба таври равшан инъикос гардидааст. Ҳамаи онҳо ӯро бо хотираи наку ва таассуроти мусбат ёдоварӣ ва сифатҳои барҷастаи шахсӣ, инсонӣ ва касбиашро босароҳат қайд мекунанд.

Ҳамкорони О.Б. Боқиев дар факултети таърихи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон лаҳзаҳои гуногуни фаъолияти пурбори ӯро ба ҳайси профессори кафедраи таърихи ИҶШС дар хотир доранд. Тамоми хатмкардагон ва омӯзгорони факултети таърих ӯро чун омӯзгори асил ва мураббии мушфиқ меписандиданд. Ҷолиби диққат аст, ки дар баробари дониши мукаммал, таҷрибаи ғанӣ ва маҳорату малакаи зарурии касбӣ, сифатҳои шахсӣ ва инсонии

ӯ низ дар рафти машғулиятҳои дарсӣ, лаҳзаҳои муносибати кориву идорӣ ва берун аз он низ ба таври равшан намудор мегардид. Ҳамкорони ӯ дар мақолае ба муносибати солгарди зодрӯзаш чунин навиштаанд: «Хоксорию фурӯтан будан одатест, ки ба шир ба ӯ омадааст ва ин аст, ки донишҷӯён бе ибою таҳаммул наздаш меоянд, маслиҳату машварат меҷӯянд. Дар дарсгӯӣ ӯ услуби хосаи хешро соҳиб аст. Ҳангоми дарс гуфтан тундрӯию ҷиддияти барзиёд ва бемавридро намеписандад. Ҳазлу мутоибаи бамавриду рӯҳбахш дар рафти дарс ӯро ҳамқадам аст. Шояд ин аст, ки донишҷӯён ҳамеша лексияи ӯро муштоқанд ва аз поён расидани соати дарс бехабар мемонанд» [128]. Ин сифатҳои касбӣ ва шахсии ӯ ҳангоми роҳбарӣ ба рисолаҳои курсию дипломии донишҷӯён ва рисолаҳои илмии аспирантон ва унвонҷӯён низ ба пуррагӣ зоҳир мегардид, ки дар ёддовариҳо ва қайдҳои шогирдонаш дарҷ гардидаанд [137].

О.Б. Боқиев дар муҳокима ва арзёбиҳои корҳои дипломӣ ва рисолаҳои номзадию докторӣ низ фаъолона ширкат меварзид ва шогирдон аз донишу таҷриба ва маслиҳату роҳнамоиҳои беғарази ӯ баҳравар мегардиданд. Чи тавре дар боло ёддовар гардидем, маҳз ин сифатҳо имкон доданд, ки ӯ дар миёни ҳамкорон ва донишҷӯён соҳиби обрӯ ва эътибори зиёд гардид ва ҳама ӯро самимона ҳурмату эҳтиром мекарданд. Ҳамзамон, ин яке аз омилҳои асосии фаъолияти босамар ва бомуваффақияти ҷамъиятии ӯ низ ба шумор меравад. Дар баробари он ки барои хидматҳои шоёни омӯзгорӣ ва илмиву таҳқиқотӣ профессор О.Б. Боқиев бо ифтихорномаҳои Вазорати маорифи халқи ҶШС Тоҷикистон, Вазорати маълумоти олӣ ва миёнаи махсуси ҶШС Тоҷикистон, нишонҳои сарисинагии «Аълочии маорифи халқи ҶШС Тоҷикистон» ва «Зарбдори меҳнати коммунистӣ» қадрдонӣ шудааст, ҳамчунин, фаъолияти ҳамарӯзаву софдилонаи ҷамъиятии ӯ низ аз назари маъмурияти донишгоҳ ва ҳизб дар канор намондааст. Профессор О.Б. Боқиев бо раҳматномаҳои донишгоҳ, кумитаи ҳизбии донишгоҳӣ, ноҳиявӣ, ҷумҳуриявӣ ва иттифоқҳои касабаи донишгоҳ сарфароз гардонда шудааст [125].

Илова ба гуфтаҳои боло, қобили зикр аст, ки наздикону пайвандони О.Б. Боқиев низ сифатҳои неки инсонии ӯро таъкид мекунанд. Ҳамаи хислатҳои неки зикргардидаи профессор О.Б. Боқиев дар муносибат бо наздикону пайвандон ва умуман, атрофиён низ ба пуррагӣ ошкор гардидааст. Пайвандону наздикон ва онҳое, ки профессор О. Боқиевро аз наздик мешинохтанд, ӯро ҳамчун инсони саршор аз хислатҳои нек ва ҳамида ёддоварӣ мекунанд ва номи накӯи ӯро амиқан пос медоранд. Аз хотираҳои пайвандони О.Б. Боқиев бармеояд, ки тақрибан ҳамаи онҳо аз дастгирӣ, маслиҳат ва роҳнамоиҳои беғараз ва беминнати ӯ дар ҳар бахши ҳаёт баҳраманд гардидаанд.

Ҳамин тавр, омӯзиши ҳаёт ва фаъолияти шоистаи профессор О.Б. Боқиев нишон дод, ки ӯ дар роҳи илму таҳқиқ аз хеш осори гаронбаҳо ва дар зиндагӣ номи накӯ ба мерос гузоштааст. Роҳи паймудаи ӯ дар арсаи омӯзиши таърихи гузашта, таҳияи осори илмӣ-таҳқиқотӣ, парвариши насли ҷавон, омода кардани кадрҳои илмии маҳаллӣ ва иштироки фаъол дар ҳаёти ҷамъиятӣ намунаи ибрат ва шоистаи пайравӣ мебошад. Насли ҷавон ва бахусус, онҳое ки ба шоҳроҳи илму таҳқиқ гом мениҳанд, бояд аз кор ва рӯзгору пайкори чунин фарзандони шоистаи меҳан ва сарсупурдаи илм дарси ибрат ва андарзи зиндагии шоистаро аз худ намоянд.

## 1.2. Вазъи сиёсӣ ва сохтори ҳудудию маъмурии манотиқи муосири Тоҷикистон дар нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX дар осори профессор О.Б. Боқиев

Сарзамини Тоҷикистони муосир дар арафаи забткориҳои Русияи подшоҳӣ дар Осиёи Марказӣ ба ҳудудҳои гуногуни маъмурию сиёсӣ тақсим мешуд, ки шомили бекигариҳо ва мулкҳои сершумори мустақил ва ниммустақил буд ва он яке аз омилҳои асосии шакл нагирифтани маркази ягонаи сиёсӣ ва иқтисодӣ ба шумор мерафт. Як қисми ин бекигариҳо ва мулкҳои алоҳида ба ҳайати аморати Бухоро ва хонигарии Хӯқанд дохил шуда, қисми дигар дар натиҷаи ҷангҳои ғоратгаронаи онҳо муваққатан дар тобеияти ин ё он тараф қарор мегирифтанд. Бо вуҷуди ин, бояд қайд кард, ки баъзе мулкҳои кӯҳистони тоҷик мустақилияти худро то фаъол гардидани сиёсати мустамликадории Русияи подшоҳӣ дар Осиёи Миёна нигоҳ медоштанд.

Асарҳо, очеркҳо ва мақолаҳо дар бораи сохтори сиёсиву маъмурии ҳудудҳои муосири Тоҷикистон дар таърихнигории тоинқилобии рус, асосан баъди тавсеаи забткориҳои Русия дар Осиёи Миёна ба нашр расидаанд. Баъди забти баъзе ҳудудҳои аморати Бухоро аз тарафи русҳо ва алалхусус, ба имзо расидани шартномаҳои байни Русияи подшоҳӣ ва аморат дар солҳои 1868 ва 1873 барои омӯзиши масъалаҳои мазкур шароити мусоид ва имкониятҳои васеъ фароҳам омаданд [21, с.198-200]. Пас аз имзои ин шартномаҳо аморати Бухоро амалан ба вассал ё дастнишондаи Русияи подшоҳӣ табдил ёфта, афсарон, ҷосусон, саёҳон ва муҳаққиқони рус дар ҳудуди он ҳуқуқи бемамониат фаъолият карданро ба даст оварданд ва ҳамзамон, оид ба масъалаҳои мавриди назари мо мавод ва маълумоти дасти аввалро гирдоварӣ намуданд.

Боиси ёддоварист, ки омӯзиши вазъи сиёсӣ, иқтисодиву иҷтимоӣ ва сохтори маъмурию идории манотиқи ҳозираи Тоҷикистон ва инъикоси он дар таърихнигории тоинқилобии рус дар таҳқиқоти профессор О.Б. Боқиев ҷойгоҳи хосро доро буда, ҳамчунин объекти асосии омӯзиш ва пажӯҳишҳои илмии ӯро

ташкил медиҳад [14; 16; 22; 65; 155; 156; 157]. Осори ӯ барои инъикос ва пажӯҳиши илмии масъалаҳои зикршуда, аҳаммияти хос ва фавқулодаи илмиро доро мебошанд, зеро дар асоси маълумоти дасти аввал ва арзишманди таърихнигории тоинқилобии рус таълиф шудаанд. Дар навбати худ нахустин шуда муаллифони тоинқилобии рус, омӯзиши ҳамаҷониба ва илмии минтақаҳои Тоҷикистонро асос гузоштаанд. Аз ин рӯ, маълумот ва маводди гирдоваришудаи онҳо, ки таълифоти профессор О.Б. Боқиев дар асоси он офарида шудааст, арзиши баланд ва аҳаммияти бузургеро доро мебошанд.

Ҳангоми омӯзиш ва тавсифи сохтори сиёсию маъмурии ҳудудҳои ҳозираи Тоҷикистон профессор О.Б. Боқиев маводди гуногунмазмуни таърихнигории тоинқилобии русро оид ба масъалаи мазкур ба се гурӯҳ тақсим намудааст: мавод оид ба вазъи сиёсӣ ва сохтори идориву маъмурӣ 1) аморати Бухоро; 2) хонигарии Хӯқанд ва дигар мулкҳои мустақил ва ниммустақили ҳудудҳои ҳозираи Тоҷикистон. Илова бар ин, муҳаққиқони тоинқилобии рус оид ба тағйирот ва дигаргуниҳои идориву маъмурии ҳудудҳое, ки ба ҳайати Русияи подшоҳӣ дохил карда шуданд, маълумоти бисёре ҷамъоварӣ кардаанд.

Тавре ки маълум аст, як қисми ҳудудҳои Тоҷикистон (Конибодом, Исфара, Ашт) то соли 1876 ба ҳайати хонигарии Хӯқанд дохил шуда, Хуҷанд, Ӯротеппа ва Нов ҳоло Истаравшан пайваста дар маркази зиддиятҳои хонҳои Хӯқанд ва аморати Бухоро қарор доштанд. Профессор О.Б.Боқиев дар осори хеш ҳангоми инъикос ва баррасии таърихи сиёсӣ ва сохтори маъмурии ин ҳудудҳо тазаккур додааст, ки оид ба минтақаҳои мазкур ҳанӯз то оғози асри XIX баъзе маълумоти парокандаи гуногунмазмун дар таърихнигории рус мавҷуд буданд, вале ҷамъоварии маводди арзишманди илмӣ дар бораи Осиёи Миёна, аз ҷумла мулкҳои Тоҷикистони шимолӣ ва дигар минтақаҳои он ба нимаи аввали асри XIX рост меояд. Дар ин давра, сайёҳон, муҳаққиқон, ҳарбиён, ҷосусон, сафирон ва дигар шахсони мансабдори рус ба Осиёи Миёна ташриф оварда, маълумоти беназири таърихӣ, таърихиву адабӣ ва маводди пурқимати бойгониву

дипломатие ба мерос гузоштанд, ки дорои арзиши баланди илмию таърихӣ мебошанд [16, с.12].

Дар баробари ҷамъоварии маводди илмӣ нахустин осори илмӣ оид ба Осиёи Миёна, аз ҷумла таърих ва фарҳанги тоҷикон низ дар ҳамин давра ба нашр расидаанд. Ҳангоми баррасии вазъи сиёсии минтақаҳои Тоҷикистони шимолӣ дар ин давра профессор О.Б. Боқиев ба асари мусташриқи шинохтаи рус – Н.В. Хаников (1819-1878) «Тавсифи хонии Бухоро» ва дигар мақолаҳои муаллифони гуногун такя кардааст. Асари Н.В. Хаников ҳаводиси сиёсии Осиёи Миёнаро аз соли 1802, аз замони ба сари қудрат омадани амир Ҳайдар то соли 1842, яъне то забт шудани Ӯротеппа, Нов, Хуҷанд ва Хӯқанд аз тарафи амир Насруллоро дар бар мегирад. Ӯ қайд мекунад, ки ноҳияҳои мазкур дар нимаи аввали асри XIX ба майдони задухӯрдҳо ва лашкаркашиҳои байни Бухоро ва Хӯқанд табдил ёфта буданд. Илова бар асари И. В. Хаников, профессор О.Б. Боқиев вазъи сиёсии ноҳияҳои Ӯротеппа, Нов, Конибодом ва Исфараро дар асоси маводди пароканда, очеркҳо, мақолаҳо ва гузоришҳое, ки дар ин давра ба нашр расидаанд, инъикос намудааст.

Чунончи дар робита ба вазъи сиёсии хонигариҳои Хӯқанд ва аморати Бухоро О.Б. Боқиев чунин менависад: «Дар ҳамаи маводди мавҷуда, вазъи ногувори сиёсӣ ва харобкориҳои лашкари хонигарии Хӯқанд ва аморати Бухоро дар ноҳияҳои шимоли Тоҷикистони муосир бо сароҳат сабт гардидааст. Ноҳияҳои мазкур то замони барҳам додани хонигарии Хӯқанд ва ҳамроҳшавӣ ба Русия дар маркази муборизаҳои шадиди байни ду кишвари минтақа қарор доштанд, ки барои онҳо натиҷаҳои ҳалокатбори сиёсӣ ва иқтисодиро боқӣ гузоштааст» [155, с.14].

Истилои сарзаминҳои шимоли Тоҷикистон аз ҷониби Русия барои омӯзиши он имкониятҳои наверо фароҳам оварда, ҳамзамон барои ҷамъоварӣ ва нашри маводди илмӣ замина гузошт. Масалан, дар осори О.Б. Боқиев аҳаммияти хосси очерки таърихии «Среднеазиатские владения», асари В.П. Наливкин ва дигар

мақолаҳои арзишманд ба таври алоҳида қайд карда шудааст. Осори зикршуда дар баробари дигар масъалаҳо, асосан дар бораи вазъи сиёсиву иқтисодӣ, аҳволи иҷтимоии омма, сохтори маъмурӣ ва ҳудудии ноҳияҳои Ӯротеппа, Нов, Хуҷанд, Конибодом ва Исфара маълумоти фаровонро фаро гирифтаанд.

Сохтори маъмурии мулкҳои Тоҷикистонро дар давраи омӯхташаванда таҳлил намуда, профессор О.Б. Боқиев тазаккур додааст: «масъалаи мазкур ба таври алоҳида дар таърихнигории тоинқилобии рус омӯхта нашудааст, вале онро дар асосии маълумот оид ба сохтори сиёсӣ ва идориву маъмурии хонигарии Хӯқанд ва аморати Бухоро баррасӣ намудан мумкин аст» [65, с.9]. Ӯ ин масъаларо дар асарҳои В.В. Вельяминов-Зернов, А.Б. Вревский, Л.Ф. Костенко, М.А. Терентьев, А.Л. Кун, Ю.Д. Южаков, В.Г. Котелнов, ва Е.Л. Марков, ки мавод ва маълумоти пурарзишро фаро гирифтаанд, баррасӣ намудааст [65, с.9].

Ҳудудҳои ҳозираи Исфара, Ашт ва Конибодом ба хонигарии Қуқанд дохил мешуданд, вале мулкҳои Хуҷанд ва Ӯротеппа ҳамвора дар асри XIX дар маркази муборизаҳои хонигарии Қуқанд ва аморати Бухоро қарор доштанд. Ӯротеппа ва Хуҷанд аз тарафи бек ва ё ҳокими аз тарафи аморати Бухоро ва ё хони Қуқанд таъйин гардида идора карда мешуданд. Ҳукумати онҳо асосан меросӣ буд ва ин пайваста боиси ҷангҳои сулолавӣ ва харуҷу марҷи сиёсӣ мегардид. Масалан, дар солҳои 1850–1853 қисми зиёди мулкҳои Хуҷанду Ӯротеппа дар натиҷаи чунин ҷангҳо зарари чашмраси иқтисодиву иҷтимоӣ дида, аксари деҳкадаҳо ба харобазор табдил ёфта буданд [22, с.156].

Сабабҳои асосии ҷангу муборизаҳои беамони сиёсӣ ҷоҳталабӣ ва манфиатҳои иқтисодӣ ба шумор мерафт. Мавриди зикр аст, ки илова бар ҷангҳои амири Бухоро ва хони Қуқанд барои назорати мулкҳои сарватманди Ӯротеппа ва Хуҷанд, муборизаҳои байнихудии ин мулкҳо, ҳокимони онҳо дар баъзе маврид ҳатто бар зидди амир ва ё хон лашкар мекашиданд [109, с.56].

Боиси зикр аст, ки О.Б. Боқиев ақидаи аксари шарқшиносони тоинқилобии рус, аз ҷумла Н.В. Хаников, Л.Ф. Костенко, И. Львов, А.Б. Вревский ва В.В. Бартолдро оид ба моҳияти ҳокимияти сиёсии хонигарии Қуқанд ва аморати Бухоро тарафдорӣ намуда, онро бо мисолҳои дақиқ исбот мекунад. Дар робита бо ин ӯ қайд мекунад: «ҳукуматҳои теократӣ (динӣ) дар хонигариҳои Осиёи Миёна ягон ҷанбаи ҳаёт ва ё талаботи воқеияти ин кишварҳоро ифода накарда, танҳо ҳамчун воситаи расидан ба мақсадҳои сиёсӣ хизмат менамуд» [65, с.46]. Аз ин бармеояд, ки ҳокимияти номаҳдуди сиёсӣ ва қудрати олӣ дар ихтиёри амир қарор дошта, ҳамзамон оммаи мардум дар беҳуқуқии комил ҳаёт ба сар мебурданд. Умуман чунин ҳолат яке аз хусусиятҳои асосии ҳукумати амирӣ ва ё хонӣ ба шумор меравад, ки ба таъсир ва пайомадҳои манфии он дар тамоми қаламрави онҳо эҳсос карда мешуд.

Профессор О.Б. Боқиев тазаккур медиҳад, ки сохтори сиёсиву маъмурии аморати Бухоро ва хонигарии Қуқанд бо вуҷуди фарқиятҳои ҷузъӣ дар умум ба ҳам шабоҳати наздик доштанд. Бинобар ин, сохтори маъмурии ин ҳудудҳо ба мулкҳои дигари тоҷикнишин аз ҷиҳати ташкилӣ ва таъйиноту мақсад монандии зиёд доштанд.

Пас аз барҳам додани хонигарии Қуқанд дар соли 1876 ва ҳамроҳ гардидани Ӯротеппа, Хуҷанд, Исфара, Конибодом ва Ашт ба ҳайати Русия дар идораи сиёсӣ ва маъмурии онҳо дигаргуниҳои назаррас ба амал омад. Сохтори маъмурии мулкҳои қисмати шимоли Тоҷикистон пас аз ҳамроҳшавӣ дар мақолаҳо ва асарҳои профессор О.Б. Боқиев дар асоси мавод ва маълумоти фаровони таърихнигории тоинқилобии рус инъикос ёфта, мақсаду ҳадаф, роҳу равиш, моҳият ва ҳамчунон пайомаду натиҷаҳои сиёсати мустамликадории маъмурони Русияи подшоҳӣ дақиқназарона баён карда шудаанд. Ӯ мавод ва маълумоти мавҷударо ҷиддан таҳлил намуда, нуқтаи назари муаллифони тоинқилобии рус ва ҳамзамон маъмурони ҳарбию сиёсии ҳукумати подшоҳии русро дар бобати масъалаи мазкур муқоиса намудааст.

«Пас аз забти Осиёи Миёна, аз ҷумла ҳудудҳои шимолии Тоҷикистони муосир, – зикр намудааст О. Боқиев, – нигоҳдошт ва идораи заминҳои забтшуда дар мадди назари Русияи подшоҳӣ қарор дошт, зеро истисмори босамари он аз сатҳи ташкили бомувафаққонаи маъмурияти мустамликавӣ вобаста буд. Аз ин рӯ, масъалаи ташкили сохтори маъмуриву идории заминҳои забтшуда на танҳо дар маркази диққати доираҳои ҳукмрони подшоҳӣ қарор дошт, балки дар афкори омма ва матбуоти тоиқилобии рус низ ҷойгоҳи хос дошт» [155, с.111].

Дар солҳои 1865–1866 пас аз ишғоли Тошканд, Хуҷанд, Ӯротеппа ва Ҷиззах бо сардории вазири ҳарбии вилояти Туркистон барои ташкили сохтори маъмурию идории мулкҳои Русия дар Осиёи Миёна кумитаи махсус таъсис дода мешавад, ки дар натиҷа соли 1867 генерал-губернатории Туркистон дар ҳайати вилоятҳои Ҳафтрӯд ва Сирдарё ташкил ёфт [111, с.29]. Идораи кишвари Туркистон аслан хусусияти ҳарбӣ дошта, маъмурони ҳарбии ҳукумати подшоҳӣ дар идораи он мавқеи аввалиндараҷаро ишғол намуданд, гарчанде ҳангоми ташкили идораи он баъзе вижагиҳои маҳаллӣ низ ба назар гирифта шуда буданд.

Дар робита бо масъалаи ташкили сохтори маъмурию идории Туркистон ва мақсаду ҳадафҳои асосии он профессор О.Б. Боқиев зикр мекунад, ки ҳукумати подшоҳӣ дар ин росто, қабл аз ҳама манфиатҳои сиёсии мустамликадории худро дар мадди аввал гузошта буд. Ҳукумати подшоҳӣ дар ҳудудҳои ишғолшуда бо мақсади истисмор маъмурияти ҳарбии мустамликавӣ ҷорӣ кард. Барои мардуми маҳаллӣ танҳо дар корҳое, ки хусусияти сиёсӣ надошта аслан ба урфу одат ва анъанаҳои онҳо рабт доштанд, ҳуқуқи интихоби намояндагон дода шуда буд. Чунончи вазифаҳои қозӣ, оқсақол ва мироб нигоҳ дошта шуданд, вале мансаби қозикалон барҳам дода шуд [155, с.33]. Ин ҳолат андешаҳои О. Боқиевро дар бораи моҳияти мустамликавӣ ва истисморӣ доштани сиёсати маъмурияти кишвари Туркистон тасдиқ мекунад.

Пас аз таъсиси генерал-губернатории Туркистон ноҳияҳои Хуҷанд ва Ӯротеппа бо номи уезди Хуҷанд ба ҳайати вилояти Сирдарё дохил карда шуданд. Моҳи декабри соли 1867 дар асоси лоҳияи низомномаи нави идораи Туркистон кумитаҳо оид ба ташкили сохтори маъмурӣ дар ин вилоятҳо таъсис ёфтанд. Дар асоси маводди бойгонӣ ва осори мавҷуда профессор О.Б. Боқиев муайян намудааст, ки дар натиҷаи фаъолияти ин кумита уезди Хуҷанд дар ҳайати 25 волост ва 78 аул ё оқсақолӣ таъсис меёбад. Аҳолии маҳаллӣ танҳо мансабдори зинаи поёнӣ – волостнойро ҳуқуқи интихоб кардан доштанд. Бо мақсади босамар ситондани андоз ҳудудҳои кӯчманчиён ба аул ва сокинони таҳҷоӣ ба маҳаллаҳо тақсим карда шуданд [4, с.138].

Минтақаи дигари Тоҷикистони Шимолӣ болооби Зарафшон ба шумор меравад, ки дар ин давра асосан бо номи Кӯҳистон маълум буд. Ин минтақа дар шимол бо бекигарии Ӯротеппа ва хонигарии Қӯқанд, дар ҷануб бо бекигарии Ҳисор ва дар шарқ ва ҷанубу шарқ бо бекигарии Қаротегин ва дар ғарб бо бекигарии Самарқанди аморати Бухоро ҳамсарҳад буд [163]. Профессор О.Б. Боқиев қайд мекунад: «дар бораи ин минтақа то замони ҳамроҳ гардидани он ба Русияи подшоҳӣ ягон маълумоте вуҷуд надорад. Танҳо дар асари «Тавсифи хонии Қӯқанд» гуфта шудааст, ки ҳокими Урметан дар итоати амир Насруллоҳ қарор доштааст. Пас аз ин бармеояд, ки минтақаи Кӯҳистон муддате, аз ҷумла, дар замони амир Насруллоҳ тобеи аморати Бухоро будааст» [155, с.18].

Ҷамъоварӣ ва нашри маводду маълумоти гуногун доир ба минтақаи болооби Зарафшон ба оғози солҳои 70-уми асри XIX рост меояд. Соли 1870 аз тарафи маъмурони ҳукумати подшоҳӣ дар Туркистон ба хотири омӯзиши илмии болооби рӯди Зарафшон эъзомияи ҳарбӣ-илмии Искандаркӯл ташкил карда мешавад, ки дар ҳайати он олимони шинохта А.П. Федченко, О.П. Федченко, А.Л. Кун, А.Д. Гребенкин, П.А. Аминов дохил буда, маълумоти арзишманди илмиро оид ба минтақа гирдоварӣ намуданд.

Профессор О.Б. Боқиев зикр мекунад, ки аъзои эъзомияи Искандаркӯл маълумоти пурарзиши таърихиро оид ба минтақа ҷамъоварӣ намудаанд, ки бисёре аз натиҷаҳои он дар шакли мақолаҳо дар рӯзномаи «Туркестанские ведомости» ба нашр расидаанд. Ӯ дар асоси омӯзиши маводди мазкур ошкор намудааст, ки болооби Зарафшон мулки мустақил буда, танҳо дар оғози асри XIX баъзе бекигариҳои он тобеи ҳокими мингтабори Ургут мегарданд. Бинобар маълумоти сокинони маҳаллӣ, амир Ҳайдар пас аз 2-3 соли ба сари қудрат омадан Ургутро забт мекунад, ки дар натиҷа Моғиён, Киштут ва Урметан тобеи аморати Бухоро мешаванд. Пас гуфта метавон, ки болооби Зарафшон дар тули солҳои 1804-1805, дар замони амир Ҳайдар дар тобеияти Бухоро қарор гирифтаанд [155, с.19].

Профессор О.Б. Боқиев дар асоси маълумоти мақолаҳои иштирокчиёни эъзомияи Искандаркӯл А.П. Федченко, А.Д. Гребенкин, П.А. Аминов ва дигарон муайян намудааст, ки мулкҳои болооби Зарафшон бо сабаби дур будан аз воҳаҳои киштбоби Осиёи Миёна ва бунбасти ҷуғрофӣ ба ном тобеи аморати Бухоро буда, амалан аз тарафи бекҳои маҳаллӣ идора карда мешуданд, ки дар идораи дохилӣ комилан мустақил буданд. Зиддиятҳои дохилӣ ва ғорати мулкҳои ҳамдигар ба ҳодисаи маъмулии муносибатҳои онҳо табдил ёфта буд. Дар натиҷаи ҷангҳои дохилии онҳо мулкҳои тобеъшуда муваққатан ҳокими пурзӯр ва ё ғолибро эътироф мекараданд.

Ҳангоми муайян намудани сохтори маъмуриву идории мулкҳои болооби Зарафшон профессор О.Б. Боқиев асосан ба мақолаҳои аъзои эъзомияи Искандаркӯл А.Д. Гребенкин («Краткие исторические заметки о происхождении бекств: Ургутского, Магианского, Фарабского и Киштутского и о их управлении до присоединения к русским владениям») А.П. Федченко («Заметки о Кагистане», «Заметки о Магианском бекстве») А. Аминова «Военно-топографический и очерк горной страны и верховьев р. Зарафшана») и В.В. Радлова («Средняя Зеравшанская долина») такя намудааст. Аҳаммияти

маълумоти маводдии зикршуда дар он аст, ки муаллифони он бевосита шоҳиди ҳолат ва воқеаҳои тасвиркардаи худ буда, ҳамчунин аксари маълумотро аз сокинони маҳаллӣ, аз ҷумла маъмурон ва мансабдорони сатҳи маҳаллӣ ба даст овардаанд.

Профессор О.Б. Боқиев аз таҳлили маводди мавҷуда муайян намудааст, ки: «дар болооби дарёи Зарафшон дар арафаи ҳамроҳшавӣ ба Русия бекигарии Киштут, Моғиён, Фалғар, Фон, Фороб, Яғноб ва Масчоҳ мавҷуд будаанд» [65, с.23]. Бекигариҳои болооби Зарафшон ба қисмҳои маъмурии садаҳо ва деҳаҳо тақсим мешуданд. Дар миёни бекигариҳои ин минтақа пайваста ҷангу муборизаҳо идома дошт. Ҳар як бекигарӣ барои пурзӯр намудани мавқеи худаш талош менамуд ва дар вазифаҳои амин, амлокдор, оқсақол ва ҷамъоварандаи закот танҳо хешу табор ва наздикони бек таъйин карда мешуданд. Ҳамчунин, бекҳо дар дидбонгоҳҳо ва қалъаҳо низ асосан фарзандон ва хешу пайвандони худро таъйин намуда, ба онҳо унвонҳои бешумор медоданд. Саъйу талош ва диққати асосии бек ва амалдорони онҳо ба ғун доштани закот, андоз ва бо ин роҳ пур кардани хазинаи хеш равона гардида буд. Ба таври истисно дар баъзе ҳолатҳои ҷудогона онҳо ба масъалаҳое, ки ба мардуми одӣ рабт дошт, дахолат мекарданд [65, с.23].

Ӯ, ҳамчунин муайян намудааст, ки ҳар як сада ва деҳа дорои оқсақол буд, ки бузургтарин мансаб дар ин сатҳ ба шумор мерафт. Чунончи, тамоми ҷӯйборҳои деҳа дар ихтиёри онҳо қарор дошта, баҳсу ҷанҷолҳои байни деҳаҳо ва садаҳоро низ ӯ ҳал мекард. Илова бар ин, онҳо ғундоштани андоз ва супоридани он аз тарафи арбобро ба маъмурони бек назорат мекарданд.

Бекҳо дар аморати Бухоро намоянда ва дастнишондаи амир ба ҳисоб рафта, дар ҳудуди бекигарӣ чун амирон ва хонҳо ҳуқуқ ва ҳокимияти номаҳдуд доштанд. Вазифаи муҳимми бек супоридани хироҷи ҳарсола ба хазинаи амир маҳсуб гардида, ҳамзамон мебоист аз сар задани ҳар гуна исёну нофармонӣ ҷилавгирӣ намоянд. Вале ҳолатҳое низ ҷой доштанд, ки бекҳо комилан

мустақилона рафтор намуда, бо бекигариҳои ҳамсоя вориди ҷанг мешуданд ва баъзан ҳатто бар зидди амир бармехостанд [55, с.24]. Аз ин сабаб амир ҳокимони бекигариҳоро пайваста иваз намуда, аз болои баъзеи онҳо назорати ҷиддиро ба роҳ мемонд. Бекҳои водии Зарафшон, аз ҷумла беки Панҷакент ясавулҳо – ёварони иловагӣ дошт, ки шахсан аз тарафи худи ӯ интихоб карда мешуданд. Аксари бекигариҳои болооби водии Зарафшон ба воҳиди маъмурии аминӣ тақсим мешуданд, ки аз тарафи аминҳо идора мешуданд [155, с.117].

Чи тавре маълум аст, моҳҳои май-июни соли 1868 қисмати шарқии аморати Бухоро – шаҳри Самарқанд, Ургут, Каттақурғон ва атрофи онҳо аз тарафи лашкари ҳукумати подшоҳӣ забт карда шуданд. Аз ҳисоби ин ҳудудҳо моҳи июни ҳамон сол округи Зарафшон ташкил карда шуда, охири сол ба он Панҷакент ва атрофи он ва солҳои 1870-1871 мулкҳои болооби Зарафшон ҳамроҳ карда шуданд [112, с.156].

Дар робита бо ин, дар асоси гузориши генерал- губернатори Туркистон К.П. Кауфман профессор О.Б. Боқиев менависад: «тули 4 сол пас аз ҳамроҳ гардидан ба Русия дар ин ҳудудҳо тартиботи пешини амирӣ нигоҳ дошта шуданд. Масалан, вазифаи амин ба маъмури волост баробар гардонда шуда, бо ҳамроҳии оқсақолон ба амлокдор ва ё саркор итоат мекарданд. Инчунин вазифаи қозӣ низ нигоҳ дошта шуд, вале ӯро на мардуми маҳаллӣ, балки сардори округ таъйин ва сабукдӯш мекард. Маъмурияти хоҷагидорӣ ва ситондани андоз дар ихтиёри мансабдорони пешин – саркор дар туманҳо ва амлокдор дар амлокдориҳо қарор дошт, вале онҳо дар зери азорати ҷиддии маъмурони ҳукумати подшоҳӣ қарор доштанд. Танҳо соли 1873 дар ҳудуди округи Зарафшон сохтори ягона ва умумии маъмуриву идории мустамликавӣ ҷорӣ карда мешавад» [155, с.156].

Боиси зикр аст, ки дар натиҷаи фаъолият ва гузориши комиссияи ревизионӣ бо сардории Гирс, ки соли 1882 бо фармони генерал-губернатор Черняев ташкил карда шуд, соли 1886 Низомномаи нав оид ба идораи Туркистон таҳия гардид. Дар асоси ин низомнома собиқ округи Зарафшон ба

вилояти Самарқанд табдил дода шуд, ки соли 1887 уезди Хуҷанд ва ноҳияи Ӯротеппа низ ба он ҳамроҳ карда шуданд [158, с.18]. Аз таҳқиқоти профессор О.Б. Боқиев бармеояд, ки минбаъд барои идораи мардуми маҳал вазифаи пристави минтақавӣ таъсис дода шуда, амлокдориҳо ба волост табдил дода шуданд. Ҳамзамон ӯ қайд мекунад, ки низомномаи нав дар миёни доираҳои ҳукмрони маъмурияти мустамликавӣ дар Туркистон, ки тарафдори идораи марказиятнок ва таъйинотӣ буданд, норозигиро ба вуҷуд овард, зеро аз рӯйи он идораи сатҳи маҳаллӣ пурра дар асоси интихобот ба роҳ монда шуда буд. Вале баъзе мансабдорони сатҳи баланди ҳукумати подшоҳӣ дар кишвари Туркистон хостори барҳам додани усули интихобии идораи маҳаллӣ, худидоракунии шаҳрӣ ва ҳатто мустақилияти судҳо буданд [155, с.156]. Ҳамин тавр, аз ин бармеояд, ки бо вуҷуди баъзе дигаргуниҳо дар сохтори идорӣ, мақсад ва моҳияти маъмурияти мустамликавии Русияи подшоҳӣ дар Осиёи Миёна, аз ҷумла ҳудудҳои шимолии Тоҷикистони муосир ҳамоно бетағйир боқӣ монда буданд.

Шарқшиносони рус Н.В. Хаников дар асари хеш «Тавсифи хонигарии Бухоро» нахустин маротиба оид ба сохтори сиёсӣ ва маъмурии аморати Бухоро, аз ҷумла баъзе мулкҳои Бухорои Шарқӣ, ки ҳудудҳои ҳозираи ҷанубу ғарбии Тоҷикистон низ ба он дохил мешуданд, маълумот додааст ва муҳаққиқони минбаъда асосан ба ӯ такя кардаанд» [113, с.179]. Ӯ дар боби алоҳида сохтори маъмурии аморат ва иерархияи мансабдорони дарбори амириро тавсиф намудааст, ки нахустин маълумот дар бораи ин масъала ба шумор меравад. Вале новобаста аз арзиш ва аҳаммияти маълумоти асари Н.В. Хаников, дар он бештар ба дастгоҳи марказии аморат ва ноҳияҳои атрофи он диққат дода шуда, хусусиятҳои сохтори маъмуриву идории минтақаҳои дурдаст, аз ҷумла ҳудудҳои Тоҷикистони имрӯза сарфи назар карда шудаанд.

Профессор О.Б. Боқиев ба маълумоти Н.В. Хаников такя намуда, зикр менамояд, ки дар тӯли солҳои 60–90-уми асри XIX ҳудуди аморати Бухоро аз 18

то 27 бекигарӣ тақсим мешуд, ки ҳокимони он – бекҳо аз тарафи амир таъйин ва озод карда мешуданд. Дар ҳудудҳои муосири Тоҷикистон 12 бекигарӣ – Панҷакент, Фалғар, Фороб, Фон, Киштут, Яғноб ва Масчоҳ то солҳои 1868–1870, бекигариҳои Ҳисор, Қубодиён, Қурғонтеппа, Кӯлоб, Балҷувон, Қаротегин ва Дарвоз аз солҳои 1868 то соли 1917, бекигариҳои Рушон, Шуғнон ва Вахон аз соли 1895 то соли 1905 арзи ҳастӣ кардаанд [155, с.115]. Бекҳо низ дар навбати худ чун хонҳо ва амирон дорои иродаи мутлақ ва ҳуқуқҳои номаҳдуд буданд. Дастгоҳи идоракунии ҳар як бекигарӣ аз мансабдорони сершумор иборат буд, ки нигоҳдошти онҳо аз ҳисоби оммаи мардум таъмин карда мешуд. Ҳар як бекигарӣ аз воҳидҳои маъмурии амлокдорӣ иборат буданд, ки аз тарафи амлокдор идора карда мешуданд. Ҳар як амлокдорӣ дар навбати худ аз якчанд деҳа иборат буд. Дар деҳаҳои алоҳида мансабдори калон оқсақол – ҷамъоварандаи андоз ва закот ба шумор мерафт, ки аз тарафи мардум бо пешниҳоди амлокдор таъин карда мешуд [155, с.115].

Дар ҳудудҳои муосири Тоҷикистони ҷанубу ғарбӣ дар арафаи забткориҳои Русияи подшоҳӣ дар Осиёи Миёна бекигариҳои Ҳисор, Қабодиён, Кӯлоб, Балҷувон, Қаротегин ва Дарвоз мавҷуд буда, дар тобеияти аморати Бухоро қарор доштанд. Боиси зикр аст, ки то замони афзоиши нуфузи Русияи подшоҳӣ дар Бухоро ва хусусан, дар нимаи аввали асри XIX қисмати шарқии аморат барои русҳо сарзамини кашфношуда ба шумор мерафт. Ҳамон тавре зикр кардем, танҳо дар асари И.В. Хаников баъзе ишораҳо оид ба муносибати нахустин амирони Бухоро ва мулкҳои дар қисмати шарқии он ҷойгирбударо вохӯрдан мумкин аст.

Аз маълумоти асари И.В. Хаников бармеояд, ки баъди устувор гардидани ҳокимияти амир Ҳайдар (соли 1802) мулки Ҳисор низ ба хазинаи аморат хироҷ месупурд. Вале пас аз марги ӯ дар соли 1826 аморатро муддате хараҷу мараҷи дохилӣ фаро гирифта, мулкҳои Шаҳрисабз ва Ҳисор аз итоати Бухоро сарпечӣ

мекунанд. Дар натиҷа, пас аз ба сари қудрат омадани амир Насруллоҳ бекигарии Ҳисор мустақилияти пурра ба даст овард [113, с.183].

Чи тавре ки зикр кардем муҳаққиқони рус алакай дар оғози солҳои 70-уми асри XIX оид ба Кӯҳистон – мулкҳои болооби водии Зарафшон тасаввурот ва маълумоти муайян доштанд, вале мулкҳои Тоҷикистони ҷанубу ғарбӣ ва Қаротегину Бадахшон ҳамчунон минтақаи дастнорас ва кашфношуда боқӣ монда буданд. Аз ин рӯ, ин ҳудудҳо то миёнаи солҳои 70-ум мавриди омӯзиш ва тадқиқи муҳаққиқони рус қарор нагирифта буданд.

Бо мақсади омӯзиши бевоситаи ҷуғрофии водии Ҳисор моҳи апрели соли 1875 бо фармони генерал-губернатори Туркистон ва сарварии Н.А. Маев эъзомияи Ҳисор ташкил карда мешавад. Ҳадафи асосии ташкили ин эъзомия омӯхтани минтақаи васеъ – аз доманаҳои ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор то дарёи Ому ва Панҷ ба шумор мерафт. Бояд қайд кард, ки ин нахустин кӯшиши омӯхтани ноҳияҳои марказӣ ва ҷанубу ғарбии Тоҷкистон аз тарафи муҳаққиқони рус маҳсуб мегардад. Эъзомия оид ба тавсифи ҷуғрофӣ, ҷойгиршавӣ ва номи маҳаллаҳои аҳолинишин, роҳҳои иртиботӣ, ҳудуд, сарҳад ва сохтори маъмурии водии Ҳисор маълумоти бешумор ва арзишмандро ҷамъоварӣ намуд [14, с.6-7].

О.Б. Боқиев зикр менамояд, ки бо вуҷуди маълумоти сершумори оморию ҷуғрофӣ аъзоёни эъзомияи Ҳисор маводдии арзишманди таърихиро дар бораи вазъи сиёсӣ ва сохтори маъмуриву идории водии Ҳисор ва мулкҳои ҳамсояи он ба даст овардаанд.

Бухорои Шарқӣ дар он давра аз бекигариҳои Бойсун, Шеробод, Деҳнав, Юрчӣ, Ҳисор, Қурғонтеппа, Қубодиён, Кӯлоб ва Балҷувон иборат буд. Бинобар таҳлили маводди таърихии эъзомияи Ҳисор, профессор О.Б. Боқиев менависад: «Баъди забти ниҳоии Ҳисор амири Бухоро ба беки Ҳисор нисбат ба дигар ҳокимони минтақаи Бухорои шарқӣ ҳуқуқ ва салоҳиятҳои васеъ дода буд. Вале баъдтар дар натиҷаи шӯру исёнҳои мардумӣ ҳуқуқҳои он маҳдуд карда

мешаванд» [155, с.121]. Масалан, ҳангоми сафари эъзомияи Ҳисор ҳукумати беки Ҳисор Саид Абдулмӯъминхон, писари амир Музаффархон танҳо дар Ҳисору Қаратоғ ва якчанд деҳаҳои ҳамсоя маҳдуд карда шуда буд. Сабаби асосии инро профессор О.Б. Боқиев «исёни писари амир Абдулмаликхон дар соли 1868 ба қалам додааст. Масалан, беки Ҳисор Саид Абдулмӯъминхон наметавонист бе иҷозати амир ҳатто аз Ҳисор ба Қаратоғ кӯчад» [155, с.121].

Пас аз забти бекигариҳои Ҳисор, Кӯлоб, Қаротегин ва Дарвоз бо мақсади назорати қатъӣ ва идораи босамар бо фармони амир дар аморати Бухоро ду мансаби қӯшбегӣ таъсис дода мешавад. Академик А.А. Семёнов дар ёддоштҳои сафари худ қайд мекунад: «Қароргоҳи қӯшбегии дувум дар Ҳисор ҷойгир гардидааст, то ин ки назорати ҳукумати марказии аморат дар мулкҳои Бухорои Шарқӣ пурзӯр карда шавад» [104, с.3]. Дар робита ба ин, профессор О.Б. Боқиев зикр мекунад: «Сабаби аслии таъйини вазифаи қӯшбегии дувум дар Ҳисор дар сарчашмаҳои он давра зикр карда нашудааст, вале бо эҳтимоли қавӣ васеъ гардидани ҳуқуқҳои беки Ҳисор ба соли 1886, пас аз он ки амир Абдулаҳадхон амакаш Остонақулбекро бо унвони қушбегӣ ҳокими Ҳисор таъйин мекунад, рост меояд» [155, с.122].

Бояд зикр кард, ки эъзомияи ҳарбии капитан Путята пас аз бозгашт аз Помир тавассути ҳудуди Бухорои Шарқӣ ба Тошканд сафар намудаанд. Профессор О.Б. Боқиев аҳаммият ва арзиши баланди мақолаҳои яке аз аъзои он Н. А. Бендерскийро қайд намудааст, ки дар солҳои 1883 ва 1904 ба Ҳисор ташриф оварда, дар сафари охиринаш бо пурзӯртарин беки Ҳисор Остонақул-қушбегӣ шахсан суҳбат намудааст. Аз рӯйи маълумоти Бендерский, Остонақул ҳокими мутлақи Ҳисор ба шумор рафта, унвони қушбегиро доро буд. Ӯ танҳо ба хазинаи Бухоро миқдори муайяни маблағ ва тухфаҳои гаронбаҳо мефиристод ва дар идораи умури дохилӣ комилан мустақил буд. Аз ҷумла, баъди амир танҳо ӯ ҳуқуқи татбиқи ҳукми қатлро дошт. Остонақул дорои шумораи зиёди мансабдорони маъмурӣ буд, ки муҳимтаринаш ясавулбошӣ ном дошт. Дар

хизмати ӯ ҳафт нафар мирзо/котиб қарор доштанд, дар ҳоле ки дар дигар бекигариҳои Бухорои Шарқӣ танҳо як ё ду нафар мирзо фаъолият мекарданд. Мирзобошӣ котиби шахсии Остонақул буда, мукотиботи махфӣ ва сарварии котибони дигар дар ихтиёри ӯ қарор дошт. Мансабдорони сершумори бекигарӣ шахсан аз Остонақулбӣ маош мегирифтанд. Чунончи, мансабдори калон ясаулбошӣ ба миқдори 10 рублу 8 копейк маош мегирифтааст [155, с.122].

Профессор О.Б. Боқиев муайян намудааст, ки «бекигарии Ҳисор аз 23 амлокдорӣ иборат буда, аз ҷониби амлокдор идора карда мешуд, ки асосан хешу ақрабои бек буданд. Даромади асосии амлокдорон онҳо аз ғундоштани хироҷи амлокдорӣ буд, вале ин корро ба мансабдорони сатҳи поёнӣ – оқсақолҳо, вогузор карда буданд, ки дар Ҳисор арбоб номида мешуданд. Вазифаи асосии арбобҳо ғундоштани андоз ва хироҷ буд. Тамоми дастгоҳи идорию маъмурии бекигарӣ аз ҳисоби маҳсули меҳнати оммаи мардум таъмин ва нигоҳдорӣ карда мешуд» [65, с.47].

Дар натиҷаи омӯзиши маълумоти маводди мавҷуда дар таърихнигории тоинқилобии рус профессор О.Б. Боқиев муайян намудааст, ки мулкҳои Қаротегин, Дарвоз, Кӯлоб ва Шуғнон соли 1830 аз тарафи хонигарии Хӯқанд забт гардида, барои муддате дар итоати он қарор доштанд. Вале соли 1840 бо сар задани вабо ва афзоиши норозогии мардуми Қаротегин ҳокими дастнишондаи Хӯқанд дар минтақа Мулло-шоҳӣ маҷбуран ба шаҳри Хӯқанд бармегардад. Соли 1841 хони Хӯқанд ҳокими нави Қаротегинро таъйин мекунад, ки ҳамзамон ҳокимони мулкҳои Кӯлоб, Дарвоз ва Шуғнон низ ба ӯ итоат мекарданд. «Ин маълумот шаҳодат медиҳанд, – қайд мекунад О. Боқиев, мулкҳои Қаротегин, Кӯлоб, Дарвоз ва Шуғнон, ки то ин давра мустақилияти худро нигоҳ медоштанд, нахустин маротиба соли 1830 аз тарафи хони Хӯқанд Муҳаммадалихон забт карда шуда, то ибтидои солҳои 40-ум дар тобеияти он қарор доштанд. Пас аз ин, мулкҳои мазкур то солҳои 70-уми асри XIX мустақилияти комили худро нигоҳ медоранд» [155, с.122].

Ташкил ёфтани эъзомияи ҳарбӣ-илмии Искандаркӯл дар соли 1870 ҳамчунин барои ҷамъоварии маводди таърихӣ дар бораи мулкҳои ҷанубу ғарб ва қисмати шарқии Тоҷикистон замина гузошт. Бо такя ба маълумоти яке аз нахустин муҳаққиқони Осиёи Миёна – аъзои эъзомияи Искандаркӯл олими шинохтаи рус А.П. Федченко профессор О.Б. Боқиев зикр мекунад, ки мулкҳои Қаротегин ва Дарвоз дар ҳақиқат аз оғози солҳои 40 то миёнаи солҳои 70-уми асри XIX мустақилияти худро пурра нигоҳ доштаанд. Маълумоти ҳокими Қаротегин Музаффаршоҳ, ки бо А.П. Федченко дар Учқӯрғон сухбат намудааст, далели боэътимоди гуфтаҳои боло ба шумор меравад.

Омӯзиши фарогири мулкҳои қисмати ҷанубу шарқи Тоҷикистони муосир пас аз забти ноҳияҳои шимоли он ва имзо гардидани шартномаҳои солҳои 1868-1873 байни аморати Бухоро ва Русияи подшоҳӣ оғоз гардид. Чунончи, соли 1875 бо фармони генерал губернатори Туркистон Кауфман бо сардории муҳаррири «Туркестанские ведомости» Н. А. Маев эъзомияи махсус барои муайян намудани ҷойгиршавии ҷуғрофии мулкҳои Ҳисор ва Кӯлоб ташкил гардид. Аъзои ин эъзомия дар баробари маъумоти ҷуғрофӣ ва оморӣ маводди пурарзиши таърихиро оид ба мулкҳои Ҳисор, Кӯлоб, Қубодиён ва Қурғонтеппа гирдоварӣ намуданд [75, с.28].

Профессор О.Б. Боқиев аз омӯзиши ин маводд ба чунин хулоса омадааст: «Қариб тамоми ҳудуди Бухорои Шарқиро дар нимаи дуюми солҳои 60-ум, бухусус, дар соли 1868 шӯришҳои бешумор бар зидди ҳукумати амирии Бухоро фаро гирифта буданд. Ӯ қайд мекунад, ки водии бой ва серҳосили Ҳисор пайваста диққати амирони Бухороро ҷалб мекард, вале ҳокимони саркаши он зуд-зуд аз итоати онҳо сарпечӣ менамуданд [155, с.22]. Вале пас аз шикаст хӯрдан аз Русияи подшоҳӣ амирони Бухоро ҳамеша кӯшиш мекарданд, ки мулкҳои қисмати шарқии аморатро дар тобеияти бечуну чарои худ нигоҳ доранд. Бо ин мақсад соли 1868 дар замони лашкаркашии аморати Бухоро ба мулкҳои Ҳисор ва Қубодиён нисбати аҳолии он зулму ситам ва бераҳмии

тасаввурнопазирро раво дида, андозҳои миёншиканро ҷорӣ намуданд. Молу мулки аҳолӣ тороҷ гардида, қисмати зиёди онҳо ба мулкҳои ҳамсоя ва ё кӯҳҳо фирор намуданд. Бино бар маълумоти капитан Лилиенталл, аҳолии ин мулкҳо солҳои аввали ҳукмронии писари амир Музаффархон Турахонро бо даҳшати хос ёддоварӣ намудаанд [155, с.22].

Дар асоси маълумоти мақолаи Г.А. Арандаренко «Қаротегин», ки соли 1878 нашр гардидааст, профессор О.Б. Боқиев зикр мекунад: «Соли 1868 дар байни беки Кӯлоб Сарахон ва беки Қаротегин Музаффаршоҳ иттифоқи ҳарбӣ бар зидии аморати Бухоро баста мешавад. Вале Музаффаршоҳ бо сабаби набудани боварӣ ва эътимод номаи беки Кӯлобро ба амири Бухоро мефиристад. Дар навбати худ беки Кӯлоб Сарахон аз ин амали Музаффаршоҳ ба шӯр омада, ба Қаротегин лашкар мекашад ва ӯро асир мегирад. Вале баъди бохабар шудан аз ҳуҷуми амири Бухоро ба Ҳисор Сарабек Музаффаршоҳро озод намуда, ба Кӯлоб бармегардад» [155, с.22].

Сохтори идориву маъмурии бекигариҳои Кӯлоб, Қаротегин ва Дарвозро баррасӣ намуда, О.Б. Боқиев ёдовар мешавад, ки он бо баъзе хусусиятҳои худ аз дигар бекигариҳои аморати Бухоро фарқ мекарданд. Зеро ин ҳудудҳо то солҳои 70-уми асри XIX мулкҳои мустақил буда, сохтори ба худ хоси идориву маъмурӣ доштанд. Гузашта аз ин, баъди ҳамроҳ шудани онҳо ба аморати Бухоро низ онҳо бештари вижагиҳои сохтори сиёсии худро комилан ниоҳ доштанд.

Бекигарии Қаротегин то нимаи дуюми асри XIX яке мулкҳои мустақили кӯҳистони тоҷик буд, ки аз тарафи хонадони меросии шоҳҳои он идора карда мешуд. Даъвогарони ҳукумат аз ҳисоби хонадон ва хешовандони шоҳ бисёр буда, дар аксар маврид ба бесарусомонии дохилӣ дар ҳудуди он сабаб мешуд. Ин бекигарӣ дар миёни қаторкӯҳҳои Ҳисор ва Дарвоз қарор дошта, сарҳадҳои шарқии он то вилояти Фарғона ва мулкҳои Қошғар ва дар ғарб то бекигарии Ҳисор ва болооби Зарафшон тул мекашид.

Профессор О.Б. Боқиев дар асоси нахустин маълумоти таърихнигории тоинқилобии рус оид ба Қаротегин муайян мекунад, ки қаламрави он соли 1868 аз тарафи лашари аморати Бухоро забт карда мешавад. Ҳокими он Муҳаммад Раҳим аз ҷониби амири Бухоро таъин гардид, ва пас аз ин Қаротегин амалан дар итоати аморат қарор гирифт. Ҳокими он бо ҳуқуқҳои маҳдуд чун пештара унвони шоҳро нигоҳ дошт. Ҳокими он мебоист аз ҳар амали хеш, аз ҷумла масъалаи ғундоштани хироҷ ба амир гузориши хаттӣ пешниҳод менамуд. Ҳайати кормандони пеши шоҳи Қаротегин аз шагаул-пешхидмат; маҳрамбошӣ – масъули корҳои хоҷагидорӣ ва маишии шоҳ; мирохур – аспбон; баққолбошӣ – сарошпаз; як мирзобошӣ – котиб ва ду мирзои хурд иборат буд [155, с.125].

Дар ҳудуди Қаротегин дар ин давра бекигариҳои Қалъаи Лабиоб, Ҳоит, Ғарм, Сарикӯл, Шилмак, Шинглич, Маҳзари Сир, Обигарм ва Мунҷихарф вуҷуд доштанд, ки дар навбати худ ба даҳиҳо тақсим шуда аз ҷониби мирҳазорӣ идора карда мешуданд. Мирҳазорӣ дар як вақт вазифаи миршаб ва ҷамъоварандаи хироҷро иҷро мекарданд, ки аз ҳисоби хешовандон ва ё наздикони шоҳ интихоб мегардиданд. Арбобони деҳаҳо аз тарафи аҳолӣ интихоб ва бо фармони махсуси шоҳ таъин карда мешуданд, ки вазифаи асосии онҳо ҷамъоварии андоз ба шумор мерафт. Ҳаҷми маош ва подоши хизмати ҳамаи маъмурон аз ҷониби шоҳ муайян карда мешуд, чунончи мирҳо хироҷи 6-10 деҳа, мирҳазорҳо 2-3 деҳа ва ниҳоят арбобҳо сеяки ҳосили гандуми деҳаро соҳиб мешуданд. Инчунин онҳо ҳангоми ғундории андоз, иштирок дар корҳои ҷамъиятӣ, маросимҳои хурсандӣ ва марг аз баъзе имтиёзҳо бархӯрдор буданд [155, с.126].

Дар робита бо сарчашмаҳои нахустини ин давра дар бораи Қаротегин О.Б. Боқиев қайд менамояд, аксари онҳо то соли 1887 дар асоси пурсиши сокинони маҳаллӣ дар шаҳрҳои генерал-губернатории Туркистон ва маълумоти шифоҳӣ навишта шудаанд. Вале моҳи июли соли 1887 капитан Василев ба водии Қаротегин сафар карда, соли 1888 «Очерки омории Қаротегин»-ро ба нашр

мерасонад. Асари мазкур дар бораи сохтори маъмурии Қартегин баъди ҳамроҳ шудани он ба аморати Бухоро маълумоти пурқимматро фаро гирифтааст.

Дар асоси маълумоти сарчашмаи мазкур О.Б. Боқиев чунин менависад: «Дар ин давра дар ҳудуди Қаротегин тартиботи маъмурии аморат пурра барқарор карда шуда, он алакай ба яке аз бекигариҳои аморати Бухоро табдил ёфта буд. Беки он аз тарафи амир таъйин карда мешуд, вале дар умури дохилӣ то андозае мустақилияти худро нигоҳ медошт. Бо мақсади идораи дохилӣ ҳудуди Қаротегин ба ҳашт амлокдорӣ – амлокдории Қирғизон, Ҳоит, Қалаи Лабиоб, Ғарм, Камароб, Навдонак, Яхак ва Обигарм (ба ивази 8 бекигарӣ) тақсим гардид, ки онҳоро амлокдор ба ҷойи мири пештара идора мекард. Ҳамин тариқ, аз омӯзиши осори профессор О.Б. Боқиев бармеояд, ки дар ин давра бо ҷорӣ кардани тартиботи амирӣ дар сохтори идориву маъмурии Қаротегин тағйироти чашмрас ба амал омадааст. Чунончӣ, бекигариҳои пештара барҳам дода шуда, ба ҷои он чун дигар бекигариҳои аморати Бухоро амлокдорӣ ташкил карда мешавад. Ин воҳиди маъмуриро на ин ки мир, балки амлокдор идора мекард» [155, с.128].

Дар асоси мавод ва маълумоти таърихнигории тоинқилобии рус дар бораи бекигарии Кӯлоб профессор О.Б. Боқиев қайд менамояд, ки он то замони забт гардидан аз тарафи лашкари аморати Бухоро мулки мустақил буд, ки аз тарафи хонадони меросии шоҳҳои маҳаллӣ идора карда мешуд. Муборизаҳои дурудароз барои тахти меросии шоҳ яке аз ҳодисаҳои маъмулӣ ва муқаррарӣ ба шумор мерафт. Баъди ҳамроҳ кардан ба аморати Бухоро беки Кӯлоб аз тарафи амир таъйин гардида, дар ҳудуди он ҳокими ягона ва мутлақ ба шумор мерафт. Вазифаи асосии он ҷамъоварии хироҷ ва ситонидани андоз ба хотири супурдани он ба хазинаи амир ба шумор мерафт. Ҳудудҳои он ба амлокдориҳо тақсим гардида, вазифаи асосии амлокдорҳо низ ғундоштани хироҷ буд. Танҳо баъзе минтақаҳои бекигарии Кӯлоб дар иҷораи сокинони кӯчидаи Дарвоз қарор дошт, ки аз баъзе имтиёзҳои иҷтимоӣ бархӯрдор буданд [65, с.39]. Ҳар як амалдор ва

маъмури маҳаллӣ андози порчаҳо ва ё қитъаҳои муайяншудаи заминро ба фоидаи худ меситониданд, ки он дар ҳудуди бекигарии Кӯлоб низ «танхо» номида мешуд [23, с.251].

Ҳамин тариқ, шабоҳати сохти маъмуриву идории бекигарии Кӯлоб низ дар қаринаи сохтори маъмурии аморати Бухоро ва хусусиятҳои маҳаллӣ дар осори профессор О.Б. Боқиев нишон дода шудаанд. Сохтори маъмурии ин бекигарӣ низ ба дигар мулкҳои мустақили кӯҳистони тоҷик монандии зиёд дошт, аммо пас аз ҳамроҳ шудан ба аморати Бухоро дар охири солҳои 60-уми асри XIX дар ҳудуди он низ пурра тартиботи амирӣ ҷорӣ карда мешавад. Бо вуҷуди ин, баъзе унсурҳо ва хусусиятҳои анъанавии идоракунии маҳаллӣ нигоҳ дошта шуданд.

Дарвоз яке аз мулкҳои дигари кӯҳистони Бухорои Шарқӣ ба шумор мерафт, ки то нимаи аввали солҳои 70-уми асри XIX мустақилияти худро нигоҳ доштааст. Дар бораи мулки Дарвоз нахустин маротиба соли 1883 очерки мардумшиносии Г.А. Арандаренко «Дарвоз ва Қаротегин» дар шаҳри Тошканд ба нашр мерасад. Аз маълумоти ӯ бармеояд, ки дар асри XIX дар Дарвоз хонадони шоҳони маҳаллӣ, аз ҷумла Мизробшоҳ /1812, Шоҳ-Турк /1822-1830/; Иброҳимшоҳ /1830-1837/; Султоншоҳ /1837-1845/; Исмоилшоҳ /1845-1863/; Шоҳи Дарвоз /1863-1870/ ва ниҳоят Сироҷиддиншоҳ /1870-1876/ ҳукумат мекарданд [155, с.25].

О. Боқиев менависад: «Давраи ҳукмронии Исмоилшоҳ (1845–1863) замони авҷ ва пурзӯр гардидани қудрати шоҳигарии Дарвоз ба шумор меравад, зеро дар ин давра Қаротегин ва Шуғнон тобеъ карда шуда, бекигариҳои Кӯлоб ва Ҳисор барои муддате ба хироҷгузори он табдил ёфта буданд. Вале пас аз муддате Сироҷиддиншоҳ аз тарафи беки Кӯлоб Сарахон асир гирифта мешавад, ки дар натиҷа на танҳо Қаротегин, балки амлокдориҳои рӯдхонаи Хингоб (Вахиё, Хуллоз) низ аз итоати он берун гардиданд. Ҳамин тавр, мулкҳои Ҳисору Кӯлоб соли 1868, Қаротегин соли 1869 ва зимистони соли 1877 Дарвоз низ тобеи аморати Бухоро гардиданд» [155, с.25].

Моҳи апрели соли 1886 капитани ситоди генералии Туркистон Н.Н. Покотило бо мақсади ғундоштани маълумоти оморию ҷуғрофӣ ба манотиқи марказӣ ва шарқии аморати Бухоро сафар мекунад. Ҳамзамон, бо назардошти масъалаи доғи рӯз, – рақобати Англия ва Русия ҷиҳати муайян намудани хатти сарҳад ва нуфуз дар Осиёи Миёна дар назди ӯ вазифаи аниқ намудани сарҳади мулкҳои Бухоро ва Афғонистон дар минтақаи болооби дарёи Панҷ меистод. Дар рафти ин саёҳат ӯ оид ба солҳои охири мавҷудияти бекигарии Дарвоз баъзе маълумоти нодири таърихӣ ва мардумшиносиро гирдоварӣ намудааст [96, с.126].

Профессор О.Б. Боқиев дар асоси маълумоти Н.Н. Покотило ва капитан Кузнетсов ба чунин хулоса меояд: «Мулкҳои соҳили чапи дарёи Панҷ ҳамеша дар итоати бекигарии Дарвоз қарор дошта, аз тарафи хешовандони шоҳи он идора карда мешуданд. Ӯ менависад, ки ин маълумот дар шароити хоси он давра дар қаринаи муносибатҳои Англия ва Русия аҳаммияти калон дошт, зеро амирони Афғонистон бо таҳрики маъмурони англис ба амлокдориҳои соҳили чапи дарёи Панҷ, ки ба Дарвоз тааллуқ доштанд, пайваста даъво менамуданд»[155, с.27].

Бинобар маълумоти Н.Н. Покотило, Сироҷиддин-парвоначӣ охирин беки Дарвоз буда, соли 1874 ба ҳайси асир ба Бухоро бурда мешавад, вале пайвандони ӯ то соли 1886 се амлокдории бузурги соҳили чапи Панҷ, – Хохон, Куф ва Шикайро идора мекарданд. Дар баробари ин аҳаммияти маълумоти капитан Кузнетсов низ аз тарафи О.Б. Боқиев ба таври алоҳида қайд карда шудааст. Тибқи он, дар замони ҳукмронии Сироҷиддиншоҳ мубориза ва норозигиҳои дохилӣ дар бекигарии Дарвоз ба авҷи аъло мерасанд. Дар чунин шароит амири Бухоро Музаффархон соли 1874 лашкари худро бо сардории Худойназар-атолиқ тавассути ағбаи Полезаки Балҷувон барои забти Дарвоз мефиристад. Пас аз расидани лашкари Бухоро ба Қалъаи Хумб Сироҷиддиншоҳ тавассути Ванҷ ба Хӯқанд фирор мекунад, вале аз тарафи хон ба маъмурони

Бухоро супурда шуда, дар он ҷо ба зиндон партофта мешавад. Забт гардидани Дарвоз аз ҷониби лашкари аморати Бухоро норозигии мардуми онро ба вуҷуд овард, ки шӯриши амлокдории Моймай аз он шаҳодат медиҳад.

О.Б. Боқиев ба набудани ақидаи ягона оид ба замони забти Дарвоз аз ҷониби аморати Бухоро ишора намуда, менависад, ки бо сабаби мавқеяти ҷуғрофӣ, роҳҳо ва ағбаҳои душворгузар, инчунин муборизаи озодихоҳонаи мардуми он Дарвоз на дар як сол, балки дар давоми солҳои 1874–1877 аз ҷониби лашкари аморат ишғол гардида, ҳамзамон дар зери нуфузи Русияи подшоҳӣ қарор гирифт [65, с.64].

Солҳои 80-уми асри XIX марҳилаи муҳим ва пуршиддати рақобати геополитикӣ ва сиёсии мустамликадорони русу англис дар Осиёи Миёна ба шумор меравад. Дар охири солҳои 80-ум дар натиҷаи мубориза ва талошҳои ҳар ду ҷониб сарҳадҳои нуфузи байни Англия ва Русияи подшоҳӣ дар воҳаҳои туркманнишин ва поёноби дарёи Панҷ муайян карда шуда, дар оғози солҳои 90-уми асри XIX рақобати ду кишвари абарқудрат дар кӯҳистони Помир ва минтақаҳои наздики он авҷ мегирад. Вале бояд зикр кард, ки ҳар ду тараф оид ба ин минтақаҳои дурдаст ва кашфношуда маълумоти ночизе дар ихтиёр доштанд. Аз рӯйи қарордодҳое, ки солҳои 80-ум бар байни мустамликадорони русу англис ба имзо расида буд, дарёҳои Ому ва Панҷ хатти тақсимкунандаи нуфузи онҳо ба шумор мерафт. Аммо баъзе амлокдориҳои бекигарии Дарвоз, ки алакай дар ин давра тобеи Бухоро гардида буд, дар соҳили чапи дарёи Панҷ қарор доштанд, яъне онҳо амалан дар тобеияти аморати Бухоро буданд.

Дар робита бо ин масъала профессор О.Б. Боқиев таззакур додааст, ки бо назардошти ин ҳолат агенти сиёсии Русияи подшоҳӣ дар Бухоро камер-юнкер Н. Чариков дастур медиҳад, ки ҳолати мазкур омӯхта шавад ва оид ба он гузоришоти муфассал пешниҳод гардад. Бо ин мақсад соли 1886 бо сарварии капитан Н. Н. Покотило барои муайян намудани сарҳади аниқ байни ҳудудҳои аморати Бухоро ва Афғонистон ба минтақаҳои болооби дарёи Панҷ фиристода

мешавад. Пас аз сафари Бухорои Шарқӣ капитан Н.Н. Покотило ду асари арзишманд - «Путешествие в центральную и восточную Бухару в 1886г» ва «Очерк Бухарских владений на левом берегу р. Пянджа»-ро чоп мекунад, ки дар бораи мулкҳои Бухорои Шарқӣ, аз ҷумла Дарвоз маълумоти пурарзиш ва саҳеҳу дақиқро фаро гирифтааст [155, с.128]. Ӯ нахустин сайёҳ ва муаллифи тоинқилобии рус ба шумор меравад, ки оид ба ин мулки кӯҳистони тоҷик маълумоти пурра додааст.

Аз рӯйи тавсифи капитан Покотило мулки Дарвоз дар ду соҳили рӯди Панҷ ҷойгир буда, масоҳати умумии он 175 км.кв. ва аҳолии он 30 ҳазор нафарро ташкил медиҳад. Ҳангоми сафари ӯ (соли 1886) дар Дарвоз алакай тартиботи маъмурии аморати Бухоро ҷорӣ гардида буд. Ҳудудҳои соҳилҳои чапи Дарвоз баъди ворид гардидани тартиботи идориву маъмурии амирӣ ба панҷ амлокдорӣ: Хохон, Куф, Шикай, Моймай ва Ҷумарч тақсим гаридида буд. Онҳо тавассути амлокдор идора карда мешуданд, ки аксаран аз ӯзбекҳои аз тарафи бек интихобшуда иборат буданд. Дар навбати худ беки Дарвоз бевосита аз тарафи амир таъйин карда мешуд [155, с.128].

Ҳангоми инъикоси сохтори маъмурии бекигарии Дарвоз профессор О.Б. Боқиев аҳаммияти асари «Дарвоз»-и капитан Кузнетсовро алоҳида зикр намудааст. Ӯ навиштааст: «Боби алоҳидаи ин асар ба сохтори маъмурии бекигарии Дарвоз бахшида шудааст. Бинобар маълумоти асар Дарвоз дар ин давра аз 11 амлокдорӣ: Чил-Дара, Тавилдара, Сағирдашт, Қалаихумб, Шикай, Куф, Хохон, Моймай, Ҷумарч, Ванҷ, Вахиёи боло ва ду минтақаи алоҳидаи Язгулом ва Тангишева иборат буд» [155, с.130].

Беки Дарвоз Назирбекбий уҳдадор буд, ки қисми зиёди хироҷи ғундошташуда ва тухфаҳои гаронарзишро ба амир пешкаш кунад. Дар идораи умури дохилӣ ӯ комилан мустақил буд ва мансабдорони бешуморе дар хидматаш қарор доштанд. Онҳо қисми хироҷи ҷамъоваришударо гирифта, илова бар он, соле як маротиба аз бек туҳфаҳои гуногун низ дастрас мекарданд. Дар

бобати таъминоти моддии дастгоҳи маъмурии бекигарии Дарвоз профессор О.Б. Боқиев менависад, ки чун дигар бекигариҳои аморати Бухоро нигоҳдошти он пурра аз хироҷи ғунгардида, яъне пурра аз ҳисоби меҳнати мардуми меҳнаткаш вобастагӣ дошт. Бо вуҷуди ин, дар бекигариҳои Дарвоз, Қаротегин ва баъзе мулкҳои дигари Бухорои Шарқӣ низоми «танхо» мавҷуд буд [155, с.130].

Зимни шарҳи низоми «танхо» профессор О.Б. Боқиев зикр намудааст, ки амалдорон ва маъмурони сатҳи маҳаллӣ дар мулкҳои Бухорои Шарқӣ ба сифати маош ва ё воситаи нигоҳдошти дастгоҳи идорӣ дар сатҳи маҳал андози қитъаҳои махсуси заминро, ки «танхо» номида мешуданд, ба манфиати шахсии худ меситониданд. Масалан, нӯкар ва ё аскари қаторӣ метавонист 1 танхо ва мирохӯр 13 танхоро соҳиб шавад. Ҳамзамон, профессор О.Б. Боқиев дар тақвияти андешаи Д.Н. Логофет менависад: «Дар Бухорои Шарқӣ ҳар амалдоре вобаста ба сатҳи мансабаш метавонист қитъаҳои махсуси замин ва хонаводаҳоро бо мақсади ба фоидаи шахсӣ ситонидани андоз дар ихтиёр дошта бошад» [23, с.251].

Кӯҳистони Помир минтақаи дигари қаламрави Тоҷикистон аст, ки таърихи он бо дигар мулкҳои кӯҳистони тоҷик шабоҳат ва пайванди ногусастании таърихӣ ва фарҳангиву маънавӣ дорад. Таърихи ин минтақа, алалхусус инъикоси он дар таърихнигории тоинқилобии рус яке аз масъалаҳои муҳим ва ҳамзамон ҷолиби диққат ба шумор меравад. Зеро таърихи он дар нимаи дуюми асри XIX ба шарофати асарҳо, очеркҳо, қайдҳои сафар, ёддоштҳо, мақолаҳо ва гузоришҳои сайёҳон ва муҳаққиқони тоинқилобии рус нисбатан беҳтар омӯхта шудааст [162]. Лозим ба зикр аст, ки омӯзиши таърихи кӯҳистони Помир низ аз ҷониби олимон, муҳаққиқон ва ниҳоят, аскарони рус танҳо пас аз забти шудани Осиёи Миёна аз тарафи Русия – яъне, дар солҳои 70-80-уми асри XIX оғоз ёфт, ки ба пажӯҳиши муназзами илмии он асос гузошт.

Профессор О.Б. Боқиев таъкид намудааст: «Нахустин бор дар таърихнигории тоинқилобии рус номи мулкҳои кӯҳистони Помир дар асари

«Тавсифи хонигарии Қӯқанд» зикр гардидаанд. Дар ин асар гуфта мешавад, ки солҳои 30-юми асри XIX дар баробари Қаротегин, Кӯлоб ва Дарвоз бекигарии Шуғнон низ аз тарафи хони Хӯқанд Муҳаммадалихон тобеъ карда мешавад» [155, с.121].

Дар робита бо ин бояд ёддовар гардид, ки шиносоии наздик ва муфассали муҳаққиқони рус бо минтақаи кӯҳистони Помир дар нимаи дуюми асри XIX – замони ҳамроҳ намудани ҳудуди Помири Шарқӣ ба Русияи подшоҳӣ (соли 1876) ба амал омад. Пас аз ин муҳаққиқон ва саёҳони рус имконияти васеъ ва воқеиро барои омӯхтани ин сарзамини дар он давра кашфнашуда ба даст оварданд. Дар баробари таҳқиқи мавқеияти ҷуғрофӣ, табиат ва сарватҳои зеризаминӣ, нахустин муҳаққиқон ва саёҳони рус ҳамчунин оид ба таърихи он маводу маълумоти гаронарзишеро ба мерос гузоштаанд.

Профессор О.Б. Боқиев зикр намудааст, ки олими шинохтаи рус А. П. Федченко нахустин касе буд, ки пас аз кашфи қаторкӯҳҳои Олой ва Паси Олой дар ҳудуди Помири Шарқӣ саёҳат намуда, оид ба он маълумоти ҷолиброро пешниҳод намудааст. Ӯ менависад, ки аҳолии ин сарзамин – қарақирғизҳо дар тобеияти хони Хӯқанд қарор доранд. Соле як маротиба маъмурони хонигарӣ аз шаҳри Ош барои ҷамъоварии закот ба ин ҷо ташриф меоварданд. Вале пас аз афзудани нуфузи аморати Бухоро дар бекигарии Қаротегин, ки дар ҳамсоягии қирғизҳо қарор дошт, хони Хӯқанд барои пурзӯр намудани ҳокимияташ дар Олой қалъаи мустаҳкам бунёд намуда, Исмоил-тӯқсаборо сардори дастаи ҷигитҳои қирғизи Олой таъйин мекунад. Аз рӯйи маълумоти сокинони маҳаллӣ ҳокимони Шуғнон бо хонҳои Хӯқанд робитаҳои хешутаборӣ дошта, яке аз духтарони Юсуфалишоҳ дар никоҳи хони Хӯқанд Худоёрхон қарор дошт.

Солҳои 70-80-уми асри XIX марҳилаи муҳим ва босамари омӯзиши илмии минтақа ба шумор мераванд, ки аз якчанд омилҳои муҳим вобаста буд. Пас аз сафари А.П. Федченко пажуҳиши илмии минтақаи кӯҳистони Помир ба марҳилаи сифатан нави хеш ворид гардид. Бинобар андешаи О. Боқиев, дар баробари дигар

омилҳо авҷи гирифтани рақобати Русияи подшоҳӣ ва Англия дар Осиёи Миёна, бахусус минтақаи Помир низ ба ин раванд такони ҷиддӣ бахшид. Ҳар ду тараф барои омӯзиши ҷуғрофиё ва имкониятҳои логистикии он талош меварзиданд. Бо ин мақсад соли 1876 эъзомияи ҳарбии генерал-майор Скобелев ташкил карда мешавад, ки то сол 1877 то минтақаи Рангкӯл сафар намуд. Яке аз ҳарбиёни дигари рус И.В. Мушкетов сарҳадҳои шимолии Помир – водии Олойро то ҳудудҳои Қаротегин мавриди омӯзиш қарор дод. Эъзомияи дигаре, ки бо сарварии Н.А. Севертсов ташкил гардида буд, дар омӯзиши минтақа саҳифаи наверо боз намуд. Он дар масири ҳаракаташ то Яшилкӯл расида, харитаи маҳалро тартиб дод ва инчунин нахустин маротиба оид ба ноҳияҳои Помири Ғарбӣ маълумот медиҳад. Худи ҳамон сол зоологи машҳури рус В.Ф. Ошанин болооби дарёи Муксуро омӯхт [65, с.53].

Соли 1883 эъзомияи капитан Путята ба Помир ташкил гардид, ки дар ҳайати он муҳандиси шароити кӯҳсор Д.Л. Иванов ва топограф Н. А. Бендерский дохил буданд. Онҳо тамоми минтақаи кӯҳсори Помирро омӯхта, мушоҳидаҳои муҳаққиқони рус ва таҳқиқоти англисҳоро оид ба сарҳадҳои ҷанубии Помир муқоиса намуданд. Солҳои 1884-1887 Г.Е. Грум-Гржимайло ва дар давоми солҳои 1889–1890 Б.Л. Громбачевский дар Помир саёҳат намуда, оид ба қисматҳои ҷанубӣ ва ҷанубу шарқии он маълумоти ҷуғрофӣ ва таърихӣ гирдоварӣ намуданд [53, с.26].

Дар давоми солҳои 1891–1894 баъзе ағбаҳои душворгузари Ҳиндукуш низ аз тарафи ҷосусон ва топографони ҳарбии рус мавриди омӯзиш қарор гирифтанд. Иштирокчиёни эъзомияҳои ҳарбӣ ва дигар муҳаққиқони рус маводди арзишманди ҷуғрофӣ, орографӣ, биологӣ, геологӣ ва маълумоти зиёдеро оид ба бекигариҳои кӯҳистони Помир ҷамъ оварданд, ки ба баъзе саҳифаҳои норӯшани таърихи он равшанӣ меандозанд.

Аз таҳлили осори О.Б. Боқиев бармеояд, ки ҳатто дар матбуоти солҳои 80-90-и Аврупо «Масъалаи Помир» ҷойгоҳи хосе касб карда, дар маркази диққати муҳаққиқон, сиёсатмадорон, дипломатҳо, ҳарбиён ва пеш аз ҳама, маъмурони

Русияи подшоҳӣ ва Англия қарор дошт. Профессор О.Б. Боқиев ёддовар гардидааст: «Англисҳо бо ҳар роҳ мекӯшиданд, то «ҳуқуқи таърихӣ»-и Афғонистон ва Хитойро ба мулкҳои Помир исбот намоянд, ки ба ҳеҷ ваҷҳ аз тарафи русҳо қобили қабул набуд. Русияи подшоҳӣ низ бо ҳар роҳ мекӯшид, ки пеши роҳи афзоиши таъсир ва нуфузи англисҳо дар минтақаҳои наздики Помир ва инчунин мулкҳои дохилии он гирифта шавад» [155, с.33]. Онҳо низ кӯшишҳои худро дар самти омӯзиш, кушодани роҳҳо, ағбаҳо ва тартиб додани харитаҳо ва нашри адабиёти зарурӣ ба таври мақсаднок ва назардошти мулоҳизоти сиёсӣ ба роҳ монданд. Бо ин мақсад ҳанӯз соли 1876 М.И. Венюков китоби саёҳи машҳури англис Гордон «Саёҳати Помир»-ро бо илова намудани қайдҳо ва тавзеҳоти танқидӣ тарҷума менамояд [155, с.33].

Дар хусуси масъалаи зикршуда О.Б. Боқиев ба мақолаҳои М.И. Венюков ва маълумоти сайёҳ ва сафири англис Гордон такя мекунад. Ӯ масъалаи тобеияти Вахонро ба Бадахшон баррасӣ намуда, ба чунин хулоса омадааст, ки англисҳо бо ҳар воситае мехостанд тобеияти мири Вахон – Фатҳалишоҳро ба ҳокими Бадахшон (Афғонистон) нишон диҳанд. Англисҳо бо ин роҳ манфиатҳои сиёсии худро пайгирӣ менамуданд ва ҳамзамон ҳокимони Қошғар ва Бадахшонро ба ин таҳрик медоданд. Онҳо мекӯшиданд, ки Вахонро дар тобеияти Бадахшони Афғонистон қарор диҳанд ва ҳатто бо ин мақсад Биддолфро ба Бадахшон ва Вахон мефиристанд. Вале Биддолф ва ҳамсафони ӯ натавонистанд бо баъзе сабабҳои сиёсӣ ба ҳудуди Вахон ворид гарданд. Профессор О.Б. Боқиев бо назардошти ин далел менависад, ки Вахон дар ин давра пурра мустақилияти худро дар баробари Бадахшон, ки дар навбати худ ба Кобул итоат мекард, нигоҳ медошт. Мири Вахон барои ворид шудани Биддолф ба ҳудуди хеш монеъ гардид, ки аз мустақилияти он далолат мекунад.

Бояд ёддовар гардид, ки экзомияи ҳарбӣ бо сардории капитан Путята дар соли 1883 маълумот ва маводди пурарзишро оид ба бекигариҳои кӯҳистони Помир ҷамъоварӣ намуд. Сафари экзомия ба замони забти мулкҳои соҳили чапи

дарёи Панҷ – Рӯшон, Шуғнон ва Вахон аз тарафи лашкари амир Абдураҳмонхон рост омадааст. Пас аз қишлоқи Сардем лашкари афғонҳо ба ҳаракати минбаъдаи эъзомия ба дохили Помири Ғарбӣ монеъ гардиданд. Маълумоти онҳо асосан вазъи мавҷудаи сиёсии мулкҳои Помири Ғарбиро тасвир мекунанд. Арзиши маълумоти онҳо дар он ифода меёбад, ки аъзоёни эъзомия шоҳиди бевоситаи баъзе воқеаҳои сиёсии ин давра ба шумор меравtotal [75, с.53]. Алалхусус онҳо ғасби мулкҳои Помир аз ҷониби лашкари афғонҳо, вазъи даҳшатбори иқтисодӣ ва иҷтимоии аҳолӣ ва муборизаи мардумони Помирро бар зидии истилогарони афғон инъикос намудаанд.

Дар асоси таҳлил ва баррасии маълумоти гузоришҳои эъзомияи мазкур профессор О.Б. Боқиев хулоса намудааст, ки мардумони маҳаллӣ бо сабаби ваҳшонияти содиршуда аз рӯзҳои аввал нисбати афғонҳо нафрати беандоза зоҳир намуда, дастаи ҳарбиёни русро бо хурсандии беҳаду канор пазироӣ намуданд. Намояндагони маҳаллӣ ҳатто чанд бор ба пеши сардори эъзомия капитан Путята омада, ҳамроҳ намудани ҳудудҳои худро ба ҳайати Русия талаб намуданд [63, с.205].

Баъзе лаҳзаҳои ҳаёти сиёсӣ, вазъи иҷтимоиву иқтисодӣ ва вежагиҳои сохтори маъмурии мулкҳои Рӯшон, Шуғнон ва Вахон дар ин давра дар гузоришҳо ва мақолаҳои Б.Л. Громбачевский инъикос карда шудаанд, ки арзиши баланди илмӣ доранд [53]. О.Б. Боқиев аҳаммияти маълумоти пурқиммати ӯро ба таври алоҳида қайд намудааст. Б.Л. Громбачевский шоҳиди бевоситаи ҷабру ситами афғонҳо ва муборизаи озодихоҳонаи мардумони Рушон, Шуғнон ва Вахон бар зидди истилогарони афғон ба шумор рафта, бино бар таъкиди профессор О.Б. Боқиев вазъи сиёсӣ ва иҷтисодиву иҷтимоии мулкҳои мазкурро ба таври объективӣ тасвир мекунад [155, с.35].

Илова бар ин, маълумоти гузоришҳо, мақолаҳо, очеркҳо ва ёддоштҳои саёҳон, ҳарбиён, муҳаққиқон ва дигар иштирокдорони эъзомияҳо бо сарварии капитан Ванновский, А.Г. Серебренников, Б.А. Тачеев, капитан Зайченко, граф

А.А. Бобринский ва дигарон оид ба мулкҳои Помир дорои арзиши баланди илмӣ мебошанд. Профессор О.Б. Боқиев зикр мекунад, ки бахусус мавод ва маълумоти А.Г. Серебренников оид ба воқеаҳои таърихии бекигарии Шуғнон дар ин давра аҳаммияти фавқуллода доранд. Мардумшиноси шинохтаи рус граф А. Бобринский бошад дар асари хеш дар баробари маълумоти мардумшиносӣ ва иқтисодӣ оид ба таърихи сиёсии бекигарии Вахон аз солҳои 30-юми асри XIX то замони ишғоли он аз ҷониби лашкари афғонҳо ва фирори охирин мири Вахон Алимардоншоҳ маълумоти ҷолиберо ироа намудааст [60, с.63-64].

Чи тавре ки пештар зикр карда шуд, нахустин маълумоти таърихнигории тоинқилобии рус дар бораи кӯҳистони Помир, аз ҷумла сохтори маъмурии мулкҳои он низ дар осор ва мақолаҳои капитан Путяты, Д.Л. Иванов, Н.А. Бендерский, капитан Ванновский, А.Г. Серебренников, Б.Л. Тагеев, капитан Зайченко, Ю.Д. Головнина ва дигарон мавҷуданд. Зимни инъикоси масъалаи мазкур профессор О.Б. Боқиев тазаккур додааст: «Муаллифони тоинқилобии рус бевосита сохтори маъмуриву идории мулкҳои Помирро инъикос накарда, танҳо ҳангоми баррасии баъзе масъалаҳои сиёсӣ ба он ишора намудаанд» [60, с.64].

Бо истиснои баъзе муҳаққиқони тоинқилобии рус, – менависад О. Боқиев, – ҳамаи онҳо ҳудуди Помирро ба ду бахш – шарқӣ ва ғарбӣ ҷудо намудаанд. Помири Шарқӣ ва сокинони он – қарақирғизҳо то соли 1876 дар итоати Хӯқанд қарор дошта, дар ҳудуди он тартиботи маъмурии хонӣ ҷорӣ гардида буд. Помири Шарқӣ ба воҳидҳои маъмурии ҷудогона тақсим мешуд, ки беки аз тарафи хони Қуқанд ба вазифа таъйин карда мешуд [155, с.134].

Ӯ зикр намудааст, ки оид ба сохтори маъмурии Помири Шарқӣ танҳо баъзе маълумоти арзишмандро дар мақолаҳои капитан Путята вохӯрдан мумкин аст, вале сохти маъмурии онро дар асоси он пурра инъикос намудан номумкин аст. Инчунин сатҳи таъсир ва нуфузи хонигарии Хӯқанд дар ҳудуди Помири Шарқӣ номуайян боқӣ мемонад, зеро дар ин бора маълумоти пароканда мавҷуд аст.

Аммо аз баъзе ишораҳои муҳаққиқони рус бармеояд, ки таъсири ҳукумати хонии Қуқанд дар ин минтақа маҳдуд буда, амалан танҳо дар ғундоштани закот ба фоидаи хазинаи хоигарӣ ифода меёфт. Барои ғундоштани хироҷ ё закот соле як маротиба маъмурони Қуқанд бо ярлиғи махсуси хон ба Помири шарқӣ меомаданд, аммо дар ҳолатҳои дигар мансабдорони маҳаллӣ аз мустақилияти васеъ бархӯрдор буданд.

Ба маълумоти А.П. Федченко такя намуда, профессор О.Б. Боқиев баъзе омилҳои пурзӯр гардидани таъсири ҳокимияти хониро дар Помири шарқӣ баён намудааст. Бинобар маълумоти ӯ то соли 1870 бо фармони хони Қуқанд масъулони ғундоштани закот аз Ӯш соле як маротиба ба ин минтақа сафар мекарданд. Вале паз аз забти Қаротегин аз ҷониби аморати Бухоро хонигарии Қуқанд ҳокимияти худро дар ин ҷо тақвият мебахшад. Чунончи соли 1870 бо мақсади назорати қирғизҳои водии Олой аз тарафи Қуқанд намояндаи махсуси хонигарӣ таъйин карда мешавад [63, с.134].

Бояд ёддовар гардид, ки ҳукумати Хитой низ дар ин давра дар баъзе мавридҳо ба ҳудуди Помири шарқӣ лашкар кашида, аҳолии кӯчии онро дар итоати хеш қарор медод. Масалан дар давоми солҳои 1876–1892 ҳукумати Син аз таъсир ва нуфузи нисбӣ дар ин минтақа бархӯрдор буд, ки дар пайи барҳамхӯрии хонигарии Қуқанд ба амал омада буд.

Дар замони афзоиши нуфузи хитоиҳо бекҳои Помири шарқӣ вазифадор буданд, ки вобаста ба шумораи хаймаҳо барои хизмат ба ҳайси ҷигитҳо аҳолии маҳаллиро ба Қошғар сафарбар намоянд. Онҳо баъзан то 2-3 моҳ дар Қошғар меистоданд, аммо ҳокимони хитоӣ танҳо барои ҳалли масъалаҳои пурихтилоф ба Сариқӯл ташриф меоварданд [155, с.136].

Гарчанде соли 1876 дар натиҷаи фаъолияти эъзомияи ҳарбии Олой бо сарварии генерал Скобелев водии Олой ва ҳудуди Помири Шарқӣ ба Русия ҳамроҳ карда шуданд, вале то соли 1893 ҳукумати подшоҳӣ дар ин минтақа таъсиру нуфузи муайне надошт. Танҳо соли 1893, пас аз сафари эъзомияи

полковник Ионов Русияи подшоҳӣ ҳузури худро дар ин ҷо мустаҳкам намуд, ки ҳамзамон ба коҳиши нуфузи ҳукумати Син ва афғонҳо мусоидат намуд [94]. Аммо, бояд қайд кард, ки таъсири бениҳоят заифи ҳукумати Син барои муддате барқарор мегардид, вале амалан онҳо дар ин минтақа ҳукумат надоштанд.

Пас аз таҳлили таърихнигории осори муҳаққиқони тоинқилобии рус оид ба барқарор гардидани маъмурияти Русияи подшоҳӣ дар минтақаи Помири Шарқӣ профессор О.Б. Боқиев зикр мекунад, ки оид ба масъалаи мазкур «Гузориш оид ба фаъолияти отряди капитан Зайтсев дар Помир дар марҳилаи аз 26-уми апрели соли 1893 то 18 октябри соли 1894» маводди арзишманд ва мудаллалро фаро гирифтааст [130, с.3-29].

Дар ин робита, бо такя ба ин гузоришоти капитан Зайтсев ӯ чунин баён намудааст: «1-уми октябри соли 1893 бо фармони генерал-губернатори Туркистон отряди Помир бо сардории капитан Зайтзев бо мақади иваз намудани отряди Шоҷони капитан Кузнетсов ташкил карда мешавад. Аз 26-уми август капитан Кузнетсов идораи умури аҳолиро ба уҳда гирифта, сардори бевоситаи тамоми посгоҳҳои Помир гардид. Аз нигоҳи маъмурӣ ҳамаи аҳолии Помири шарқӣ, ки тобеи Русия буданд, ба ду волост: волости Помир, ки танҳо аз қарақирғизҳои кӯчӣ ва волости дуюм аз ҳисоби қисмати шарқии Рӯшон, ки аз ҷамотаҳои Орошор ва Сарез иборат буд, тақсим гардид [155, с.136].

Тавре ки зикр карда шуд, аз оғози солҳои 80-уми асри XIX гурӯҳи муҳаққиқони гуногунсоҳаи рус барои омӯзиши минтақаи дигар – Помири ғарбӣ сафарбар карда шуданд, ки маводди арзишманди таърихиро ҷамъоварӣ намуданд. Профессор О.Б. Боқиев зикр намудааст, ки нахустин мавод ва маълумот оид ба сохтори маъмуриву идории Помири ғарбӣ дар натиҷаи сафари духтури рус А.Э. Регел дар солҳои 1882–1883 ба даст омадааст [155, с.138]. Баъдан дар рафти фаъолияти эъзомияи Помир бо сардории капитан Путята дар соли 1883, сафари Г.Л. Громбачевский дар солҳои 1889–1892 ва эъзомияҳои ҳарбии солҳои 1891–1894 маълумоти гуногун оид ба ин минтақа гирдоварӣ

гардид. Илова бар ин, маълумоти зиёде оид ба сохтори маъмурии мулкҳои Помири Ғарбӣ дар асарҳо ва мақолаҳои Б.В. Станкевич, А.А. Бобринский, И. Слуцкий ва Муханов ва дигарон низ ҷой доранд [54, с.7].

Пас аз таҳлили таърихнигорӣ ва накди маълумоти маводдии фавқуззикр профессор О.Б. Боқиев ба хулоса омадааст, ки то замони ишғоли Помири Ғарбӣ аз ҷониби афғонҳо дар ҳудуди он мулкҳои алоҳида ва мустақили Вахон, Ғорон, Шуғнон, Шоҳдара ва Рӯшон мавҷуд буда, аз тарафи шоҳҳо ва ё мирҳои маҳаллӣ идора карда мешуданд. Аммо ҳангоми сафари капитан Путята танҳо Вахон ва Шуғнон мустақилияти худро нигоҳ медоштанд.

Ҳудуди Вахон дар рӯдхонаи Вахондарё ва дарёи Помир ҷойгир буда, ба ду бахш – Сарҳад ва Панҷ тақсим мешуд. Дар назди ҳокими он қозӣ, девонбегӣ, ду оқсақоли калон ва 6 оқсақоли хурд қарор доштанд. Онҳо аз тарафи аҳолӣ интихоб ва аз ҷониби мир таъйин карда мешуданд, вале бар ивази хидмати хеш маош намегирифтанд [155, с.139].

Яке аз мардумшиносони машҳури рус граф А.А. Бобринский зикр мекунад, ки ҳангоми сафари ӯ дар Вахон (соли 1901) дар назди мири он қозӣ, котиб ва якчанд оқсақол қарор доштанд. Дар баъзе мавридҳои зарурӣ бо иштироки оқсақол ва мӯйсафедони обрӯманд шурои назди мир *(маслиҳат)* даъват карда мешуд. Оқсақолон аз ҳисоби хешовандон ва наздикони мир дар деҳкадаҳои калон, аз ҷумла Хундут, Иштроғ, Сарҳад ва Шотравн иқомат мекарданд. Барои таъминоти моддии онҳо ду хонавода вазифадор карда мешуд [60, с.63-64].

Мулки Шуғнон дар қисмати ғарбии Помир – дар рӯдхонаи дарёи Панҷ ва шохобҳои он Шоҳдара, Ғунд ва Мурғоб ҷойгир буд. Деҳкадаи Хидҷз сарҳади он бо Дарвоз ба шумор рафта, дар шарқ ҳудудҳои он то Помири Шарқӣ тул мекашид. Профессор О.Б. Боқиев муайян намудааст, ки ҳудуди он аз нигоҳи маъмурӣ ба 7 оқсақолӣ тақсим гардида буд. Оқсақолҳо аз тарафи мардум интихоб карда мешуданд, вале фармони таъйин шудани онҳоро мир ва ё шоҳи Шуғнон тасдиқ мекард. Тахти шоҳи Шуғнон меросӣ буд, вале мубориза ҳо

байни меросбарон ба як амри муқаррарӣ табдил ёфта буд. Зиддиятҳо махсусан дар замони охирин шоҳи мустақили Шуғнон Юсуфалишоҳ авҷ мегирад [155, с.138].

Дар оғози солҳои 80-уми асри XIX дар таърихи мардумони Рӯшон, Шуғнон ва Вахон саҳифаи тираи ҳукмронии афғонҳо оғоз мегардад. Амир Абдураҳмонхон бо таҳрик ва дастгирии англисҳо дар давоми солҳои 1883-1885 мулкҳои зикршудаи Помири Ғарбиро забт мекунад. Пас аз ишғоли ин мулкҳо аз тарафи лашкари амири Афғонистон Гулзорхон, ки дар навбати худ ба ҳокими Файзободи музофоти Бадахшон итоат мекард, намояндаи афғонҳо таъйин карда мешавад.

Гузоришҳои капитан Ванновский, ки ҳангоми сафараш ба Помир (1893) омода карда шудаанд, оид ба вазъи мавҷудаи мулкҳои Рӯшон, Шуғнон ва Вахон дар замони ишғоли афғонҳо сарчашмаи ягонаи таърихӣ ба шумор мерававнд. Профессор О.Б. Боқиев дар асоси гузоришҳои капитан Ванновский муайян намудааст, ки пас аз забткориҳои афғонҳо дар ҳудуди Помири Ғарбӣ уезди Шуғнон дар ҳайати музофоти Бадахшони Афғонистон ташкил карда мешавад. Қароргоҳи ҳокими он Ибодуллохон дар маҳаллаи Қалъаи Барпанҷаи Шуғнон воқеъ буда, тамоми қушунҳои афғонӣ дар Рӯшону Шуғнон ба ӯ итоат мекарданд. Ёрдамчии Ибодуллохон дар Рӯшон сокини маҳаллӣ Розиқ ном оқсақол таъйин карда мешавад. Дар идораи умури дохилӣ оқсақолҳо барои ду ё се деҳа аз ҷониби мардум интихоб карда мешуданд [155, с.139].

Маълумоти муҳаққиқон ва сайёҳони тоинқилобии русро таҳлил намуда, профессор О.Б. Боқиев таъкид мекунад, ки замони ишғоли афғонҳо марҳилаи мудҳиштарини таърихи мардумони Помири Ғарбӣ ба шумор меравад. Масалан шумораи аҳолӣ дар Рӯшон ду баробар кам гардида, қисми сокинони Шуғнон ва Вахон низ аксаран деҳаҳои худро тарк карда буданд. Мардуми маҳаллӣ аз рӯзҳои нахустини омадани афғонҳо якчанд маротиба ба сардорони отряди русӣ дар хусуси ба Русия ҳамроҳ намудани сарзамини хеш муроҷиат намуданд. Вале

амалан то соли 1894 Помири Ғарбӣ дар итоати афғонҳо қарор дошт ва танҳо пас аз эъзомияи охирини полковник Ионов дар охири соли 1894 аскарони афғон маҷбуран соҳилҳои рости дарёи Панҷро тарк намуданд [8, с.23-29].

Мавриди зикр аст, ки пас аз сафари полковник Ионов ва имзои шартномаи байни Русия ва Англия дар соли 1895 оид ба «Масъалаи Помир» ҳудуди Помир ба Русияи подшоҳӣ ҳамроҳ карда мешавад. Вале аз 26-уми июни соли 1896 ҳукумати подшҳоӣ ҳудудҳои Рӯшон, Шуғнон ва Вахонро дар ихтиёри аморати Бухоро гузошт, ки марҳилаи идора ва ҷорӣ гардидани тартиботи маъмурии аморати Бухоро дар мулкҳои мазкур солҳои 1896–1905-ро дар бар мегирад.

Профессор О.Б. Боқиев пас аз баррасии мазмун, моҳият ва аҳамияти мавод ва маълумоти мавҷуда дар хусуси ба ихтиёри маъмурони амирӣ вогузор намудани идораи мулкҳои Помири ғарбӣ сабабҳои асосии онро баён намудааст. Ба андешаи ӯ, «Русияи подшоҳӣ ин ҳудудҳоро на барои ҷуброн намудани ҳудудҳои аздастрафтаи аморат, балки ба хотири мулоҳизот ва манфиатҳои сиёсии худ ба маъмурони бухороӣ вогузор намуд. Якум, Русия барои пешгирии авҷи мухолифат ва танишҳои сиёсиву дипломатӣ бо Англия мулкҳои Помири Ғарбиро ба Бухоро ҳамроҳ намуд; дувум, аморати Бухоро давлати мустақил набуда, амалан вассали он буд. Аз ин бармеояд, ки беки мулкҳои Помири Ғарбӣ, ки дар Вамари Рӯшон иқомат мекард, дар зери назорати сардори отряди Помир (Хоруғ) қарор дошт, ки ин мустақилияти ӯро дар амал маҳдуд мекард. На танҳо сардори отряд, балки ҳар афсари рус метавонист пеши роҳи амалҳои зиддиинсони ӯро гирад» [6, с.14-23]. Бинобар ин, профессор О.Б. Боқиев таъкид менамояд, ки дар ҳудуди Помири Ғарбӣ амалан ҳукумат ва маъмурияти амирию русӣ ҷорӣ гардид, аммо таъсир ва нуфузи сардор ва афсарони отряди Помир бештар буд.

Беки мулкҳои Помири Ғарбӣ бо фармони амири Бухоро таъйин гардида, бо ҳамроҳии якчанд мансабдорони хурд дар қалъаи Вамари Рӯшон қарор гирифтанд. Ҳамзамон дар зери назорат ва таъсири ҳалкунандаи сардор ва

афсарони отряди Помир аз ҳисоби сокинони маҳаллӣ низ ба тариқи интихобот мансабдорони сатҳи поёнӣ – оқсақолҳо, арбобҳо ва қозиҳо таъйин карда шуданд. Беки Бухоро дар ихтиёри худ қувваи ҳарбӣ надошт, вале дар ҳолатҳои зарурӣ ба сардори отряди Помир муроҷиат мекард.

Аз омӯзиши осори О.Б. Боқиев бармеояд, ки сардори отряди Помир нисбат ба беки Бухоро салоҳиятҳои васеъ дошт. Ӯ дар асоси «Дастури сардори отряди Помир», ки аз тарафи фармондеҳи округи ҳарбии Туркистон тасдиқ гардида буд, фаъолият намуда, уҳдадор гардида буд, ки пеши роҳи қонуншиканӣ ва муносибати ноодилонаи маъмурони бухороиро нисбати мардуми маҳаллӣ гирад [155, с.138]. Вале бо вуҷуди назорати ҳарбиёни рус маъмурони Бухоро нисбати мардуми маҳаллӣ зулму ситами зиёде раво медиданд, ки боиси норозигӣ ва нафрати беандозаи онҳо мегардад. Аз ин рӯ, онҳо пайваста ба сардори отряди Помир дар хусуси аз идораи маъмурони манғитӣ озод намуданашон боисрор муроҷиат мекарданд.

Масъалаи фавқуззикрро дар асоси маълумоти муаллифони тоинқилобии рус, маводди бойгонӣ ва бахусус номаҳои сокинони маҳаллӣ ба маъмурияти русӣ ва гузоришҳои сардори отряди Помир баррасӣ намуда, профессор О.Б. Боқиев қайд намудааст, ки носозгориҳо ҳанӯз аз рӯзҳои нахусти маъмурияти амирӣ дар мулкҳои Помири Ғарбӣ ба вуҷуд омада буданд. Муроҷиатҳои пайвастаи сокинони маҳаллӣ, баҳсҳои беохири маъмурияти русӣ ва амирӣ дар масъалаҳои гуногуни идораи маҳаллӣ ҳатто сардорони отряди Помирро водор намуд, ки аз нав ҳамроҳ намудани Помири Ғарбиро ба ҳайати Русияи подшоҳӣ талаб намоянд. Масалан, яке аз сардорони отряди Помир капитан Э. Кивекас 6-уми январи соли 1899 бо чунин талаби қатъӣ ба фармондеҳи ҳарбии вилояти Фарғона муроҷиат намудааст [7, с.5-7].

Бо вуҷуди талабу дархостҳои бешумори мардуми маҳаллӣ танҳо соли 1905 ҳудудҳои Помири Ғарбӣ аз нав ба ҳайати вилояти Фарғонаи генерал-губернатории Туркистон дохил карда шуда, ҳокимияти маъмурӣ дар ихтиёри

сардори отряди Помир дар Хоруғ гузошта шуд. Ҳамин тариқ, мулкҳои Рушон, Шуғнон ва Вахон то барҳам хӯрдани ҳукумати подшоҳии Русия, барқарор гардидани ҳокимияти шӯравӣ ва тақсимоти миллӣ-марзӣ дар ҳайати вилояти Фарғонаи генерал-губернатории Туркистон қарор доштанд.

# БОБИ 2. ТАҲҚИҚИ МАСОИЛИ МУБРАМИ ҲАЁТИ ИҶТИМОӢ-ИҚТИСОДИИ НИМАИ ДУЮМИ АСРИ XIX ВА ИБТИДОИ АСРИ XX-И ҲУДУДҲОИ ТОҶИКИСТОН ДАР ОСОРИ О.Б. БОҚИЕВ

## 2.1. Инъикоси вазъи хоҷагии деҳоти ҳудудҳои Тоҷикистон дар осори О.Б. Боқиев

Масъалаи ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодии халқи тоҷик дар нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX дар маркази диққати таҳқиқоти илмии профессор О.Б. Боқиев қарор гирифтааст. Муаррих дар рисолаи доктории худ як бобро ба ин масъала бахшидааст. Аз таҳлили осори ӯ бармеояд, ки дар нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX дар ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодии халқи тоҷик бо ворид гардидани унсурҳои ҷомеаи сармоядорӣ ва омехта шудани он бо ҷомеаи анъанавии феодалӣ-исломӣ то ҷое тағйиротҳо ба миён омад. Ин тағйиротҳо аз як тараф омили ташаккулёбии баъзе аз қувваҳои тараққихоҳ, махсусан табақаи зиёии ҷомеа гардид. Аз миёни ин табақа шахсиятҳое ба вуҷуд омад, ки дар зери таъсири ин таҳвуллот ба таҳлили вазъи замона пардохтанд. Баъзе асарҳое рӯйи нашр омад, ки хусусияти таърихнигориро ба худ гирифта буд. Дар саргаҳи муаллифони чунин асарҳо асосгузори ҳаракатҳои маорифпарварӣ ва ҷадидия Аҳмади Дониш ва Садриддин Айнӣ қарор доштанд [50; 51; 72; 73].

Бояд тазаккур дод, ки яке аз масъалаҳои марказии диққати муҳаққиро ҷалб намуда, ки асоси ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаҳои тоҷикнишинро ташкил медод, масъалаи заминдорӣ ба ҳисоб меравад. Профессор О.Б. Боқиев дар хусуси масъалаи мазкур пеш аз ҳама ба осори муаррихони тоинқилобии рус ва таърихнигорони шоҳиди давр такя намудааст. Ӯ зикр кардааст: «Ааввалин муаррихи тоинқилобии рус, ки масъалаи заминдориро дар аморати Бухоро мавриди таҳлил ва инъикос қарор додааст, Н.В. Хаников мебошад, ки ҳанӯз дар солҳои 40-уми қарни XIX ба ин масъала диққати махсус зоҳир намуда буд. Н. В. Хаников дар осори худ 4 шакли заминдориро дар минтақа нишон додааст: ушрӣ, хироҷӣ, мулкӣ ва амлокӣ [113, с.114-117].

Дар осори О. Б. Боқиев чор шакли заминдории нишондодаи муаррихон тоинқилобии рус шарҳу тавзеҳи худро ёфтааст. Яке аз шаклҳои маъмули заминдорӣ – ушрӣ ба ҳисоб мерафт, ки соҳиби он аз даҳ як ҳиссаи ҳосилро ба давлат месупорид. Заминҳои хироҷӣ бошанд, заминҳои забтшудае маҳсуб меёфтанд, ки ҳангоми ҷангҳо ба даст омада буданд. Заминҳои мулкӣ бошанд, заминҳое буданд, ки аз ҷониби ҳокимони мусулмони минтақаҳои мухталифи давлат ба хон тақдим мешуданд. Хон бошад, дар навбати худ ин заминҳоро ба садоқатмандони хеш тақдим мекард. Чунин заминҳо меросӣ ҳам мешуданд. Соҳибони чунин заминҳо метавонистанд онро ба меросӣ ва ё ба вақф табдил диҳанд. Заминҳои амлокӣ бошанд, нисбати заминҳои хироҷӣ камтар буданд ва танҳо амир ҳуқуқи додани заминҳои амлокиро ба шахсони алоҳида дошт. Ин гуна заминҳо ба мерос гузошта мешуданд ва ё фурӯхтани он низ мумкин буд [155, с.245].

Бояд гуфт, ки баъди таҳлили осори муҳаққиқони тоинқилобии рус профессор О. Б. Боқиев чунин шаклҳои заминдориро нишон додааст:

1. Заминҳои амлокӣ, ки давлатӣ ба шумор рафта, деҳқонон аз панҷ як ҳисса ва ё аз се як ҳиссаи ҳосилро ба давлат месупориданд. Дар чунин шакли заминдорӣ мантиқан давлат ҳамчун истисморкунандаи деҳқонон баромад мекард;

2. Заминҳои мулкӣ, ки заминҳои шахсӣ маҳсуб ёфта, аксаран меросӣ буданд ва ба амалдорони давлатӣ тааллуқ доштанд. Бо назардошти вазъи ҳуқуқиашон чунин заминҳо дар навбати худ ду шакл доштанд: мулки ҳурри холис, ки ба амалдорони Бухоро тааллуқ доштанду аз андоз озод буданд; мулки ушрӣ, ки дар дасти деҳқонон буданду андози хеле гарон месупориданд. Заминҳои мулкӣ дар ҳудуди имрӯзаи Тоҷикистон нисбати Бухорои Ғарбӣ он қадар маъмул набуданд;

3. Заминҳои танхо, яке аз шаклҳои маъмули заминдории феодалӣ, ки баъди ҳамроҳ карда шудани ҳудуди имрӯзаи Тоҷикистон, махсусан қисми ҷанубу

шарқӣ ба аморати Бухоро хеле зиёд шуданд. Танхо ин яке аз шаклҳои заминдории шартӣ ва муваққатӣ буд. Қонунан танхо яке аз шаклҳои хоссаи заминҳои давлатӣ буд. Барои ҳамин ҳам аксаран муҳаққиқони тоинқилобӣ онро ҳамчун шакли заминдории махсус зикр накарда, чун замини давлатӣ нишон додаанд;

4. Вақф – шакли заминдории динӣ ва феодалӣ, ки ба муассисаҳои динӣ тааллуқ доштанд. Тамоми даромади он ба хазинаи муассисаи динӣ ва рӯҳониён дахл дошт. Заминҳои вақфӣ бештар дар қисми шимолии Тоҷикистон рушд карда буд. Танҳо то соли 1887 шумраи вақфҳо дар уезди Хуҷанд ба 1177 адад мерасид [65, с.26-27].

Профессор О. Б. Боқиев зикр намудааст, ки пас аз забт намудани минтақа аз ҷониби Русияи подшоҳӣ зарурат ба миён омад, ки ҷиҳати ба манфиати ҳукумати нав истифода бурдани соҳаи заминдорӣ низоми то ҷое нав роҳандозӣ карда шавад. Махсусан, дар масъалаи шакли заминдорӣ ва рӯёнидани андоз тағйироти зиёд ворид карда шуд. Дар масъалаи ворид намудани ислоҳотҳо дар низоми заминдории минтақаҳои тоҷикнишин профессор О.Б. Боқиев бештар ба осори А.Ф. Костенко, Идаров, А.Л. Кун такя кардааст [155].

Дар ин росто зикр намудан ба маврид аст, ки чунин шакли заминдорӣ дар Тоҷикистони Шимолӣ то забти минтақа аз ҷониби ҳукумати подшоҳии Русия ва дар Тоҷикистон Марказӣ ва Ҷанубӣ то инқилоби сотсиалистӣ (октябр) ҷой дошт.

Диққати профессор О.Б. Боқиевро тағйироти муносибатҳои заминдорӣ дар қисми шимолии Тоҷикистон баъди ҳамроҳ кардани он ба Русияи подшоҳӣ ҷалб намудааст. Ӯ оид ба масъалаи мазкур ба ҳисоботи генерал-губернатори Туркистон К.П. Кауфман ва осори Н.А. Таранова бештар диққат додааст. То нақшаи соли 1867 дар муносибатҳои заминдории минтақа тағйироти ҷиддӣ ба назар намерасид. Аксари муҳаққиқони тоинқилобӣ тазаккур додаанд, ки ҳоло низоми навташкилшудаи ҳукумати подшоҳӣ қудрат ва имконияти якбора тағийр додани муносибатҳои заминдориро надошт. Масъалаи низоми

муносибатҳои заминдорӣ баъди пурра (ба ғайр аз аморати Бухоро) забт шудани Осиёи Марказӣ ба Русияи подшоҳӣ пеш омад. Ин пеш аз ҳама аз талаботи иқтисодӣ ва сиёсии ҳукумати подшоҳӣ вобастагӣ дошт. Ҳамин буд, ки дар тамоми вақти ҳукумати аввалин генерал-губернатон Ф.П. Кауфман вазъи низоми заминдории бо назардошти манфиати ҳукумати подшоҳӣ омӯхта мешуд, то низоми судманде роҳандозӣ карда шавад.

Дар хусуси низоми заминдорӣ баъди ҳамроҳ кардани минтақа аз ҷониби ҳукумати подшоҳӣ як қатор чораҳои мушаххас андешида шуд. 15-уми апрели соли 1871 қарори генерал-губернатори Туркистон оид ба маъни пурраи хариду фурӯши заминҳои давлатӣ баромад. Ин маънои онро дошт, ки тамоми заминҳои мардуми маҳаллӣ давлатӣ карда шавад. Дар ҳоли хариду фурӯши замин соҳиби замин уҳададор буд, ки тамоми ҳуҷҷатҳои лозимаро, ки шахсан ба ӯ тааллуқ доштани заминро тасдиқ намояд, пешниҳод кунад. Дар ҳоли надоштани чунин ҳуҷҷат замин аз дасти соҳибаш гирифта шуда, давлати карда мешуд.

Профессор О.Б. Боқиев зикр мекунад, хариду фурӯши заминҳои мулкӣ баъди ҳамроҳ карда шудани Осиёи Марказӣ ба Русия ҳам идома дошт. Хариду фурӯш бо ширкати қозӣ-раис ва шоҳиди мусулмон сурат мегирифт.

Мувофиқи низомномаи соли 1873 тамоми заминҳо ба ғайр аз заминҳои мулкӣ ва вақфӣ ба заминҳои давлатӣ табдил дода шуданд [65, с.30].

Яке аз мақсадҳои асосии забти Осиёи Миёна аз тарафи Русия – ин ба макони ашёи хоми саноати бофандагии буржуазияи рус – пахта табдил додани кишвар маҳсуб меёфт. Бо ҳамин мақсад ҳукуматдорони подшоҳӣ баробари дар ин сарзамин мустаҳкам намудани мавқеи худ чораҳои заруриро барои инкишофи пахтакорӣ диданд. Зеро то замони забти ин кишвар ҳиссаи пахтаи он дар саноати бофандагии Русия ночиз буд. Масалан, он соли 1862 тахминан 4-7 фоизро ташкил мекарду халос [154, с.12].

О.Б. Боқиев зикр менамояд, ки барои амалан ба маркази ашёи хом – пахта табдил додани Осиёи Миёна, ба ҳукумати подшоҳӣ лозим омад, ки дар мадди

аввал ақалан дар кишвари Туркистон тарзи истифодаи замин ва ситонидани андозро ба талаботи худ мувофиқ намояд. Бино бар ҳамин ҳам, баробари дар ин кишвар ҷорӣ гардидани тартиботи мустамликавӣ, масъалаи шаклҳои заминдорӣ ва андоз низ диққати ҳукуматдорони подшоҳиро ба худ ҷалб карда буд. Вале бо сабаби ҷиҳатҳои фарққунандагии ҳолати кишоварзии Осиёи Миёна, махсусан дар ин ҷо мақоми асосиро ишғол намудани заминҳои обӣ ва камҳосил будани заминҳои лалмӣ (яъне нисбат ба губернияҳои сиёҳзамини Русия) онҳоро маҷбур намуд, ки ба масъалаи заминдорӣ диққати ҷиддӣ диҳанд [65, с.45].

Аз муҳаққиқони охири садаи XIX ва ибтидои садаи XX аввалан, И.И. Гайерро зикр кардан лозим аст, ки бо ишора ба низоми андозбандии замин тамоми заминҳои хонии Бухороро ба чор гурӯҳ таксим мекунад: 1. Мулки хур (сафедшуда); 2. Мулки хироҷӣ; 3. Мулки ушрӣ; 4. Мулки вақф.

Мулки вақф, чунон ки И.Л. Гейер гуфтааст, муассисаҳои гуногуни хайрияи худро ташкил медиҳад: мадрасаҳо, масҷидҳо ва ғайра бо хоҳиши соҳибони ҳар се намуди мулк ба манфиати ин ё он муассисаи хайрия ташкил карда мешавад. Аз вақф андози давлатӣ ситонида намешавад, вале барои таъсиси вақф иҷозати мақомоти ба гирифтани андоз манфиатдор зарур аст, зеро чунин васиятҳо даромади давлатро кам мекунанд.

Нуқтаи назари И.И. Гейерро муаллифи дигари аввали асри XX баён мекунад. Дар навоҳии шимолии қаламрави Тоҷикистон пас аз пайвастани онҳо ба Русия дар шакли заминдорӣ чӣ гуна тағйирот ба амал омадааст. Ба ин масъала дар маърузаи генерал-губернатор К.П. Кауфман, дар мақолаю асарҳои И.П. Петров, Ю. Южаков, В.П. Наливкин, А.П. Шишов, А.И. Таранова ва дигарон дахл карда шудааст. Ҳамаи муҳаққиқони тоинқилобии рус чунин мешуморанд, ки маъмурияти Русия ба ҳалли ин гуна масъалаи муҳим тайёр набуд. Азбаски масъалаи замин ва низоми он дар натиҷаи ба Русия ҳамроҳ шудани Осиёи Миёна ба миён омад, ба ин мулоҳизаҳои иқтисодию сиёсии подшоҳӣ сабаб шуда буд. Аз ин рӯ, тамоми давраи ҳукмронии аввалин генерал-

губернатори Туркистон К.П. Кауфман (1867–1881) бо фаъолияти пурҷӯшу хурӯши омӯзиши муносибатҳои замин, таҳия ва татбиқи лоиҳаи заминсозӣ хос аст [1, с.42].

Дар вақти омӯхтани масъалаи замин мустамликадорон хусусияти муносибатҳои замин ва шаклҳои заминдории Осиёи Миёнаро истифода бурда, ба меъёрҳои ҳуқуқӣ ва расму оинҳои мусулмонӣ такя намуда, бо ҳар роҳ кӯшиш менамуданд, ки моликияти давлатиро ба замину об исбот кунанд ва бо ҳамин ба манфиати ҷамъият амал кунанд. Ин сиёсати мустамликавии ҳукумати подшоҳӣ нисбат ба Осиёи Миёна зоҳир гардид. Моҳияти мустамликавии сиёсати аграрии подшоҳӣ низ аз кӯшиши собитқадамона нигоҳ доштани тартиботи феодалӣ дар моликияти замин ва истифодаи замин иборат буд. Аз ин ҷост, ки дар солҳои аввал мустамликадорон нисбат ба хуқуқҳои ашрофони феодалӣ ва вақфҳо ба замин эҳтиёткорона муносибат мекарданд. Аммо дар Туркистон пурзӯр шудани подшоҳӣ ва тағйир ёфтани вазъи сиёсӣ барои татбиқи лоиҳаи низомномаи заминсозӣ шароити мусоид фароҳам овард. Маъмурияти Туркистон кӯшиш мекард, ки тамоми заминҳоро, ба ғайр аз вақф ва мулк, давлатӣ гардонад. Аммо баъзе вазоратҳо лоиҳаи Низомномаи соли 1873-ро ба назар гирифта, ба ин розӣ нашуданд. Онҳо дар навбати худ кӯшиш мекарданд, ки замини киштકардаи худро дар асоси моликияти комил ба ихтиёри аҳолӣ гузоранд. О.Б. Боқиев иброз медорад, ки аз сабаби ихтилофи назар дар ин масъала лоиҳаи Низомномаи соли 1873 тасдиқ нашудааст. Лоиҳаи низомномае, ки маъмурияти Туркистон соли 1881 тартиб дода буд, ба ҳамин хел такдир гирифтор шуд. Аммо ин чунин маъно надорад, ки маъмурияти Туркистон то соли 1836, яъне пеш аз он ки ҳукумат Низомномаи идораи вилояти Туркистонро тасдик кунад, ба масъалаи моликияти замин дахл намекард ва дар ин бобат чорае намебинад. Маъмурияти Туркистон ният дошт, ки ҳамаи заминҳоеро, ки дар истифодаи ҳақиқии аҳолии муқимӣ мебошанд, бо ҳуқуқи истифодабарии доимӣ ба замин чудо кунад. Аз он вақт инҷониб, лоиҳаи муқарраroти соли 1867 комилан ба дастгоҳи замин дахл

накардааст ва лоиҳаи солҳои 1873 ва 1881 аз тарафи ҳукумат тасдик карда нашуданд, тамоми тадбирҳои ин соҳа бо фармонҳои маъмурӣ иваз карда шуданд [1, с.44].

Дар лоиҳаи маърузаи генерал-губернатори Туркистон К. П. Кауфман гуфта мешавад, ки «ӯ бо эҳтиёҷоти аҳолӣ шинос шуда, қарор дод, ки баъзе тадбирҳое андешад, ки муносибати маъмуриятро ба замин ба таври умум муайян мекунанд. Дар хусуси заминҳои мулк муқаррар карда шуд, ки пеш аз таҳлили асосҳои хуқуқӣ гирифтани имтиёзҳо аз андози давлатӣ ба соҳибони онҳо бояд тартиби умумии андозбандӣ нисбат ба моликияти замини андозбандишавандаи амлок татбиқ карда шавад. Дар мавриди моликияти замини вақфӣ бошад, аз тарс дар байни руҳониёни бонуфузи мусулмонон расман бетаъсир монд» [49, с.34]. Воқеан, дар ин самт на танҳо баъзе маҳдудиятҳо, балки тадбирҳои хусусие низ андешида шуданд. Пас аз ишғоли уезди Зарафшон гарнизони лашкари подшоҳӣ дар шаҳри Самарқанд дар қалъа ҷойгир карда шуд, ки дар баробари он ба чанд масҷид рафтанд. Ин масҷидҳо ба анборҳои ҳарбӣ табдил ёфта, вақфҳои ба онҳо тааллуқдоштаро гирифтанд. Маъмурияти ноҳияи Зарафшон на танҳо медонист, ки кадом заминҳои вақфӣ дорад, балки онҳоро дар ҳақиқат дар дасти худ нигоҳ дошт: агар зарур бошад, хар як фармони мақомоти олиро нисбат ба вақфҳои замини худ иҷро мекард.

Ҳамин тариқ, ҳуқуқи моликият танҳо барои он соҳибмулкҳо эътироф карда мешуд, ки тавонистаанд ҳуҷҷатҳои замин ва далелҳои истифодаи заминро пешниҳод кунанд. Аввалан, аз болои даромади вақф назорати давлатӣ барқарор карда шуд, ки дар натиҷа руҳониёни мусулмон аз заминаи иқтисодӣ маҳрум шуданд. Оҳиста-оҳиста бо мақсади аз байн бурдани моликияти вақфӣ васият кардани санадҳои вақфӣ манъ карда шуд. Ба ҳамин тариқ, заминҳои мулкӣ аз ҷиҳати андоз бо заминҳои амлок баробар карда шуда, қисми зиёди даромади вақф ба давлатӣ табдил дода шуд [16, с.48].

Дар раванди омӯхтани масъалаи замин мустамликадорон хусусияти муносибатҳои замин ва шаклҳои заминдории Осиёи Миёнаро ба инобат гирифта, ба меъёрҳои ҳуқуқ ва расму оинҳои мусулмонӣ такя намуда, бо ҳар роҳ кӯшиш менамуданд, ки моликияти давлатиро нисбат ба замину об исбот кунанд ва бо ҳамин ба манфиати худ амал кунанд. Ин сиёсати мустамликавии хукумати подшоҳӣ нисбат ба Осиёи Миёна ба таври хеле равшан зоҳир гардид. Моҳияти мустамликавии сиёсати аграрии подшоҳӣ низ аз кӯшиши собитқадамона нигоҳ доштани тартиботи феодалӣ дар моликияти замин ва истифодаи замин иборат буд. Аз ин ҷост, ки дар солҳои аввал мустамликадорон нисбат ба ҳуқуқҳои ашрофони феодалӣ ва вақфҳо ба замин эҳтиёткорона муносибат мекарданд. Аммо дар Туркистон пурзӯр шудани низоми подшоҳӣ ва тағйир ёфтани вазъи сиёсӣ барои татбиқи лоиҳаи низомномаи заминсозӣ шароити мусоид фароҳам овард. Маъмурияти Туркистон кӯшиш мекард, ки тамоми заминҳоро, ба ғайр аз вақф ва мулк, замини давлатӣ гардонад. Аммо баъзе вазоратҳо лоиҳаи Низомномаи соли 1873-ро ба назар гирифта, ба ин розӣ нашуданд. Онҳо дар навбати худ кӯшиш мекарданд, ки замини кишткардаи худро дар асоси моликияти комил ба ихтиёри аҳолӣ гузоранд. Воқеан, дар ин самт на танҳо баъзе маҳдудиятҳо, балки тадбирҳои хусусие низ андешида шуданд, ки даромади вақфҳо ба фоидаи хазинаи ҳукумат ҳал шуданд. Инак, пас аз ишғоли уезди Зарафшон гарнизони лашкари подшоҳӣ дар қалъаи шаҳри Самарқанд ҷойгир карда шуд, ки дар баробари он чанд масҷид ҳам ба бошишгоҳ табдил дод шуд. Ин масҷидҳо ба анборҳои ҳарбӣ табдил ёфта, вақфҳои ба онҳо тааллуқдоштаро гирифтанд. Аввалан, аз болои даромади вақф назорати давлатӣ барқарор карда шуд, ки дар натиҷа руҳониёни мусулмон аз заминаи иқтисодӣ маҳрум шуданд. Оҳиста-оҳиста бо мақсади аз байн бурдани моликияти вақфӣ васият кардани санадҳои вақфӣ манъ карда шуд [1, с.45].

Мувофиқи маълумоти О.Б. Боқиев дар уезди Хуҷанд ба боғдорӣ асосан аҳолии муқими шаҳру деҳот машғул мешуд, махсусан, дар қисми ҷанубу шарқӣ,

ки асосан тоҷикон зиндагӣ мекарданд. Шумораи зиёди боғу токзорҳо дар шаҳри Хуҷанд ва атрофи он ҷойгир буданд. Дар ноҳияҳои кӯҳсори уезд бошад, дар баробари ба ҷануб ҳаракат кардан мардум торафт камбағалтар мешуд. Дар деҳот аксари маҳсулоти боғдорӣ мавриди истеъмоли худи сокинон қарор дошт. Дар радифи ин дар бисёр деҳаҳо микдори нисбатан зиёди маҳсулоти боғдорӣ ҳамчун объекти мубодилаи сокинон хизмат мекард. Мева дар худи уезд фурӯхта шуда, ба Тошканд фиристода мешуд ва аз он ҷо бо роҳи корвонӣ ба Русия фиристода мешуд. Масъалаи боғдорӣ дар асари А.А. Кушакевич «Боғдорӣ дар уезди Хуҷанд» мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст, ки муаллиф дар бораи ин соҳаи муҳимми хоҷагии қишлоқи ноҳия муфассалтар истода, ҳар як навъи маҳсулоти боғдориро тавсиф мекунад. Дар асари М.А. Терентев «Очеркҳои статистикӣ оид ба Осиёи Миёна», ки очерки дуюми он ба вилояти Сир бахшида шудааст, ба масъалаи хоҷагии қишлоқи баъзе ноҳияҳои шимолии Тоҷикистон низ дахл карда шудааст. Ҳама рақамҳо ба соли 1870 ишора мекунанд. Дар кор масъалаи хоҷагии қишлоқи умуман вилояти Сирдарё ва алалхусус дар ноҳияи Хуҷанд мавқеи калонро ишғол мекунад. Мувофиқи маълумоти М.А. Терентьев соли 1870 дар ноҳияи Хуҷанд 296. 140 пуд ғалла кошта, 1.875.200 пуд ҳосил ғундошта шуд. Бояд гуфт, ки маълумоти М.А. Терентьев характери расмӣ дошта, нисбат ба маълумоте, ки тавассути пурсиш ҷамъ карда шудааст, дурусттар дониста мешавад [19, с.11-13].

Тартибдиҳандаи ҳисобот бо назардошти маълумотҳое, ки ҳаҷми тамоми заминҳои корамро дар вилоят муайян мекунанд ва онҳоро бо миқдори заминҳои хоҷагии қишлоқ муқоиса намуда, ба хулосае меояд, ки истифодаи замин дар вилоят дорои хусусияти хурд ва сирф умумидавлатӣ мебошад. «Бартарӣ доштани моликияти хурд ва хок, тамоман набудани ягон мулки бузурги барҷаста, – гуфта мешавад дар маъруза, умуман хислатҳои характерноки ҳаёти зодгоҳ дар минтакаро ташкил медиҳад. Аммо далелҳои овардашуда дар маъруза нуқтаи назари болоро рад мекунад. Ба назари мо, барои дуруст муайян кардани

хусусияти моликияти замин тамоми заминҳои корамро дар байни ҳамаи корхонаҳои хоҷагии қишлоқ тақсим кардан лозим нест. Ба ҳар як соҳаи хоҷагии қишлоқ дахл накарда, барои мисол яке аз соҳаҳои асосии хоҷагии қишлоқ – пахтакориро гирем. Муқоисаи омори ҳарсола, аз як тараф, рушди босуръати пахтакорӣ дар ноҳия, махсусан дар солҳои 90-уми асри XIX, аз тарафи дигар, васеъ шудани майдони кишти навъи амрикоии пахтаро мушоҳида мекунем ва кам шудани майдони кишти навъҳои маҳаллӣ.

Муаллиф навъҳои гуногуни зироатҳои хоҷагии қишлокро муфассал тавсиф намуда, ба пахтакорӣ диққати махсус медиҳад. Аввалан, муаллиф дар бораи аҳаммияти пахтакории вилояти Туркистон ва дар бораи тадбирҳое, ки хукумати Русия барои дар ин минтақа парвариш намудани пахтаи Америка дида буд, нақл мекунад. Ба ақидаи А.И. Шоҳназаров, дар инкишофи пахтакории Туркистон тадбирҳои зерин нақши калон бозиданд: 1. Сохтмони роҳи оҳани Закаспий. 2. Пайдо шудани машинаҳои пахтатозакунӣ, ки дараҷаи технологияи афзоиши пахтакории Осиёи Миёнаро баланд бардошт. 3. Зиёд шудани талабот дар Москва ба пахтаи америкоие, ки дар Туркистон истеҳсол карда мешавад. 4. Зиёд кардани боҷи пахтаи Амрико [18, с.17]. Дар асари А.И. Шоҳназаров оид ба дигар соҳаҳои хоҷагии қишлоқи ноҳияҳои шимолии Тоҷикистон маводди зиёд вуҷуд дошта, ба ҳар кадоми онҳо боби алоҳида бахшида шудааст. Ин асар нишон медиҳад, ки Хуҷанд, волостҳои Конибодом ва Исфараи уезди Қуқанд дар бобати тараққӣ додани боғу токдорӣ дар байни дигар минтақаҳои Осиёи Миёна яке аз ҷойҳои аввалинро ишғол кардаанд. Аз ҷиҳати арзиши саноатӣ ва даромаднокии худ зардолу ҷойи якум, шафтолу дар ҷойи дуюм ва бодом ҷойи сеюмро ишғол карданд. Сокинон аз фурӯши зардолу, махсусан даромади калон гирифтанд. Фоида аз як дарахти зардолу дар Хуҷанд ба ҳисоби миёна то 10 фоиз ва дар солҳои хуб ба 15-20 фоиз расид. Дар ҳаёти иқтисодии аҳолии ноҳияҳои шимолии Тоҷикистон токпарварӣ аҳаммияти бузурги саноатӣ дошт ва ҳамасола, махсусан дар солҳои 90-ум инкишоф меёфт. Дар асоси гузориши губернатори

низомии Самарқанд, дар тули 7 сол, яъне аз соли 1890 то соли 1897 майдони токзор дар ноҳияи Хуҷанд аз 1310 то 2005 гектар зиёд шуд. Дар соли 1908 асари шавқангези В.И. Масалский «Пахтакорӣ ва обёрии заминҳои давлатӣ» аз чоп баромад. Қисми якуми ин асар ба масъалаи пахтакории кишвари Туркистон ва Закавказе бахшида шудааст. Дар он муаллиф дар бораи аҳаммияти васеи пахта, дар бораи бо пахтаи истеҳсоли ватанӣ таъмин намудани Русия, дар бораи тадбирҳои Вазорати хоҷагии қишлоқ ва моликияти давлатӣ ва ғайра накл мекунад. Дар бораи аҳаммияти пахтакорӣ барои саноати Русия ва дар вилояти Туркистон бо суръати тез тараққӣ кардани он сухан ронда, В.И. Масалский як катор тадбирҳоеро нишон медиҳад, ки ҳукумати Русияро барои такмил додан ва тараққӣ додани ин соҳаи хоҷагии қишлоқ шод мегардонад [160, с.78].

Тадбирҳои дигаре, ки ба бехтар кардан ва тараққӣ додани пахтакорӣ нигаронида шудаанд, ба гуфтаи муаллиф: 1) бо шартҳои имтиёзнок бо тухмии пахта; 2) бо шартҳои имтиёзнок аз Амрикои Шимолӣ гирифтани тухмии пахта; 3) истифодаи таҷрибаи Амеркои Шимолӣ ва Миср. Оид ба тухмии навъҳои беҳтарини пахта, нашри брошюраҳо дар мавзуи пахта ва мубориза ба мукобили хашароти зараррасони он; 5) гузарондани конференсияҳо ва съездҳо оид ба масъалаҳои пахтакорӣ. Аввалин маълумотро дар бораи ин минтақаҳо русҳо ҳангоми забт кардани кишвар ба даст оварда буданд. Соли 1868 асари «Водии Зарафшони Миёна» нашр гардид, ки муаллифи он нависандаи рус В. В. Радлов мебошад. Он дар бораи ин водии ҷолиб маълумот медиҳад, асар бо тасвири кӯҳу дарёҳо, бӯйи сунъӣ, деҳот, воситаҳои алоқа, аҳолӣ, маъмурият оғоз шуда, бо тасвири этнографии аҳолӣ анҷом меёбад. В. В. Радлова ин водиро аз Панҷакент дар шарқ то Хотирчӣ дар ғарб тасвир кардааст. Бинобар ин мо факат ба он маводдие, ки ба ноҳияи Панҷакент дахл доранд, такя менамоем. Ба гуфтаи муаллиф, шаҳри Панҷакент ва атрофи он оби барои обёрӣ заруриро на аз худи рӯдхонаи Зарафшон, балки аз рӯдхонаҳои хурди кӯҳӣ, ки аз кӯҳҳои Олтоба мебароянд, мисли тамоми дигар маҳалҳои аҳолинишин, ки дар доманаи ин

кӯҳҳо вокеъ гаштаанд, мегирифт. 15 километр ғарбии Панҷакент аз соҳили чапи Зарафшон канали калоне бароварда шуд, ки тамоми деҳаҳои байни кӯҳҳои болооб ва худи Зарафшонро обшор мекард. Ин канал, дар навбати худ, ба се канали хурдтар тақсим шуд, ки аз ҳама муҳимтаринаш Ангар-ариқ буд. Дар асар маълумоти оморӣ оид ба кишоварзӣ мавҷуд нест, аммо муаллиф бори аввал хабар медиҳад, ки водии Зарафшон яке аз минтақаҳои кишоварзии Осиёи Миёна ба шумор меравад [22, с.147]. Дар соли 1870 асари иштирокчии дигари ҷанги Русияю Бухоро А.П. Хорошхин «Водии Зарафшон» чоп шудааст. Муаллиф дар кисми якуми асар бори нахуст тавсифи муфассали каналҳои обёрии водии Зарафшон, аз ҷумла тавсифи дарёи Зарафшонро бо шохобҳои он ва дар замимаи якуми ин асар ҷойгиршавии заҳбурҳо дода мешавад, вале танҳо заҳбурҳои асосӣ дохил мешаванд, ки онҳо ба бисёр майдонҳои хурди обӣ ва боғҳои ҳар як ҳавлӣ ғизо медоданд. Чунон ки аз маърӯзаҳои муаллиф дида мешавад, қариб ҳамаи заҳбурҳо аз ҳисоби маблағҳои давлат ва хеле кам аз ҳисоби шахсони алоҳида ва ё худи давлат сохта шудаанд. Муаллиф дар қисми дуюм асбобҳои хоҷагии қишлоқ ва маҳсулоти хоҷагии қишлоқи водии Зарафшонро муфассал тасвир мекунад. Дар охири кор дар бораи зироатҳои асосии хоҷагии қишлоқ, муҳлати кишти онҳо, микдори тухмии кошташуда, муҳлати ҷамъоварӣ ва ҷамъоварии ҳосил маълумот дода шуда, шароити мусоид барои ҷамъоварии ҳосил нишон дода мешавад, ҳамчунин дар бораи истифода бурдани маснуотҳо ва сухан меравад. Муаллиф дар бораи ҳосили соли 1868 маълумотҳои мушаххас медиҳад, вале онҳо хеле тахминӣ мебошанд. Ба фикри худи муаллиф, шароити номус дар он вақт мавҷудбуда на танҳо барои аниқ муайян кардани ҳаҷми ҳосил имкон намедоданд, балки ба сари вақт гузарондани кишт низ халал мерасонданд. Ба ин вазъияти номусоид сар ва рафти амалиёти ҷанг дар худи ҳамин сол (май ва июн) дохил мешаванд.

Аввалин маълумотро дар бораи болооби Зарафшон ё Кӯҳистон ҳангоми экспедитсияи ҳарбӣ-илмии Искандаркӯл дар соли 1870 иштирокчиёни он ба

даст оварда буданд. Дар баробари бисёр маълумоти таърихӣ дар бораи хоҷагии қишлоқи ин кишвари кӯҳсор аввалин маълумотҳо гирд оварда шудаанд. Ин маълумот дар асар ва мақолаҳои А.П. Федченко, А.Д. Гребенкин ва П.А. Аминов оварда шудааст. А.П. Федченко дар мақолаҳои худ «Маҷусиён, Фороб ва Киштутҳо», «Карис, як ҷӯйбори зеризаминии назди Панҷакент» бори аввал дар бораи шумораи аҳолии болооби Зарафшон, дар бораи шуғли онҳо маълумот медиҳад ва ҳамчунин хонандагони аврупоиро бо ба истилоҳ иншооти обёрии маҳаллӣ – чариз, «ҷуйборхои зеризаминӣ, ки дар наздикии Панчакент ёфт шудаанд. Шуғли асосии сокинон зироаткорӣ ва чорводорӣ ба шумор мерафт. Гузашта аз ин, ҳосилхезтарин замин буд. Дар бекигарии Фероб, ки ҳосили гандуму ҷав ба 12 сент ва аз ин ҳам зиёд мерасид, бино бар ин, баръакс, дар домани Магикан, ки заминаш шабнам буд, сокинон бештар ба чорводорӣ машғул буданд. Маълумоти пурарзиштаре дар бораи кишоварзии болооби Зарафшон дар мақолаҳои аъзои дигари экспедитсияи Искандаркул А.Д. Гребенкин оварда шудааст. А.Д. Гребенкин, аз як тараф, дар бораи кам будани замини муносиби ҳудуди Кӯҳистон хабар дихад, аз тарафи дигар, дар бораи муҳаббати бузурги кӯҳистониҳо ба хоҷагии қишлоқ сухан меронад. Бо вуҷуди он ки дар байни доманаҳои санглохи кӯҳҳо рахтаҳои барои хоҷагии қишлоқ мувофиқ паҳн карда шуда буданд, зироаткорӣ танҳо ба обёрии сунъӣ асос ёфта, дар тамоми Кӯхистон, ки дар он ҷо имконияти кам мавҷуд буд, ба роҳ монда мешуданд [22, с.152].

А.Д. Гребенкин дар бораи як соҳаи дигари хоҷагии қишлоқ – чорводорӣ, ки тараққиёти калон гирифтааст, бисёр маълумоти аҷоиб медиҳад. Тамоми сокинони Кӯҳистон ба чорводорӣ машғул буданд, вале бойтарин чорводорон сокинони Ягнау буданд. Ҳар як деҳаи Кӯҳистон кӯҳҳои худро дошт, ки чарогоҳи онҳо буд. Баландкӯҳҳо ба ғайр аз худашон, тобистон аз сокинони водиҳо гӯсфанду буз гирифта, дар кӯҳистон хӯрок медоданд ва тирамоҳ онҳоро ба водиҳо мебурданд ва аз соҳибонашон мувофиқи меъёр мукофоти муайян

мегирифтанд. Ба қавли муаллиф, тоҷикони Кӯҳистон бо риояи шароити ин мавзеъ ба кучманчӣ табдил ёфтаанд. Аммо дар баробари ин ӯ қайд мекунад, ки танҳо мардуми сарватманди тоҷикистонӣ мисли ӯзбекҳо, ки 1000 ва бештар аз гӯсфанду буз доштанд, сайру гашт мекарданд.

Профессор О.Б. Боқиев баъзе маълумотро оид ба кишоварзии Кӯҳистон дар асари П.А. Аминов «Очерки ҳарбии топографии кишвари кӯҳистонии болооби дарёи Зарафшон» дастрас намудааст, ки дар он муаллиф оид ба вазъи мураккаби баландкӯҳҳо, ҳосили ками он маълумот додааст. Зироатҳои хоҷагии қишлоқ ва эҳтиёҷоти сокинон ба нон. Миқдори солонаи ғаллаи ҷамъовардашуда, чунон ки муаллиф мегӯяд, барои сер кардани сокинон намерасид, ки аз бозорҳои Панҷакент, Ӯротеппа ва Ҳисор нон харида, ин камбудиҳоро пурра мекарданд. Дар асар рӯйхати маҳалҳои аҳолинишини Кӯхистон оварда шудааст, ки дар он шумораи хоҷагиҳо ва масофаи аз Самарқанд то ҷӯйборҳо, ки барои обёрии заминҳои ҳар як қишлоқ истифода мешуданд, нишон дода шудааст. Ба Русия ҳамроҳ шудани Кӯҳистон барои таҳқиқоти васеи ин кишвар аз тарафи муҳаққиқони рус замина гузошт. Имкон дод, ки бо вазъи иқтисодии ин кишвари кӯҳсор аз наздик шинос шуда, маълумоти мукаммалтари оморӣ ҷамъ карда шавад. Аввалин маълумотҳои омориро мо дар асар ва мақолаҳои Л.Н. Соболев мебинем, ки онҳо умуман ба ноҳияи Зарафшон бахшида шудаанд. Дар байни онҳо масъалаи обёрӣ ҷои калонро ишғол мекунад. Аммо маълумоти Л.Н. Соболев дар бораи шумораи аҳолӣ нодуруст буд. Тобистони соли 1871 дар ноҳияҳои Зарафшон низоми нави ситонидани андоз ҷорӣ карда шуд ва ба ин муносибат дар бораи шумораи хоҷагиҳои ҳар як қишлоқ ва миқдори замини соҳиби ҳар як заминдор маълумоти саҳеҳтар ҷамъ карда шуд. Ба шахсоне, ки ба ноҳияҳои гуногуни Тюмен фиристода шуда буданд, супориш дода шуд, ки ҳам андозаи андози замин ва ҳам шумораи хоҷагиҳоро дурусттар муайян кунанд. Барои ин онҳо тамоми қишлоқҳоро давр зада, ба воситаи комиссияҳои махсус хонаҳоро ҳисоб карда баромаданд. Аммо бо ин роҳ дар шуъбаи Панҷакент

танҳо маълумот дар бораи ахолии Панчакент ва Ургути Тюмен маълум карда шуд. Шумораи хоҷагиҳои деҳаҳои собиқ бекҳо дар болооби Зарафшон камтар аниқ муайян карда шуда буд ва дар асоси маълумоте, ки экспедитсияи Искандаркӯл дар соли 1870 гирд оварда буд, як қисми ин маълумотҳо танҳо дар аввали соли 1872 ҳангоми ҷамъоварии андозҳо санҷида шуданд. Ба ҳамин тариқ, дар бораи аҳолии болооби Зарафшон ҳанӯз маълумоти саҳеҳ ба даст наомада буд. Мувофиқи маълумотҳое, ки комиссияи андоз дар солҳои 1871–1872 ҷамъ кардааст, аҳолии маҷрои болоии Зарафшон бо Тюмени Фороб ва Панҷакент 43 ҳазор нафар буд. Дар асар дар бораи чӣ гуна зироатҳои хоҷагии кишлок дар водии Зарозшон парваришёфта муфассал накл шуда, дар бораи заҳбурҳои ноҳияҳои Зарафшон, аз ҷумла шуъбаи Панҷакент муфассал тавсиф карда шудааст. Дар коғаз аризаҳо иборат аз маълумот дар бораи нархи замин дар бораи даромади умумии як таноб замини Панҷакент ва Ургути губернияи Самарканд аз рӯйхати маҳалҳои аҳолинишини ноҳияи Зарафшон бо нишон додани шумораи хоҷагиҳо бо маълумоти дигар мебошанд. Ҳангоми навиштани асар муаллиф аз маводди дастнавис ва дигар маълумотҳои расмие, ки дар архиви маҳаллии Самарқанд маҳфузанд, истифода кардааст. Муаллиф на танҳо аз маводди расмии архив истифода мебурд, балки шахсан дар экспедитсияҳои тадқиқотии вилоят, аз ҷумла экспедитсияи Искандаркӯли соли 1870 низ иштирок кардааст [135, с.458].

Дар нашри 4-уми солномаи вилояти Туркистон маълумоти муфассали оморӣ дар бораи шумораи аҳолии ноҳияи Зарафшон нашр шудааст. Ин маълумотро И.Н. Вирский гирд оварда, зери унвони «Маълумот дар бораи ноҳияи Зарафшон» нашр кардааст. Ин маълумот, ки ба солҳои 1872-1874 дахл дорад, гӯё идома ё иловаи кори Л.Н. Соболев мебошад. Г.А. Арандаренко дар байни муаллифони тоинқилобии рус, ки дар омӯзиши ҳаёти иқтисодии водии Зарафшон кори зиёде кардаанд, мавқеи махсусро ишғол мекунад. «Бист соли хизмати ман дар Туркистон, дар идораи маъмурӣ, – навишта буд Г.А.

Арандаренко, – ба ман имконият дод, ки бо ҳаёт ва эҳтиёҷоти аҳолии маҳаллии ноҳияҳои гуногуни вилоят шинос шавам. Маҳз, ин хизмати бистсола ба муаллиф имкон дод, ки зиндагии сокинони маҳалро аз наздиктар ва ҳаматарафа мушоҳида ва омӯзад. Мақолаҳои сершумори ӯ қариб тамоми паҳлуи ҳаёти иқтисодии сокинони водии Зарафшонро дар бар мегиранд. Дар соли 1889 асари Г.А. Арандаренко «Истироҳат дар Туркистон» ба табъ расид, ки он инъикосгари баъзе хусусиятҳои ин маҳал мебошад. Маҷмӯаи «Истироҳат дар Туркистон» «натиҷаи омӯзиши ҷиддию бодиққати вилоят барои хизмат кардан ба ин вилоят ҳатто дар мавридҳое мебошад, ки ҳокимияти уезд саркор нотавон аст. Қариб ҳамаи мақолаҳои ба ин маҷмуа дохилшуда ба водии Зарафшон бахшида шудаанд, аз ҷумла мақолаҳои «Чорводорӣ дар водии Зарафшон», «Ёддоштҳо дар бораи обёрӣ дар водии Зарафшон», «Ёддоштҳо дар бораи хоҷагии қишлоқи водии Зарафшон», «Дар бораи қарз аз сокинони маҳаллӣ» диққати махсус медиҳанд. «Истисмор кардани ҷангали кӯҳсор дар райони Зарафшон», «Масъалаи ҷангал» ва ғайра. Г.А. Арандаренко на танҳо ҷамъкунандаи бисёр маълумоти арзишманд ва муҳим, балки олими тадқиқотӣ низ буд. О.Б. Боқиев таъкид намудааст, ки бисёр фикру мулоҳизаҳои ӯ оид ба ин ё он масъала хусияти тараққихоҳона доштанд ва шоёни диққати махсус мебошанд. Қимати тадқиқоти муаллиф дар он аст, ки ӯ бо рӯзгор ва ниёзҳои сокинони маҳаллӣ ошноӣ дошта, маводди зарурири бевосита ҷамъоварӣ мекард ва худаш ин маводди ҷамъшударо коркард, таҳлил, омӯхта, баъдан хулосаҳои дахлдор мебарорад ва ё изҳори назар кардааст. Г.А. Арандаренко ҳамчун яке аз намояндагони маъмурият ба ҳиссиёти бузургдавлатӣ-шовинистии намояндагони ҳукуматдорони мустамликавӣ шарик нашуда, дар бораи сокинони маҳаллӣ каму беш маъқул ва воқеъбинона сухан меронд. Чунин муносибати объективии муаллиф ҳангоми баррасии ин ё он масъала имкон дод, ки дар аксар маврид ба хулосаи дуруст барояд. Дар мақолаҳои Г.Л. Арандаренко масъалаи кишоварзӣ ҷойи муҳимро ишғол мекунад [21, с.198].

О.Б. Боқиев зикр менамояд, ки тамоми маълумотҳои омории дар мақола овардашуда асосан ба шуъбаи Самарканд дахл доранд, вале дар он мо дар бораи вазъи чорводорӣ дар болооби Зарафшон баъзе маълумотҳо дарёфт карда метавонем. Аммо аз тарафи дигар, ин соҳаи хоҷагии қишлоқ дар байни кучманчиён, дар байни он деҳқонон (Ургут, Фароб, Магиян, Киштут) аҳаммияти калони тиҷоратӣ дошт, ки имкони истифодаи чарогоҳҳои кӯҳҳои дури Зарафшонро доштанд ва дар фасли зимистон ба савдо роҳбарӣ мекарданд, ки соле чанд ҳазор сум муомилот мебароранд. Ҳамин тавр, Г.Д. Арандаренко ба хулосаи дуруст меояд, ки муваффакияти ин ё он соҳаи боғдорӣ пеш аз ҳама ба омилҳои табиӣ /иқлим, хок ва миқдори он вобаста аст. Махсусан самараи хӯроки чорво дар баъзе ҷойҳои водии Зарафшон аз иқлим вобастагии зиёд дошт. Аммо бояд гуфт, ки муаллиф дар байни халқ он қувваи тавоноеро намебинад, ки табиатро тағйир дода, аз ҳодисаҳои даврагии он раҳо ёфта, бо ҳамин барои тараққӣ додани чорводорӣ шароити мусоид фароҳам оварда метавонад. Ин аз мулоҳизаҳои муаллиф маълум аст, ки ҳеҷ як ғайрат ва андешаи зоти чорвои намунавӣ бар хилофи фактҳои табиат навъи чорвои маҳаллиро тағйир дода наметавонад ва то даме ки шароити физикию иклимӣ як хел монад. то он вакт чорво дар чунин ахволи ногувор мемонад, ки вай хозир аст. Г.А. Арандоренко зиндагии иқтисодии сокинони маҳаллиро наздиктар омӯхта, дар вилоят васеъ паҳн шудани рибоþо мушоҳида намуда, бори нахуст ин масъаларо ҳамчун мавзуи тадқиқот ба миён гузошт. Ин масъаларо муаллиф дар маколаи «Дар бораи карз аз бумиён» таҳқиқ кардааст, ки дар он мулоҳизаҳои ӯ оид ба сабабҳои пайдоиш ва инкишофи рибо дар Осиёи Миёна таваҷҷуҳи хосса доранд. Аз ҷониби муаллифон эътироф намудани нақши ҳалкунандаи омили иқтисодӣ дар пайдоиш ва паҳншавии рибо аҳаммияти бузург дорад [157, с.59].

Маълум аст, ки дар Осиёи Миёна, аз ҷумла дар аморати Бухорою хонии Хӯқанд то забти Русия ҳиссаи бузурги замин – тахминан 50%-ро заминҳои давлатӣ-амлокӣ ва 25%-ро заминҳои вақфӣ ташкил медоданд. Дар ин заминҳо

асосан деҳқонони камзамину безамин кор карда, ба фоидаи хазинаи амирию хонӣ ва ташкилотҳои вақфӣ (мадрасаҳо, масҷидҳо ва ғайра) андоз-хироҷ месупориданд. Тахминан 25%-и боқимондаи заминро мулкҳои хури холис (яъне мулкҳои аз андоз озод) ва мулкҳои хириҷӣ ташкил менамуданд. Аз чунин тартиботи заминдорӣ ҳукуматдорони подшоҳӣ қаноатманд набуданд. Баъди забти Осиёи Миёна, дар кишвари Туркистон дар асоси «Низомнома оид ба идоракунии...» ин кишвар заминҳои давлатӣ, яъне амлокӣ ва як ҳиссаи заминҳои вақфӣ чун мулки хусусӣ бевосита ба ихтиёри истифодакунандагонаш – деҳқонон, бе пул супорида шуд. Ҳамчунин, он ҳиссаи заминҳои мулкие, ки то забтшавӣ аз андоз озод буданд, аз чунин ҳуқуқ маҳрум гардида, ба қатори заминҳои андозсупоранда дохил карда шуданд. Дар баъзе ноҳияҳо, дар асоси таҷрибаи Русия, қисме аз заминҳо ба ихтиёри ҷомеаҳои деҳқонӣ гузаронида шуд [1, с.48].

Дар кишвари Туркистон андози давлатиро бо номи оброк аз заминҳои истифодашавандаи обӣ, аз рӯйи даромаднокӣ, ба ҳисоби миёна 10 фоиз, ҳанӯз пеш аз кишт, яъне дар фасли баҳор муайян мекарданд. Аз заминҳои лалмӣ аз ҳар десятина 25 тин рӯёнида мешуд. Барои мардуми кӯчманчӣ, чун андоз, аз ҳар юрта (кибитка) 4 сумӣ, барои мулки ғайриманқулаи мардуми шаҳр андози давлатӣ муайян карданд. Ҳамаи ин андозҳо ба фоидаи хазинаи подшоҳӣ ситонида мешуд. Агар соли 1896 аз мардуми кишвар ҳамчун андоз 6978720 сум ҷамъ карда бошанд, пас он соли 1917 зиёда аз 33 млн. сумро ташкил намудааст [58, с.57].

Дар аморати Бухоро, баъди ба зери тасарруфи Русия гузаштани он, оид ба шаклҳои заминдорӣ ва андоз тағйироте ба вуҷуд наомад. Дар ин ҷо мисли пештара замин ба шаклҳои: амлокӣ (ё худ давлатӣ, ки ба он заминҳои бо ном амирӣ ҳам дохил мешаванд), вақфӣ, мулкҳои хури холис ва хироҷӣ тақсим мешуданд. Мисли пештара (тахминан 75%-ро заминҳои амлокӣ ва вақфӣ ташкил менамуданд. Аз заминҳои амлокӣ ва хироҷӣ андоз бо номи хироҷ бояд

10 фоизи ҳосил, яъне баъди ҷамъ намудани ҳосил, ба фоидаи хазинаи амир, аз заминҳои вақфӣ ҳамин миқдор андоз ба фоидаи мадрасаю масҷидҳо ва дигар ҷойҳои муқаддас ситонида мешуд.

Андози дигари асосии пуркунандаи хазинаи ҳукумати амирии Бухоро закот ба ҳисоб мерафт. «Закот чун андоз аз чорво, молҳои тиҷоратӣ ва пули нақд ситонида мешуд» [65, с.47].

Аминона ҳам яке аз андозҳои асосии замони амирӣ ба ҳисоб мерафт. Ин намуди андозро аз ҳамаи молҳои барои фурӯхтан муайяншуда меситониданд. Дар байни молҳое, ки ба фурӯш бароварда мешуд, ҷойи намоёнро пахта, ғалла, пӯсти қарокӯлӣ, пашм, чорво, мева, матоъҳои гуногун ва ғайраҳо ташкил менамуданд.

Ба ғайр аз андозҳои номбурда, дар шароити амирии Бухоро боз даҳҳо намудҳои гуногуни андоз вуҷуд доштанд. Амалдорони замони амирӣ барои аз мардум зиёдтар ситонидани андоз ҳавасманд буданд. Зеро бо чунин тадбир онҳо аз як тараф ба амир ва наздикони ӯ кордонии худро нишон диҳанд, аз тарафи дигар як ҳиссаи андози ғункардаро аз они худ мекарданд, ки ин гуна ҳолат ҳатто баъзе амалдорони ҳукумати подшоҳиро ба ташвиш гузоштааст [154, с.17].

Амалдорони ҳукумати подшоҳӣ барои оромии дохилии аморати Бухоро низ манфиатдор буданд. Зеро ҳангоми ба вуқуъ омадани хурӯҷҳои халқӣ амир барои имдод бегуфтугӯ ба онҳо муроҷиат мекард. Бино бар ҳамин ҳам амалдорони рус борҳо дар назди ҳукумати амирӣ масъалаи ба тартиб даровардани тарзи ситонидани андоз, бартараф намудани он бетартибиҳо, махсусан худсарии ҳокимон (бекҳо) ва мутасаддиёни андозро гузоштаанд. Чунончӣ, боре гумоштаи давлати Русия А. Сомов дар вақти суҳбат бо амир Олимхон ҳамин таклифро гузоштааст. Вале амир дар ҷавоб гуфтааст: «Ман худам дар аҳди падари марҳумам беки Каршӣ будам... Агар ба даромад кардани бекҳо роҳ надиҳам, дар он вақт ба онҳо маош додан лозим меояд, ки ин тамоман як дигаргунии калон мешавад, вале дар мамлакати мо ба ин одат накардаанд».

Минбаъд, агарчанде аз тарафи ҳукумати амирӣ барои қисми амалдорон маош таъин карда шуда бошад ҳам, вале худсариҳои онҳо ҳамон, мисли пештара давом кардааст [49, с.36].

Ҳамин тарз, баъди ба зери тасарруфи Русияи подшоҳӣ гузаштани Осиёи Миёна ҳукуматдорони подшоҳӣ танҳо дар шароити кишвари Туркистон то андозае тарзи истифодаи замин ва рӯёнидани андозро ба тартиби муайян даровардаанду халос [57, с.81].

Дар нимаи дуюми асри XIX яке аз масъалаҳои муҳимми соҳаи пахтакории Осиёи Миёна ин иваз намудани пахтаи навъи маҳаллӣ – ғӯза бо навъи пешқадами ҷаҳонӣ-америкоӣ буд. Зеро ғӯза бо сабаби кӯтоҳнах буданаш талаботи рӯзафзуни саноатчиёни Русияро қонеъ гардонида наметавонист. Аз ҳамин сабаб дар сарзамини Осиёи Миёна бо ташаббуси ширкатҳои марказии Русия кишти пахтаи навъи америкоӣ оғоз ёфт.

Аввалин кӯшишҳои дар ҳудуди Осиёи Миёна паҳн намудани пахтаи навъи америкоӣ (солҳои 1859-1860 ва 1874) натиҷаи манфӣ доданд. Он танҳо соли 1882 натиҷаи дилоҳ дод.

Солҳои 80-90-уми асри XIX намояндагони рафоқату ширкатҳои номии русиягие, ки дар ноҳияҳои гуногуни Осиёи Миёна нуфуз пайдо карда буданд, ба деҳқонон пунбаи пахтаи навъи америкоиро бе пул тақсим карда дода, бо мақсади ҳавасмандӣ, барои онҳое, ки зиёда пахтаи аълосифати ин навъро супоридаанд, ҳатто мукофотҳои пулӣ муайян мекарданд.

Албатта, рафоқату ширкатҳои марказӣ аз харидани пахтаи маҳаллӣ – ғӯза низ даст накашидаанд. Вале онҳо кӯшиш мекарданд, ки деҳқонон ҳар чӣ зиёдтар маҳз пахтаи навъи америкоӣ коранд. Барои ин онҳо деҳқонони пахтакори кишварро маҷбур не, балки ҳавасманд менамуданд. Нархи хариди пахтаи навъи америкоӣ низ нисбат ба ғӯза баландтар буд [154, с.14].

Маҳз бо ташаббуси ҳамон рафоқату ширкатҳои русиягӣ дар ноҳияҳои гуногуни Осиёи Миёна баъзе таҷрибаҳои пешқадами ҷаҳонӣ, махсусан

америкоӣ оҳиста-оҳиста ҷорӣ карда шуд. Аз ҷумла, дар кишвар ба воситаи сеялка ба кишти қатораи пахта оғоз намуда, баъзе ҳоҷагиҳо ҳангоми шудгори замин аз плугҳо низ истифода бурдаанд.

Бо мақсади дар шароити ноҳияҳои гуногуни Осиёи Миёна мутобиқ кунонидани пахтаи навъи америкоӣ, майдонҳои таҷрибавии пахтакорӣ ҷорӣ карда шуд. Чунин майдонҳои таҷрибавӣ соли 1897 дар наздикии Ашқобод, соли 1900 дар Дилварзин ва соли 1901 дар наздикии Андиҷон ба вуҷуд омаданд. Дар натиҷа пахтаи навъи америкоӣ бо зудӣ дар шароити ноҳияҳои гуногуни кишвар мутобиқ кунонида шуд.

Аммо он солҳо ба ҳоҷагии қишлоқи кишвар сар даровардани баъзе намудҳои техникаи нав нигоҳ накарда, пахтакорӣ ҳанӯз ҳам бештар ба техникаи куҳна асос меёфт. Зеро аз як тараф аксарияти ҳоҷагиҳои деҳқонӣ, ки миёнаҳол буданд, бинобар ин онҳо қобилияти ҳаридани техникаи навро надоштанд ва аз тарафи дигар дар шароити кишвар муқобилони ҷорӣ намудани техникаи нави кишоварзӣ, аз ҷумлаи мутасаддиёни болоии ҳукумати подшоҳӣ кам набуданд. Чунончӣ, 23-юми сентябри соли 1907 дар яке аз ҷамъомадҳои Кумитаи Биржагии Қӯқанд, бо иштироки раиси Кумитаи пахтаи Русия, собиқ вазири савдо ва саноати Русия В.И. Темирязов, ҳатто қарор карда шуд, ки ҳосилнокии замини пахтаи бо меҳнати дастӣ асос ёфта, нисбат ба коркарди мошинӣ хеле баланд ва самаранок аст. Аз ин сабаб таъкид шуд, ки «дар шароити деҳқонони яккадасти кишвар бо мошин иваз кардани меҳнати дастӣ беасос мебошад».

Умуман чорабиниҳои гуногуни дар соҳаи пахтакорӣ пешгирифта (пеш аз ҳама ҳавасманд намудани деҳқонон) имконият доданд, ки дар Осиёи Миёна пахтакорӣ инкишоф ёбад, ҳосилнокии он нисбат ба солҳои пешин зиёд гардад ва истеҳсоли пахта хело афзояд.

Дар натиҷа, агар дар саноати бофандагии Русия ҳиссаи пахтаи Осиёи Миёна соли 1890 тақрибан 30 фоиз ва хориҷӣ 70 фоиз бошад, пас соли 1914 ҳиссаи пахтаи ватанӣ, яъне осиёимиёнагӣ, (ба марказ кашонидани он соли 1915

ҳам идома ёфт) тақрибан ба 70 фоиз расиду ҳиссаи пахтаи хориҷӣ то ба 30 фоиз фаромад. Ин бори дигар гувоҳӣ медиҳад, ки дар солҳои Ҷанги якуми ҷаҳон Осиёи Миёна ба манбаи асосии ашёи хом-пахтаи саноати бофандагии Русия табдил ёфтааст.

Бояд ба инобат гирифт, ки ҳанӯз дар охири асри XIX ва аввали асри XX ҳукумати подшоҳӣ, бо мақсади дар сарзамини Осиёи Миёна инкишоф додани пахтакорӣ, уҳдадор шуда буд, ки мардуми ин кишварро бо ғаллаи арзони дигар губернияҳои Русия, махсусан аз ғаллаи ноҳияҳои Сибир таъмин намояд. Чунин «уҳдадорӣ» то солҳои аввали Ҷанги якуми чаҳон ба хубӣ иҷро шуд. Вале минбаъд, махсусан солҳои 1916-1917, он уҳдадорӣ бо сабабҳои гуногун иҷро нагардид ва боиси гаронии нархи ғалла дар кишвар ва хеле паст рафтани сатҳи зиндагии мардум шуд [95, с.52].

Бояд тазаккур дод, ки яке аз масъалаҳои марказии диққати муҳаққиро ҷалб намуда, ки яке аз қисмҳои ҳаёти иҷтимоӣ-иктисодии минтақаҳои тоҷикнишинро ташкил медод, масъалаи мардикорӣ ба ҳисоб меравад. Профессор О.Б. Боқиев дар хусуси масъалаи мазкур пеш аз ҳама ба осори муаррихони тоинқилобии рус ва таърихнигорони шоҳиди давр такя намудааст.

Дар илми таърихшиносии шуравӣ ва даврони истиқлоли тоҷик масъалаи мардикорӣ дар Тоҷикистони тоинқилобӣ ба таври бояду шояд мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст. Дар асарҳои баъзе муаррихони тоҷик ин масъала баъзан туфайли баррасии масъалаҳои дигари ҳаёти иҷтимоӣ инъикос гардида бошад ҳам, мавриди омӯзиш ва таҳқиқи алоҳида қарор нагирифтааст. Паҳлуҳои мухталифи масъалаи мардикорӣ, аз ҷумла вазъи халқи меҳнаткаш, ба табақаҳо тақсимшавии деҳқонон дар ибтидои асри XX, аҳаммияти тараққихоҳона доштани мардикорӣ, ба вуҷуд омадани синфи коргари тоҷик ва монанди инҳо дар адабиёти шуравии тоҷик инъикос ёфтааст, ки дар ин ҷода саҳми профессор О.Б. Боқиев барҷаста мебошад.

Муаррих О.Б. Боқиев дар осори худ масъалаи мардикориро мавриди талилу баррасии махсус қарор дода, тазаккур додааст, ки мардикорӣ яке аз нишонаҳои муносибатҳои буржуазӣ буда, он дар сохти ҷомеаи феодалӣ, давраи тезутундшавии муносибатҳои синфӣ ва таназзули феодализм ба вуҷуд омадааст. Асосгузори давлати Шуравӣ В.И. Ленин ҳам дар асари «Тараққии капитализм дар Русия» дар хусуси масъалаи мазкур ишораҳои зиёд намудааст.

О.Б. Боқиев дар асоси омӯзиши ташаккул ва рушди мардикорӣ дар минтақаҳои тоҷикнишин ба хулосае омадааст, ки заминаҳои асосии мардикорӣ дар Тоҷикистони тоинқилобӣ, пеш аз ҳама аз безаминии деҳқонон, хонахаробу муфлисшавии ҳунармандон, зиёд шудани маҷбуриятҳои феодалӣ, махсусан андозу хироҷ ва монанди инҳо ба шумор мерафтанд.

Аз таҳлили осори муаррих бармеояд, ки раванди мардикоршавии деҳқонони тоҷик, махсусан дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX вусъат ёфтааст. Академик Б. Ғафуров дар ин хусус равшанӣ андохта, тазаккур додааст: «Қариб 85 фоизи аҳолии Бухорои Шарқӣ дар ихтиёри худ ҳамагӣ 15 фоиз замин дошт, ҳоло он ки 85 фоизи заминҳои корам ба феодалон ва руҳониён тааллуқ дошт» [67, с.40].

Дар ин хусус О.Б. Боқиев аз В.И. Ленин иқтибос оварда, ки чунин қайд мекунад: «... пролетари деҳотӣ, ки ҳеҷ хоҷагие надорад ё ин ки як порча замини ночизе дорад, ба замин он қадар дилбасатагӣ надорад, ... аз ҳамин рӯ, ба ҷойҳои дигар рафтан ва ба шартҳои ихтиёрӣ, яъне ба музди зиёдтар ва бе ҳеҷ асорат ба кор киро шудан барои ӯ осонтар аст» [83, с.521].

О.Б. Боқиев ин нишондоди Ленинро пурра ба шароити халқи тоҷик созгор донистааст. Зеро деҳқонони тоҷик ҳам безамину камзамин ва қашшоқу бенаво буданд. Ин далел аз он хабар медиҳад, ки ба мисли дигар минтақаҳои Русияи подшоҳӣ Тоҷикистони тоинқилобӣ ҳам раванди аз зироат ба саноат гузаштани аҳолиро аз сар гузаронида истода будааст.

Бояд зикр кард, ки аз ҳисоби ҳунармандони нодору хонахаробшудаи ноҳияҳои мухталифи Тоҷикистони тоинқилобӣ сафи мардикорон меафзуд. Раванди мазкурро О.Б. Боқиев ботафсил шарҳ дода, қайд кардааст, ки дар натиҷаи сохта шудани роҳҳои оҳан маҳсулоти пастсифати косибони маҳаллӣ бо молҳои хушсифати саноатии шаҳрҳои Русия рақобат карда натавониста, меҳнати косибон рӯ ба таназзул ниҳод. Зеро то сохта шудани роҳи оҳан нақши асосиро шакли хонаводагии истеҳсолот бозӣ мекард, ки ҳоло ин шакли истеҳсолот аз истеъмори меҳнати кироя қафотар монда буд. Дар натиҷаи таъсири бевоситаи роҳҳои оҳан ҳунармандони ин минтақа аз касби худ даст кашида, барои дарёфти ризқу рӯзӣ ба шаҳрҳо рӯ оварда сафи синфи коргари кишварро пур мекарданд. Бо ибораи В. И. Ленин «ягона унсури тараққӣ, ки ба ин шакли саноат махсус аст, барои бозёфт ба маҳалҳои дигар рафтани ҳунармандон аст» [48, с.19].

Ҳамин тариқ, маълум мегардад, ки мардикорӣ дар ҳудуди Тоҷикистони тоинқилобӣ ба шуғли асосӣ табдил ёфта буд. Таҳлили осори О.Б. Боқиев нишон медиҳад, ки мардикорӣ дар ноҳияҳои тоҷикнишин, махсусан дар Бухорои Шарқӣ ва Кӯҳистони Помир хусусияти мавсимӣ дошт. Дар ин хусус муаррих аз ёддоштҳои яке аз мубориზони фаъоли барпо ва мустаҳкам намудани Ҳокимияти шуравӣ дар кишвар, собиқ коргари роҳи оҳани Осиёи Миёна Д. И. Манжара иқтибос овардааст, ки чунин аст: «тақрибан нимаи дуюми моҳи сентябр ба шаҳрҳои кишвари Туркистон мерафтанд ва ибтидои моҳи май ба деҳаҳои дурдасти худ бармегаштанд» [90, с.7].

Бояд тазаккур дод, ки деҳқонон одатан соле ду маротиба, яъне баҳор, пас аз ба анҷом расондани кишту кор ва тирамоҳ, баъд аз ҷамъоварии ҳосил, ба шаҳрҳо мерафтанд. Дар ин хусуси О.Б. Боқиев зикр кардааст, ки муҳлати мардикории баҳорӣ аз дуюним то се моҳ ва зимистон то шаш – ҳафт моҳ тӯл мекашид, ки онҳо мардикорони мавсимӣ ном доштанд.

Таҳқиқи масъалаи мардикорӣ нишон медиҳад, ки мардикорон тамоми сол, ҳатто ду се сол ва дар баъзе ҳолатҳо муддати аз ин ҳам зиёдтар дар шаҳрои Қӯқанд, Ҷалолобод, Намангон, Андиҷон, Марғелон ва ҳамчунин Тошканд, Самаранд ва Бухоро мардикорӣ менамуданд. Ин раванд, бахусус баъд аз оғози сохтмони роҳҳои оҳан боз ҳам рушд кард. Мусаллам аст, ки мардикорон ҳатто то шаҳрҳои Қафқоз, Русия ва ғайра мерафтанд [48, с.19].

Дар ин хусус В.И. Ленин зикр кардааст, ки «мардум аз пайи бозёфт ба корхонаҳои саноатӣ, ба сохтмони роҳи оҳан, ки гӯшаю канораҳои мухталифи Русияро ба ҳам пайваста молҳои корхонаҳои калонро ба ҳама ҷо мерасонданд, рафтан гирифтанд» [82, с.94]. Воқеаҳои ба ҳудуди тоинқилобии Тоҷикистон мансуббуда ба ҳаёти мардуми заҳматкаши ин сарзамин мувофиқат кардани гуфтаҳои болоро ба таври назаррас нишон медод.

Гуфтан зарур аст, ки дар сохтмони рои оҳан ва устохонаҳо коргарони доимӣ аз ҳисоби мардикорон ташаккул меёфтанд. Чунончӣ соли 1906 дар роҳҳои оҳани Осиёи Миёна ва Тошканд коргарони  дорои таҷрибаи кории панҷсола бештар аз 72 фоиз ва соли 1913 64 ва 70 фоизи коргарони ин роҳҳоро ташкил медоданд. Аз ин бармеояд, ки дар роҳҳои оҳан коргарони доимӣ беш аз пеш меафзуданд. Дар миёни коргарони роҳҳои оҳани манотиқи Осиёи Миёна мардикорон аз хоки имрӯзаи Тоҷикистон кам набуданд.

Мувофиқи маълумотҳои О.Б. Боқиев дар ноҳияҳои шимолии Тоҷикистон, водии болооби Зарафшон ва дигар мавзеъҳо ба мардикорӣ рафтани деҳқонони нодору мазлум ва ҳунармандони қашшоқу бенаво зиёд буд.

Дар ин баробар муаррихи тоҷик М. Бобохонов тазаккур додааст: «Мардикорӣ асосан дар водию даштҳо, аз ҷумла, Унчӣ, Қистакӯз, Ғончӣ, Нов, Конибодом ва дигар минтақаҳое, ки пахтакорӣ нисбатан рушд карда буд, бештар паҳн шуда буд» [59, с.17-18]. Таҳлили осори муаррихон, махсусан О.Б. Боқиев нишон медиҳад, ки аз волостҳои кӯҳи Зарафшон ба шаҳрҳо рафтани мардикорон ҳодисаи муқаррарӣ гардида буд. Муаррих гуфтаи хидматгузори

ҳукумати подшоҳӣ Лютшро иқтибос овардааст, ки чунин аст: «Ба ман маълум аст, ки дар Зарафшон деҳаҳое ҳастанд, ки аҳолиашон онҳоро партофта рафтаанд» [100, с.93].

Профессор О.Б. Боқиев дар ин хусус қайд кардааст, ки аз волости Фалғар зиёда аз 36 фоиз ва инчунин аз баъзе деҳаҳои ин волост қариб 50 фоизи аҳолии қобили меҳнат ба ҷустуҷӯи кор ба шаҳрҳо мерафтанд. Мувофиқи маълумоти муҳаққиқи таърихи тоинқилобии Кӯҳистон В. Иброҳимов ҳар сол аз 25 то 75 фоиз аҳолии баркамоли Кӯҳистон барои дарёфти кор ба шаҳрҳо мерафтанд.

Бояд гуфт, ки мардикорӣ, махсусан дар байни меҳнаткашони Бухорои Шарқӣ ва дигар қисматҳои минтақаи кӯҳистон ба таври васеъ паҳн шуда буд. Ин ақидаи О. Боқиевро маълумоти С. Айнӣ тасдиқ менамояд. С. Айнӣ тазаккур додааст, ки «Аҳолии Қаротегин ва кӯҳистони Бухоро, – менависад ӯ, – аксаре барои таъмини маишат ва имрори ҳаёти худ ба Туркистони русӣ ва Фарғона рафта, ҳаммолӣ, муздурӣ ва саройбонӣ мекунанд» [123, с.139-140]. Дақиқияти ин ақидаро таҳқиқоти олимони дигар ҳам пурра собит мекунанд. Н. Латифов қайд кардааст, ки дар Қаротегин ва Дарвози тоинқилобӣ хоҷагие набуд, ки як-ду нафар аъзои он ба Қӯқанд, Фарғона ва дигар шаҳрҳои нисбатан тараққикардаи Осиёи Миёна нарафта бошад. Ш. Юсуфов тазаккур додааст, ки деҳқонони бекигариҳои ноҳияи Кӯлоб ба Тошканд, Самарқанд, Қатақӯрғон, Қӯқанд, Фарғона ва ғайра ба кор мерафтанд. Ҳар тобистон қисми аҳолии тобеи Кӯлоб ва Балҷувон ба воситаи Яғноб ба тарафи Тошканд ба мардикорӣ мебаромаданд [165, с.139-140].

Масъалаи мардикорӣ дар Тоҷикистони тоинқилобӣ то ҳол дар илми таърихшиносии тоҷик баҳснок ва ҳалталаб мебошад. Масалан, то ҳол шумораи умумии мардикорон маълум нест. О.Б. Боқиев равшан намудани масъалаи мазкурро хеле мураккаб арзёбӣ намудааст. Зеро оид ба омилҳои мардикорӣ, шумораи умумии мардикорон, аҳамият ё зарари мардикорӣ, тарзи зисту аҳволи иҷтимоии мардикорон дар тадқиқотҳо, сарчашмаҳои мухталиф, маводдии

архивӣ, маҷмуаҳои оморӣ ва ғайра маълумотҳои мушаххасу мукаммал ё нест ё бошад ҳам, ниҳоят ночизанд ва ё дастрас нестанд. Дар воқеъ, таҳқиқу омӯзиши мавзуи мазкур ба ҳалли як қатор масъалаҳои ҳалталаби сиёсиву иҷтимоии таърихи нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX-и халқи тоҷик мусоидат менамояд.

Дар ин миён баъзе муҳаққиқон бар он назаранд, ки пеш аз Инқилоби Октябр аз деҳаҳои баландкӯҳи Бухорои Шарқӣ ҳамасола то 20-25 ҳазор нафар деҳқонон ба мардикорӣ мебаромаданд. Дар ин хусус профессор О. Боқив қайд кардааст, ки деҳқонони нодору камбағал ва ҳунармандони ҳақиру нотавон дар ҳудуди тоинқилобии Тоҷикистон аксарияти аҳолиро ташкил медоданд ва табиист, ки қисми зиёди онҳо баҳри таъмини зиндагӣ, эҳтиёҷоти оила маҷбур мешуданд, ки касб кунанд. Дар воқеъ, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки сохтмони роҳи оҳан дар Осиёи Миёна ба афзоиши мардикорӣ оварда расонида буд. Аҳолии зиёди минтақа на танҳо ба шаҳрҳои кишвари Туркистон, балки ба воситаи роҳҳои оҳан ба шаҳрҳои Қафқоз, Астрахан ва ҳатто Русия мерафтагӣ шуданд. Дар хусуси афзоиши мардикорӣ маълумотномаҳои омории роҳҳои оҳани Осиёи Миёна муфиданд. О.Б. Боқиев дар такя ба ин маълумотҳо тазаккур додааст, ки зарурати зиндагӣ мардикоронро водор менамуд, ки тавассути роҳи оҳан ва нақлиёти обӣ аз ҳудуди имрӯзаи Тоҷикистон, аз ҷумла Бухорои Шарқӣ ва Помир ба минтақаҳои дурдаст раванд. Соли 1900 ба воситаи хати роҳи оҳани Чорҷӯ беш аз 74 ҳазор, Хуҷанд 26,4 ҳазор, соли 1911 бошад, аз ин марказҳо зиёда аз 115,6 ва 235,4 ҳазор, соли 1908 қариб 22 ҳазор мусофир кашонда шудааст [48, с.21].

Вале на ҳамаи ин муофирон мардикорон буданд. Далелҳои мавҷуда, махсусан осори муаррихони давр шоҳиди он мебошанд, ки аз рафтуойкунандагон аксар одамони нодору бенаво ва қашшоқу камбағали деҳот буданд, ки макону ҷойи истиқомати худро тарк намуда аз барои дарёфти қути лоямуте ба шаҳарҳои дурдаст ҳиҷрат менамуданд. Дар ин хусус метавон аз

осори дигар муаррихон далел овард. М. Эркаев собит намудааст, ки аз бекигарии Қаротегин тули ҳар сол ба шаҳрҳои Туркистон, Бухоро ва ҳатто Қафқоз то 48 фисади мардон мерафтанд [120, с.109].

Шуғли қисми зиёди аҳолии деҳаҳо мардикорӣ ба ҳисоб мерафт. Дар ин хусус О.Б. Боқиев қайд кардааст, ки танҳо аз қишлоқи Яхакпасти бекии Қаротегин зиёда аз 50 фисад мардон ва то инқилоб ҳамаи мардони қобили меҳнати деҳоти музофоти Ғарм ба мардикорӣ мерафтанд.

Ақидаҳои болоро маълумоти ҳуҷҷатҳои архивӣ низ тасдиқ менамояд. Мувофиқи маълумоти ҳуҷҷатҳои бойгонӣ, ки аз ҷониби О.Б. Боқиев мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтаанд, «Солҳои то Ҷанги якуми ҷаҳон аз бекигариҳои Қаротегин ва Дарвоз аз 10 то 12 хазор нафар тоҷикон барои кор ба шахрҳо мерафтанд [48, с.21].

Зикр намудан бамаврид аст, ки дар арафаи Инқилоби Октябр аз бекигариҳои мазкур ба ноҳияҳои мухталифи Туркистон, Қафқоз ва ҳамчунин ба шаҳрҳои саноатии Русия тули ҳар сол то 15 ҳазор нафар ба мардикорӣ мерафтанд. Дурустии ин далелҳоро хотироти собиқ мардикорон, ки ба кӯшиши О.Б. Боқиев бори нахуст ба риштаи таҳқиқ ҷалб мекарданд, тақвият медиҳанд. Профессор О.Б. Боқиев хотироти собиқ мардикори қаротегинӣ Сироҷ Раҳимовро мисол овардааст, ки мувофиқи он ҳар сол дар корхонаҳои пахтатозакунии Тошканд, Фарғона, Андиҷон, ҳамдеҳагонаш кор мекарданд. Мувофиқи маълумоти ӯ тахминан 40 нафар бо шолчаи оддӣ пахта мекашониданд. Ба фикри собиқ мардикори кӯлобӣ Усто Гадо ҳамаи мардони қобили меҳнати ин воҳа то шаҳрҳои Фарғона, Самарқанд, Бухоро ва ғайра ба мардикорӣ мерафтанд.

Ҳамчунин, бояд тазаккур дод, ки дар сохтмони роҳи оҳани Осиёи Миёна саҳми мардикорон хеле назарас аст. Дар сохтани роҳи оҳани Бухоро (1914-1916) аз сабабаи нарасидани қувваи корӣ, мардикорони Бухори Шарқӣ ба таври маҷбурӣ равона карда мешуданд. Мувофиқи маълумоти О.Б. Боқиев бо

фармони амири Бухоро ба сохтмони хатти роҳи оҳани Қаршӣ – Тирмиз мардикорони қаротегинӣ ба таври хеле фаврӣ равона карда шуданд. Дар ин хусус С. Айнӣ қайд кардааст, ки «Ширкати роҳи оҳани Бухоро – Тирмиз, ки яке аз саҳмдорони калонаш амири Бухоро Олимхон ба ҳисоб мерафт, ба фикри ба даст овардани коргарони арзон афтода, аз амир мардикор талаб карда ва ба мардикорони талабгор харҷи роҳу музди кор доданро ваъда кард, ин маъниро ба ҳокими Қаротегин, ки аз лиҳози иқтисодӣ яке аз пасмондатарин минтақаи Бухоро маҳсуб меёфт, навишта, аз аҳолии он ҷо ин кор манфиат гирифтанӣ шуд» [124, с.201]. Аз таҳлили осори муаррихони давр бармеояд, ки беки Қаротегин халқи камбағалро ғайриихтиёрӣ ва ба таври маҷбурӣ ба сохтмони роҳи оҳан фиристода, молу мулки онҳоро барои худ мусодира кард.

Ҳамин тавр, аҳаммияти бузурги рушди мардикорӣ дар он таҷассум меёфт, ки муздурони тоҷик дар шаҳрҳои мухталифи Осиёи Миёна ва Русия бо коргарони миллатҳои дигар ҳамҷо кор карда, аз истеҳсолот ва тарзи он дар корхонаҳои саноатӣ бохабар шуданд. Ҳамчунин, ин раванд боиси ташаккули синфи коргар гардид, ки дар оянда заминаро баҳри сохта ба истифода додани корхонаҳои саноатӣ дар Тоҷикистон гузошт. Профессор О.Б. Боқиев дар асоси маводди бойгонӣ ва осори муаррихони мухталиф, ки дар ин самт ишораҳо намудаанд, дар осори худ ба таври мушаххас ва равшан ин масъалаи муҳимми иҷтимоии халқи тоҷикро дар чунин як марҳилаи бисёр сарнавиштсоз мавриди баррасӣ ва инъикос қарор додааст. Бояд зикр кард, ки ӯ яке аз аввалин муаррихони ватанист, ки масъалаи мазкурро ба таври махсус мавриди таҳқиқ ва омӯзиш қарор додааст.

Хулоса, профессор О.Б. Боқиев дар осори худ дар такя ба маълумоти муаррихони тоинқилобии рус ва муаррихони вақти кишвари Туркистон ва аморати Бухоро вазъи хоҷагии деҳоти халқи тоҷикро тавсиф намуда, ба таври мушаххас баҳогузорӣ кардааст. Аз маълумоти ӯ ва таҳлили осори дигар муаррихон бармеояд, ки дар нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX

хоҷагии халқи тоҷик дар зери таъсири капитализми русӣ ва феодализми маҳаллӣ қарор дошт. Забт гардидани минтақа аз ҷониби Русияи подшоҳӣ то андозае дар ҳаёти хоҷагии халқи тоҷик, ки аксаран кишоварз буданд, таъсир расонид. Вале ин маънои онро надошт, ки сатҳи зиндагии онҳо хуб шуда бошад. Бо забти минтақа акнун мардуми маҳаллӣ ва заҳматкаш аз ду ҷониб мавриди истисмор қарор гирифтанд. Аз як ҷониб амалдорони амирӣ дар симои ҳукумати подшоҳӣ пушту паноҳи нав ёфта, дар ғорат намудани мардуми заҳматкаш ҳамто надоштанд. Аз ҷониби дигар ҳукуматдорони подшоҳӣ аксар заминҳои киштро акнун барои ба маҳсулоти хом таъмин кардани саноати худ истифода намуданро оғоз бахшиданд. Дар ҳар ду ҳолат ба ҳаёти иҷтимоии халқи тоҷик таъсири манфӣ расонида шуд.

## 2.2. Омӯзиши вазъи саноат, ҳунармандӣ ва муносибатҳои тиҷоратии манотиқи Тоҷикистон

Масъалаи саноат ва хунармандии худуди Тоҷикистон, дар адабиёти таърихии тоинқилобии рус ба таври хеле васеъ инъикос ёфтаст, ки дар осори профессор О.Б. Боқиев мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Дар асоси осори муҳаққиқони тоинқилобии рус профессор О.Б. Боқиев зикр намудааст, ки саноати ҳудуди Тоҷикистон дар охири асри XIX танҳо аз саноати коркард ва истихроҷ иборат буд. Аз маводди адабиёти таърихии тоинқилобии рус дида мешавад, ки саноати ҳудуди Тоҷикистон дар арафаи ба Русия ҳамроҳ шудан хусусияти соф косибӣ дошт ва талаботи хоҷагии халқ ва аҳолии мамлакат то дараҷаи лозима қонеъ карда намешуд. Маълум мегардад, ки дар ҳудуди имрӯзаи Тоҷикистон дар солҳои 1866–1895 навъҳои гуногуни хунар, аз ҷумла бофандагӣ, кулолгарӣ, чармгарӣ, оҳангарӣ, заргарӣ, дуредгарӣ, рангуборкунӣ, собунсозӣ, равғанкашӣ вуҷуд дошт. Аз ҳама бештар бофандагӣ рушд намуда буд, ки дар асарҳо ва мақолаҳои муҳаққиқони тоинқилобии рус бештар инъикос ёфтааст [154, с.11]. Ин маълумот дар осори П.И. Пашин, А.П. Хорошхин, Л.Ф. Костенко ва М.С. Бекчурин ба таври мухтассар оварда шудааст. Аз асарҳои ин муаллифон маълум мешавад, ки вилояти Хуҷанд маркази истеҳсолоти бофандагӣ маҳсуб меёфт. Дар баробари ин муаллиф хабар медиҳад, ки агар истеҳсоли пахта дар ҳамаи маҳалҳои аҳолинишини вилояти Туркистон ба роҳ монда шуда бошад, пас ҳамаи матоъҳои абрешимию нимабрешимӣ танҳо дар Хуҷанд истеҳсол мешуданд. Истеҳсоли пашм, ба ақидаи муаллиф, ҳатто хусусияти ҳунарӣ надошт ва дар байни аҳолии бодиянишин бештар паҳн шудааст. Дар ин ҷо соҳиби ашёи хом худаш ҳам истеҳсолкунанда ва ҳам истеъмолкунандаи асосӣ буд. Ин андешаи П.И. Пашинро муҳаққиқони дигар низ тасдиқ мекунанд. Дар асари Л.Ф. Костенко саноати бофандагии Осиёи Миёна васеътар ва муфассалтар омӯхта шудааст. Муаллиф саноати бофандагиро

ба истеҳсоли пахта, абрешим ва пашм тақсим кардааст, ки дар байни онҳо истеҳсоли пахта ҷойи якумро ишғол мекунад. Раванди истеҳсолот ва тақсимоти меҳнатро дар саноати бофандагӣ бодиққат омӯхта, бе ҳеҷ як шубҳа гуфтан мумкин аст, ки ӯ алакай хусусияти истеҳсолӣ дошт. Ин хусусан дар пахтакорӣ, ки тақсимоти меҳнат назар ба дигар соҳаҳои истеҳсолот ба дараҷаи баланди тараққиёт расидааст, равшан мушоҳида карда мешавад. Л. Ф. Костенко хусусияти истеҳсолии саноати нассоҷиро дар маҷмуъ дар Осиёи Миёна ва алалхусус дар ноҳияҳои шимолии Тоҷикистон нишон дода, махсусан ба аҳаммияти Осиёи Миёна барои Русия ҳамчун бозори пахта алоқаманд мекунад [4, с.145].

О.Б. Боқиев зикр мекунад, ки Русия кайҳо боз пахтаи заруриро аз Осиёи Марказӣ мехарад. Аммо аҳаммияти Осиёи Марказӣ ҳамчун бозори пахта барои Русия, махсусан пас аз ҷанги Амрикои Шимолӣ (1861–1865) афзоиш ёфтааст. Баъд муаллиф саноати абрешимчигиро, ки аз пахта дар вазъияти бехтаре набуд, муфассал таҳлил мекунад. Истеҳсоли абрешим бо воситаҳои хом ба роҳ монда шуда, дар вақти кушодани пилла ягон система риоя карда нашудааст. Вале сарфи назар аз усули ибтидоии шоҳибофӣ, бо ишғоли русҳо дар Тошканд, Хуҷанд ва Самарқанд матоъҳои абрешимии маҳаллӣ дар байни сокинони рус зуд паҳн шудан гирифтанд. Чунон ки маълум аст, дар солҳои 60-уми асри XIX бемории кирмак боиси таназзули кирмакпарварӣ дар кишварҳои Аврупо гардид. Ба гуфтаи профессор О.Б. Боқиев, кулолгарӣ ба се самти асосӣ тақсим мешуд: маснуот аз гили одӣ, сирнашуда: маснуот аз гили одӣ, маснуоти сирдор ва фаянс аз гили сафед, ки бо каму беш шишаи хуб пӯшонда шудааст, намунаҳои мукаммалтар ва рангкардашуда. Дар баробари ин гили маҳсулоти сирдоршуда дар худи ҷойҳои истеҳсол карда мешуд ва бо сифати махсусе, ки барои маҳсулоти тунук зарур аст, фарк мекард. Маҳсулоти сирдор ба ҳамаи ашёи калони рӯзгор тааллуқ дошт, ҳамчунин печкаҳо барои пухтани кулча [154, с.12].

Дар баробари ин хабар дар бораи конҳои бойи ангишт ва дигар канданиҳои фоиданок дар округи Хуҷанд на танхҳо дар Осиёи Миёна, балки дар Русия ҳам зуд паҳн шуд. Ин ба он оварда расонд, ки дар солҳои 80-90-ум дар ҳудуди Хуҷанд ҷамъиятҳои гуногуни саҳомии истихроҷи ангишт, намак, фулуз, мис, сурб ва дигар канданиҳои фоиданок ба вуҷуд омаданд. Ҳамин тариқ, масалан, дар охири даврае, ки мо дар назар дорем (1895) дар ҳудуди ноҳияи Хуҷанд танҳо барои истихроҷи ангишт алакай се ҷамъияти саҳомии Н.И. Иванов, Петрова ва Е.М. Краузе таъсис ёфта буданд, ки конҳои ангишти онҳо низ дар Кокин-Сае воқеъ буданд. Дар ин шахтаҳо соли 1898 262.720 пуд ангишт ҳосил карда шуд. Ба ҳайр аз ноҳияи Хуҷанд, дар вилояти Исфараи уезди Қуқанд, ки соли 1882 истихроҷи ангишт дар он ҷо оғоз ёфта буд, конҳои калони ангишт кашф карда шуданд. Ҷустуҷӯи канданиҳои фоиданок, аз ҷумла ангишт, дар як минтақаи дигари сарзамини Тоҷикистон – болооби Зарафшон низ анҷом дода шуд. Аввалин маълумот дар бораи кони ангишт дар болооби Зарафшон ҳангоми экспедитсияи илмии ҳарбии Искандаркӯл соли 1870 ба даст омадааст. Профессор О.Б. Боқиев тазаккур додааст, ки дар асарҳои муаллифони тоинқилобии рус дар бораи дар болооби Зарафшон истихроҷи ангишт маълумоти дақиқ нест. Ягона маълумот дар бораи азхудкунии ангишт дар ҳудуди Зарафшони боло дар давраи таҳлил дар нашрияҳои расми «Озориши вилояти Самарқанд барои солҳои 1889–1895» оварда шудааст. Маълумоти бештар дар китоби дигари «Шарҳи вилояти Самарқанд барои соли 1893» оварда шудааст, ки дар он гуфта мешавад, ки дар вилояти Фороб аз ангишти Врублевский 1470 пуд истихроҷ карда шудааст. Дар ҳамин давра дар шахтахои Верешагин, хамагӣ 2570 пуд ангишт истеҳсол мешуд [13, с.8]. Дар асоси ин маълумотҳо тахмин кардан мумкин аст, ки азхудкунии ангишт дар поёноби Зарафшон аз нимаи дуюми солхои 80-ум оғоз ёфта буд. Дар адабиёти таърихии тоинқилобии рус дар бораи тилло барин металли дигари пурқиммат, ки аз рӯзҳои аввали истилои ин минтақа диққати соҳибкорони русро ба худ ҷалб

карда буд, бисёр маълумотҳои аҷоиб вуҷуд дорад. Чунон ки аз ин маълумот дида мешавад, сокинони маҳаллӣ кайҳо боз ба истихроҷи бисёр канданиҳои фоиданок бо роҳи косибӣ машғуланд, гарчанде ба миқдори маҳдуд. Аммо маъмултаринаш истихроҷи тилло буд, ки тақрибан дар тамоми манотиқи ҷанубу шарқии қаламрави Тоҷикистони имрӯза анҷом дода мешуд. Аввалин маълумотро дар бораи истихроҷи тилло дар ҳудуди Тоҷикистон дар асарҳои худ аъзои экспедитсияи илмии ҳарбии Искандаркӯл Д.Н. Мышенков ба миқдори маҳдудтарин овардаанд [10].

Дар бекигариҳои Қурғонтеппа, Қабодиён, Кӯлоб ва Балҷувон дар соҳилҳои дарёҳои Вахш, Амударё, Яхсу ва болооби дарёи Оби Мазор ҳам тилло истихроҷ карда мешуд. Соли 1877 Полковники штаби генералӣ Матвеев ҳангоми сафараш ба мулки Бухоро ва Афрон чанд гурӯҳи коргаронро дид, ки дар соҳилҳои Вахшу Амударё, бо шустани реги тилло машғуланд ва бори аввал усули шустани тиллоро муфассал баён кардааст. Чунон ки аз паёми полковник Матвеев дида мешавад, ҳукумати Бухоро ба корҳои заркорон дахолат намекард ва истихроҷи тилло танҳо бо ташаббуси шахсони алоҳида сурат мегирифт. Ба ғайр аз шахтёрҳои алоҳидае, ки бо хавфу хатари худ кор мекарданд, дар аксар маврид мансабдорони серташаббускор чанд нафар коргаронро бо буридан барои ҳар яки онҳо рӯзе ду кокан киро мекарданд ва баъди ин кор таҳти назорати шахсии ӯ ба роҳ монда мешуд [19, с.12].

Сокинони баъзе ноҳияҳои Помир ҳам ба шустани тилло машғул буданд. Ба гуфти инженери маъдан А.П. Михайлов, капитан Ванновский, Муханов, геологҳо Д.И. Мушкетов ва В.В. Поклевский-Козелл, дар Помир тилло дар қад-қади дарёҳо то Сурхоб ҷорӣ мешавад. Ҳамин тавр, капитан Ванновский хабар медихад, ки сокинони деҳаҳои Бадурт, Бардара ва Басит дар давоми се-чор моҳ бо душворӣ то бист гулобро шуста, ба афғонҳо андоз медоданд. Ё ба гуфтаи муҳандиси маъдан А.П. Михайлов, сокинони Язғулом аз тиллои

истихроҷкардаашон ба беки Дарвоз андоз месупориданд. Тадқиқотчиёни дигари тоинқилобии рус ҳам маълумоти мазкурро тасдиқ намудаанд.

Профессор О.Б. Боқиев тазаккур додааст, ки дар ҳудуди Тоҷикистон бештар ба истихроҷи намак, ҳамчун маҳсулоти ниёзи аввал машғул буданд. Намак аз конҳо дар шакли намаки сангӣ ё аз чашмаҳои шӯр гирифта мешуд. Махсусан, конҳои калони намаки сангӣ дар минтақаҳои ҷанубу шарқии қаламрави Тоҷикистони ҳозира машҳур буданд. Ҳамин тавр, А. Галкин дар асари худ «Очерки мухтасари хонии Бухоро» менависад, ки дар ҳудуди Бухорои Шарқӣ намак ба миқдори кифоя на танҳо эҳтиёҷоти тамоми аҳолии хониро қонеъ мегардонд, балки хеле зиёд медод. Муаллиф дар охири асар ба тавсифи муфассали роҳҳои иртиботӣ аз Бухоро ба воситаи гузаргоҳи Самарқанд ба Қӯқанд, ҳамчунин аз Ӯротеппа ба воситаи Нов ба Хуҷанд ва Хӯқанд маълумот додааст. Тавассути ин роҳҳо дар байни хониҳои Осиёи Миёна, аз ҷумла бо вилоятҳои алоҳида муносибатҳои тиҷоратӣ ба роҳ монда мешуданд. Хуҷанд маркази асосии тиҷоратие буд, ки аз он ҷо корвонҳои Бухоро ва Қуканд мегузаштанд ва дар ин ҷо барои боркашонӣ закот ситонида мешуд. Ба ғайр аз аҳаммияти стратегиаш, он дар чорроҳае воқеъ буд, ки Фарғонаи бойро бо воҳаи Самарқанду Бухоро ва Тошканд мепайваст. Ба фикри муаллифони тоинқилобии рус, Ӯротеппа дар раванди савдо нақши калон мебозид, ки дар он деҳаҳо кучманчиён нону пахта, зардолу, мавиз, харбуза, тарбуз, чорво, пӯсти хом, пиёз, сабзӣ, матоъҳои абрешимию коғазӣ, газвор, чой, қанд, мӯза, галош, зин, ҷилав, маснуоти оҳану мис, сафол, тамоку, собун, намак, равғани растанӣ ва молҳои воридотӣ мехариданд. Хуллас, мубодилаи дохилии мол, ба молҳои косибӣ ва саноатӣ иваз кардани маҳсулоти деҳот ба амал омад. Шумораи бештари дӯконҳоро молҳои истеҳсоли маҳаллӣ, пеш аз ҳама меваҳо ангуру мавиз, зардолу, бодому чормағз, писта, анор, харбуза ва тарбуз ташкил медод. Барои содирот зардолую мавизро на аз бозор, балки дар деҳаҳо ҳангоми ҷамъоварии ҳосил мехариданд. Дуконҳои гӯштфурӯшӣ ҳар кадоме аз як то ду, дар як рӯз то

се рама мефурӯхтанд. Пас аз дуконҳои гӯшт, дуконҳои пахтаи хом маъмул буданд. Ба Тошканд бештар пахта содир карда мешуд. Дар ин радиф дуконҳои гандум, ҷав, арзан, пӯсти хом, намак, абрешим, пиёз, сабзӣ, тамоку низ фаъолият доштанд [19, с.12].

Аз маълумоти худи ҳамин муаллиф бармеояд, ки дар байни дуконҳое, ки дар онҳо ашёи хунармандии маҳаллӣ фурӯхта мешуд, дуконҳои пойафзолдузӣ ҷои аввалро ишғол кардаанд. Дар ҷойи дуюм нонвойхонаҳо буданд, ки дар як шабонарӯз то 50 ҳазор ё 1250 кулча мепухтанд. Дар бисёр дӯконҳо ҷавоҳироти гуногун фурӯхта мешуд, ки қисман аз Русия, Ҳиндустон, Эрон тавассути Бухоро оварда мешуд. Аз Хурамаи вилояти Тошканд шолӣ оварда мешуд, бинобар ин дар Ӯротеппа назар ба Тошканд қимматтар буд. Масалан, вақте, ки қӯшунҳои подшохӣ Ӯротеппаро забт карданд, дар он ҷо биринҷ 1 сум арзиш дошт. Он вакт дар Тошканд биринҷро 60 тин ва берун аз Чирчик 30-40 тин мефурӯхтанд. Бояд гуфт, ки Ю.Д. Южаков вазъи савдои шаҳри Уротеппаро хеле муфассал тавсиф намуда, ҷадвали нархҳои муқоисавии бозорҳои маҳаллии Ӯротеппа ва Тошкандро оварда, савдои маҳсулоти ватанӣ ва воридотро тавсиф мекунад. О.Б. Боқиев баъзе маълумотҳои омории муаллифро муболиғаомез донист, аз ин рӯ, бо маводди архивӣ муқоиса намудааст. Ба назари ӯ, маълумоти М.С. Бекчурин назар ба маълумоти Ю.Д. Южаков ба воқеият наздиктар аст [154, с.19].

Дар дӯконҳо асосан молҳои воридотӣ дар тамоми шаҳр ва дар ҳашт бозор гурӯҳбандӣ шуда буданд. Маҳсулоти асосии истеҳсолоти маҳаллӣ дар бозор чорвои калони шохдор, асосан гӯсфандоне, ки бодиянишинҳо қисман аз Урра мебурданд буданд. Ба ғайр аз шаҳрҳои Хуҷанд ва Ӯротеппа, дар чор деҳаи уезд Қистақуз, Нов, Гулакандоз ва Исмон 139 дукон мавҷуд буд, ки дар рӯзҳои махсуси бозор ҳафтае як маротиба савдо мекарданд. Умуман дар Хучанд нон намерасид ва ин камбудӣ аз вилояти Ӯротеппа ва хонигарии Куканд овардани ғалла бароварда буд. Воридоти нон аз мавсими сол ва баландии ҳосили маҳаллӣ вобаста буд.

Матоъҳои асосии содиротӣ аз Хуҷанд, Бухоро ва Самарқанд матоъҳои абрешимӣ ва нимабрешимӣ буданд. Умуман дар соли 1868 ба Бухоро ва Самарқанд ба маблағи 27200 сум мол фиристода шуд. Соли 1868 аз Самарқанду Бухоро ба Хуҷанд чой, шакар мурч, либосҳои коғазии рус, матоъи русӣ, риштаҳои коғазии англис барои истеҳсоли салла ва матоъҳои қоғазӣ оварда шуданд. Қолинҳои устоҳои туркманию каршӣ, молҳои гуногуни шоҳӣ ва ғайра. Аммо аз сабаби арзон буданаш дар Хуҷанд ва дар Хӯқанд гарон буданаш онро ба он ҷо фиристоданд. Дар асарҳои Л.Ф. Костенко дар бораи вазъияти савдои Осиёи Миёна, алалхусус, Хуҷанд бисёр маводдии гуногун мавҷуданд. Муаллиф баъзе молҳои англисиро номбар мекунад, ки бо онҳо дар солхои 60-ум моли русӣ рақобат карда натавонист. Ба ин маснуоти қоғазӣ, матоъҳои абрешимӣ, тунука ва чой дохил мешуданд. Дар натиҷаи ин ҳукумати Русия аз 22-юми апрели соли 1868 фармони барҳам додани хатти гумрукии Оренбург-Сибирро бароварда ба хониҳои Осиёи Миёна ва ҳудуди Туркистон, ки аз тарафи Русия ишғол шуда буд, овардани молҳои англисиро манъ кард. Ғайр аз ин, бо мақсади дар Осиёи Миёна инкишоф додани савдои рус 13 декабри соли 1863 ҳукумати Русия карор баровард, ки дар Туркистон бебоҷ истеъмол кардани чойи русӣ иҷозат дода шавад. Ба чойи аз хониҳои Осиёи Миёна овардашуда ба ғайр аз закот ба ҳаҷми боҷҳое, ки барои чойи кяхта муқаррар шудааст, андози махсуси вазн таъин кунанд. Аз Туркистон овардани ҳар гуна чойро манъ намуда, ба вазири молия супориш дода шуд, ки қоидаҳои савдои чойи Осиёи Миёнаи Русияро тартиб дода, тасдиқ кунад. Мо дар лоиҳаи маърузаи генерал-губернатори К.П. Гейер ва А.П. Шишов дар бораи савдои Хуҷанд бисёр маълумотҳои пурқимат пайдо мекунем. Аз ҳисоби истеҳсоли пахта аз соли 1870 сар карда, ба Русия ва ба бозорҳои савдои махаллӣ соле ба маблағи 50 ҳазор батман бароварда мешуд. Агар дар солҳои 1868-1869 ба бозори Хуҷанд ҳар сол зиёда аз 10-12 ҳазор пуд пилла оварда шуда бошад, пас дар соли 1880 танҳо аз 27 май то 18 июн дар бозори маҳаллӣ 28262 пуд пилла фурӯхта шуд, ки ба маблағи то 225 ҳазор сум буд. Маводдие, ки дар «Шарҳи вилояти Самарқанд» оварда шудаанд, дар бораи

инкишоф ва вусъати робитаҳои тиҷоратии вилояти Хуҷанд бо дигар шаҳрҳои Осиёи Миёна, ҳамчунин бо қисми аврупоии Русия ва Сибир нақл мекунанд. Аз ин маводди дида мешавад, ки сохтмони роҳи оҳан ба инкишофи савдои ноҳияҳои шимолии Тоҷикистон таъсири хеле калон расонд, ки бо кушода шудани он идораҳои нақлиётӣ ба фаъолияти худ шуруъ карданд. Ҷамъияти бародарон Каменский, Надежда, Кавказ ва Меркурий аз ҷумлаи онҳо буданд. Сохтмони роҳи оҳан на танҳо боиси вуҷуд омадани саноати махсуси калон ва инкишофи савдо дар шаҳрҳои Хуҷанд ва Ӯротеппа мусоидат кард, балки боиси боз ҳам ба таври намоён эҳёи тамоми роҳи оҳан гардид [154, с.19].

Профессор О.Б. Боқиев зикр намудааст, ки вазъи савдо дар ҳудуди болооби Зарафшон бори аввал дар мақолаю асарҳои иштирокчиёни экспедитсияи илмӣ-ҳарбии Искандаркӯл А.П. Федченко, А.Д. Гребенкин, П.А. Аминова, Е.Воронц инъикос гардид. Бар асоси маводде, ки дар мақола ва осори ин муаллифон мавҷуд аст, метавон гуфт, ки тиҷорат дар қаламрави кӯҳистон, яъне саргаҳи Зарафшон хеле суст аз худ карда шуда буд. Дар ҳудуди Кӯҳистон, ки 120 деҳа дорад, ягон бозоре набуд, ки набудани онро А.Д. Гребенкин бо нобаробарии деҳаҳо, душвории алоқаи байни онҳо, ба даст овардани молҳои саноатӣ алоқаманд мекунад. Вобастагии иқтисодии сокинони Кӯҳистон ба бозорҳои водӣ, ки дар он ҷо молҳои худро бомуваффакият мефурӯшанд ва хариди зарурӣ мекунанд. Баландкӯҳҳо бо миқдори кам молҳои худро ба бозорҳои ҳамсоя мебурданд. Баъзан тоҷирон аз водии Кӯҳистон барои харидани молҳои маҳаллӣ меомаданд, ҷавоҳироти занона, чой, қанд ва дигар молҳо меоварданд. Ба гуфтаи А. Д. Гребенкин, маҳсулоти содиротӣ аз Кӯҳистон меваи хушк, чормағз, бодом, писта, пӯсти гӯсфанд, пиёз, қаламфур, равған, ғалладона, гӯсфанд ва буз буданд. Ғайр аз ин ба миқдори кам маҳсулоти маҳиннах ва пашмин бароварда мешуд. Маҳсулоти асосии воридотӣ гандум, биринҷ, намак, чарм, пахта, адрас, шай, зин, ароба, маснуоти оҳанӣ ва чуянӣ, ҷавоҳироти занона, чой, доруворӣ, хӯрокҳои лазиз ва ғайра буданд. Нуқтаи асосии савдо дар ҳудуди Зарафшони

боло шаҳри Панҷикент буд. Аз тамоми деҳаҳои кӯҳсор ба бозорҳои он сокинон меомаданд. Ба ғайр аз ин, тоҷирони Панҷакент, Самарқанд ва Ҳиндустон дар Панҷакент корвонсаройи хурди худро доштанд. Ҳамин тавр, яке аз муаллифон навишта буд: «Панҷакент яке аз шаҳрҳои хеле муҳимми тоҷикон аст. Бозори он хеле серравшан аст. Самарқандиҳо барои харидани ашёи хоми гуногун меоянд, тоҷикон аз водиҳои кӯҳӣ осори худро барои фурӯш ба ин ҷо меоранд, ба ... қипчоқҳо меоранд. Аз ин рӯ, Панҷакент барои ноҳияҳои гирду атроф аҳаммияти зиёд дорад». Маълум шуд, ки шумораи харидорон тобистони соли 1872 дар бозорҳои Панҷакент ба 5 ҳазор нафар расид [131, с.121].

Маводди пурарзиши оморӣ ва фактӣ оид ба вазъи савдо дар қаламрави болооби Зарафшон ва бахусус дар шаҳри Панҷакент дар мақолаҳои Г. А. Арандаренко, ки дар матбуоти даврии гуногуни Русия чоп шудаанд, оварда шудааст. Чунон ки аз ин маводдҳо маълум мешавад, соли 1877 ба шаҳри Панҷакент 3 корвонсарой, ки дар онҳо 246 мағоза ва 7 саройи шаҳрӣ вуҷуд дошт. Дар онҳо нон ва дигар маҳсулоти хоҷагии қишлоқ фурӯхта мешуданд. Дар рӯзҳои бозор муомилоти солонаи он тақрибан 38 ҳазор сум буд. Дар бораи савдои худуди Зарафшони боло ва шаҳри Панҷакент баъзе маълумотҳо дар мақола ва асарҳои В.В. Радлов, П.С. Усов, В.В. Динин оварда шудаанд. Маълумоти П.С. Усов, ки ба ақидаи ӯ яке аз сабабҳои суст инкишоф ёфтани тиҷҷорат дар давраи хукмронии Бухоро дар ҳудуди водии Зарафшон зиёд будани андоз ва боҷҳои аз ғайрасосӣ буд, диққати махсус дорад. Баъди ба Русия ҳамроҳ шудани болооби Зарафшон, дар натиҷаи кам кардани андозҳо ва тараққӣ додани хоҷагии қишлоқ дар ҳудуди Кӯҳистон савдо аз нав барқарор гардид. Ин ақидаро дигар муаллифон ҳам баён мекунанд.

Дар бораи масъалаи роҳҳои алоқа бошад, онро иштирокчиёни экспедитсияи илмии ҳарбии Искандаркул А. П. Федченко, Е. Воронтс ва П. А. Аминов, ҳамчунин В. В. Радлов, капитанхо Багилдеев хеле муфассал кор карда баромадаанд. Мақолаҳо ва осори ин муаллифон барои омӯзиши таърихи

муносибатҳои тиҷоратӣ дар қаламрави Кӯҳистон аҳаммияти калон доранд. Онҳо ба мо имкон медиҳанд, ки бо кадом шаҳру ноҳияҳо робитаи тиҷоратӣ доштаанд, ки сокинони болооби Зарафшон аз кадом ағбаҳои кӯҳӣ роҳҳои тиҷоратӣ мегузаштанд, ҳангоми савдо бо мулкҳои ҳамсоя ба чӣ душвориҳо дучор шуданд, ҳамчунин аз дараҷаи муомилоти молӣ шаҳодат медиҳанд. Ҳангоми омӯхтани маводди адабиёти таърихии тоинқилобии рус маълум мешавад, ки ин гуна муомилоти пурҷушу хурӯши тиҷоратӣ, монанди шимоли Тоҷикистон дар ноҳияҳои ҷанубу шарқии Тоҷикистон мушоҳида карда нашудааст. Ноҳияҳои ҷанубу шарқӣ, хусусан кӯҳсор дар тараққиёти савдо ақиб мемонданд. Сабабҳои асосии суст инкишоф ёфтани савдо дар ноҳияҳои кӯҳсор инҳо буданд: аз ҷиҳати географӣ, парокандагии деҳаҳо, набудани алоқаи хуби байни навоҳии алоҳида, суст инкишоф ёфтани муносибатҳои молию пулӣ. Аммо, сарфи назар аз сабабҳои дар боло зикршуда, ки бешубҳа ба инкишофи муносибатхои тиҷоратӣ таъсири манфӣ мерасонд, бисёр ноҳияҳо бозорҳои доимии худро доштанд, ки аз ҷойҳои гуногун барои хариду фурӯши молҳои гуногун савдогарон меомаданд ва мавҷудияти бозорҳои доимӣ алакай дар бораи инкишофи муносибатҳои молию пулӣ дар дохили кишвар шаҳодат медиҳад. Аввалин маълумотро дар бораи савдои ноҳияҳои ҷанубу шарқии ҳудуди Тоҷикистон дар асари Н. А. Маев «Очерки географии бекигариҳои Ҳисор ва Кӯлоб пешниҳод намудааст. Аз маълумоти ӯ бармеояд, ки дар бекигарии Ҳисор, Кӯлоб ва Балҷувон ҳар гуна маҳсулоти зироаткорӣ ва боғдорӣ вуҷуд доштааст. Аммо аз сабаби он ки ба бекҳо ба ноҳияҳои Осиёи Миёна кашондани маҳсулот хеле гарон буд, аз ин рӯ, асосан аз Ҳисор, Душанбе, Кӯлоб ва Балҷувон нону зағир, рама ва кисман намаки сангин бароварда мешуд [19, с.11-13].

Дар бораи воситаҳо Н.А. Маев хабар медиҳад, ки дар тамоми вилояти Ҳисор роҳи чархдор вуҷуд надошт ва аз бекҳои Ҳисор ва Кӯлоб ба Қаршиву Бухоро бо шутуру хар ва асп бор мебурданд. Фикри Н. А. Маевро капитан Матвев, ки дар ибтидои соли 1877 сафар карда буд, дастгирӣ мекунад. Дар

ҳудуди Бухорои Шарқӣ кишоварзӣ на танҳо асоси истеҳсолот буд, балки барои тиҷорати дохилӣ ва хориҷӣ ашёи хом таъмин мекард.

Вазъияти савдо дар қаламрави мулкҳои Қаротегину Дарвоз дар мақолаҳои Г. А. Арандаренко, В. Ф. Ошанин, капитанҳо Покотило ва Весильев инъикос ёфтааст. Ба ақидаи муаллифони мазкур, инкишофи муносибатҳои молию пулӣ дар ин минтақаҳо, ки заминҳои ҷуғрофӣ таъсир ба рушди савдо ақиб мемонд. Ба гуфтаи Г. А. Арандаренко, қаротегинҳо дар бораи ченакҳои дарозӣ тасаввуроте надоштанд, дӯкону корвонсаройҳо вуҷуд надоштанд, пул надоштанд, асосан мубодилаи ғайритабиӣ ҳукмрон буд. А. Арандаренко тазаккур додааст, ки дар бекигарии Қаротегин савдо инкишоф ёфта, савдои дохилӣ дар бозорҳои шаҳри Ғарм ба роҳ монда шуда, аҳолӣ дар бозорҳо асп, чорвои калону хурд, гандум, ҷав ва дигар маҳсулоти маҳаллӣ савдо мекарданд. Аксарияти ин молҳо ба ивази чорвои калон фурӯхта мешуданд, пусти хирсу паланг, рӯбоҳ, сусар, сувор, сухар, моли воридотӣ назар ба арзиши аслиашон се баробар қимат буд.

Г.А. Арандаренко дар очерки «Дарвоз ва Қаротегин» молҳои сершумори савдоро номбар намуда, дар бораи нархи ин молҳо, ки тобистони соли 1882 дар Ғарму Дарвоз ба фурӯш рафта буданд, маълумот медиҳад [131, с.123].

В.Ф. Ошанин ва капитан Васильев дар бораи муносибатҳои тиҷории бекҳои Дарвозу Қаротегин ва мулкҳои ҳамсоя маълумоти зиёд медиҳанд, Ҳарчанд аксари маҳсулоти ниёзи зиндагиро мардуми Қаротегин дар ҳамон ҷо ба даст меоранд, – навиштааст В. Ф. Ошанин, – «бе баъзе ашёи воридшаванда, ки дар байни онҳо пахта ва оҳан ҷойи якумро ишғол мекунанд, кор карда наметавонанд, аз вилояти Фарғона ва Дарвоз пахтаю матоъ, оҳан, асосан аз Дарвоз оварда мешуданд.

Дар хусуси Дарвоз бошад, ба гуфтаи В. Ф. Ошанин соли 1878 дар ҳудуди он ягон бозор набуд, дар байни сокинони маҳаллӣ ва тоҷирони меҳмонӣ ҳамагӣ чанд қалъа моли табодули мол сурат мегирифт. Ба ғайр аз пахта, оҳан ва тилло низ ҳамчун ашёи содиротӣ хизмат мекарданд. Маводди оид ба савдои ноҳияҳои

ҷанубу шарқии ҳудуди Тоҷикистон низ дар мақолаҳо ва асарҳои минбаъдаи муаллифони тоинқилобии рус: А. А. Семёнов, А. Губаревич-Радобылский Д. Н. Логофет, Р. Ю. Шишова, Тимофеич ва ғ. Маълумоти ин муаллифон асосан ба охири асри X1X ва ибтидои асри XX дахл дорад, вале бо назардошти он, ки дар ин муддати кутоҳ дар инкишофи Э. равобити тичоратии ноҳияҳои ҷануби шарқии Тоҷикистон, ин маводдҳо то андозае вазъи савдои солҳои пешинро инъикос мекунанд ва истифодаи онҳо барои омӯзиши савдои давраи таҳқиқшаванда аҳаммияти муайяне дорад. Аз ҷумла, дар бораи муносибатҳои савдои берунии Тоҷикистон, ки дар асарҳои муаллифони пештара набуданд, маълумоти нав медиҳанд [131, с.119].

О. Б. Боқиев тазаккур додааст, ки барои Осиёи Миёна солҳои 80-90-и асри XIX асосан солҳои бавуҷудоӣ ва инкишофи соҳаҳои гуногуни саноат ба ҳисоб меравад. Зеро, мувофиқи баъзе маълумотҳо то соли 1880 дар кишвари Туркистон ҳамагӣ 21 корхонаи саноатӣ вуҷуд доштаасту халос. Аз он ҷумла: 1 заводи пахтатозакунӣ, 2 заводи пӯст, 1 заводи собунпазӣ, 1 матбаа, 4 заводи вино, 1 заводи пивопазӣ, 5 заводи спирттозакунӣ, 1 корхонаи пиллахушккунӣ, 1 заводи биринҷтозакунӣ ва ғайра амал мекардаанд [13, с.7-14].

Дар ин давр гумоштагони рафоқатҳою ширкатҳои марказӣ пахтаи аз Осиёи Миёна ҳаридаашонро ба шаҳрҳои марказӣ, аз он ҷумла Москва ва атрофи он фиристода, дар ҳамон ҷо онро аз пунбааш (пундонааш) тоза мекарданд, ки ин барояшон хело гаронӣ мекард. Бинобар ин минбаъд, яъне аз солҳои 80-уми асри XIX бо ташаббуси он ширкатҳо дар маҳалҳои гуногуни пахтакорӣ (бештар дар назди деҳаҳо) заводҳои пахтатозакунӣ сохта шуданд. Дар аввал барои ҳаракати он заводҳо қувваи гов ё асп истифода мешуд. Минбаъд онҳоро ба қувваи механикӣ иваз карданд.

Заводҳои пахтатозакунӣ ба соҳибонашон даромади зиёди бедардимиён медоданд. Зеро, онҳо пахтаро аз деҳқонон бо нархи нисбатан арзон ҳарида, онро дар заводи худ тоза намуда (яъне нахашро аз пунбааш ҷудо намуда), нахашро бо

нархи дучанд ба корҳонаҳои бофандагӣ мефурӯхтанд. Аз ҳамин сабаб ҳам шумораи заводҳои пахтатозакунӣ дар Осиёи Миёна аз аввали солҳои 80-уми асри XIX сар карда бо суръати тез меафзуд ва дар соли 1914 то ба 378 адад расид, ки аз он 338 завод фақат дар кишвари Туркистон (аз ҷумла танҳо дар вилояти Фарғона – 240 завод), дар аморати Бухоро – 29 завод ва дар хонии Хева – 11 завод чой гирифта буд [10, с.15].

Сохтмони заводҳои пахтатозакунӣ минбаъд ҳам идома ёфт. Аз он ҷумла, соли 1916 дар Саройи Камар (шаҳрчаи Панҷи ҳозира) ягона дар Бухорои Шарқӣ заводи пахтатозакунӣ сохта шуд, ки он то баркароршавии Ҳукумати Шӯравӣ фаъолият мекард. Он завод ба ширкати Бухорои Шарқӣ тааллуқ дошт.

Дар аввал пунбаро (ё худ пундонаро) аз пахта (ё худ ғӯза) ҷудо карда, онро бештар ба ҷойи сузишворӣ истифода мебурданд. Яъне қисми бузурги пунба-ҳамчун ашёи хом бе ягон фоида нобуд мешуд. Бо мақсади истифодаи ин ашё ва аз он гирифтани равған аз аввали солҳои 90-уми асри XIX, боз бо ташаббуси ширкатҳо ва тоҷирон заводҳои равғанкашӣ сохта ба истифода дода шуданд, ки шумораи онҳо соли 1914 ба 29 адад расид [154, с.17].

Ҳамин тавр, профессор О.Б. Боқиев дар осораш дар такя ба маълумоти муаррихони рус вазъи соҳаи саноатро дар манотиқи тоҷикинишин мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст. Муаррих забти манотиқи тоҷикнишинро аз ҷониби Русияи подшоҳӣ яке аз омилҳои таҳавуллот дар низоми иқтисодӣ бо назардошти пайдоиш ва рушди корхонаҳои саноатӣ номидааст. Воридшавии капитализми русӣ ба минтақа боиси ба вуҷуд омадани унсурҳои капитализм дар сарзаминҳои тоҷикнишин гардид, ки аз ҳама муҳимаш корхонаҳои саноатӣ буд. Новобоста аз он ки корхонаҳои саноатӣ аксаран маҳсулоти нимтайёр истеҳсол мекарданд, вале ин заминаи муҳим баҳри рушди саноат гардид. Дар заминаи саноат синфи коргари маҳаллӣ ташаккул ёфт. Дар охири асри XIX дар минтақаҳои шимолии Тоҷикистон, ки ба Русия шомил мешуданд як қатор корхонаҳои саноатӣ сохта ба истифода дода шуд, ки заминаи ташаккули

тафаккури буржуазиро гузошт. Дар маҷмуъ, аз лиҳози ворид гардидани унсурҳои буржузӣ забти минтақаро аз ҷониби Русияи подшоҳӣ профессор О. Б. Боқиев як ҳодисаи прогрессивӣ номидааст.

# БОБИ 3. БОЗТОБИ МАСЪАЛАИ ЗАБТИ ҲУДУДҲОИ ТОҶИКИСТОНИ ШИМОЛӢ ВА ПОМИР АЗ ТАРАФИ РУСИЯИ ПОДШОҲӢ ДАР ТАҲҚИҚОТИ ПРОФЕССОР О.Б. БОҚИЕВ

## 3.1. Бозтоби раванди забти ҳудудҳои Тоҷикистони шимолӣ аз тарафи Русияи подшоҳӣ дар таҳқиқоти профессор О.Б. Боқиев

Дар раванди омӯзиши дигар ҷанбаҳои таърихи Осиёи Миёна, масъалаи забт ва ҳамроҳ кардани он ба Русия дар адабиёти тоинқилобии рус ба таври васеъ инъикос ёфтааст. Масъалаи ҳаракати дастаҳои ҳарбии рус ба Осиёи Миёна, фикру назарҳои гуногун оид ба сабабҳои асосии он, рақобати Англия ва Русия барои тақвияти нуфуз дар Осиёи Миёна, шаклгирии маъмурияти мустамликавӣ ва моҳияту мақсадҳои асосии он дар осори муҳаққиқон, сайёҳон, ҳарбиён ва маъмурони мустамликавӣ ҷойгоҳи хос дорад.

Бояд зикр кард, ки масъалаи забт ва ҳамроҳ шудани сарзамини Осиёи Миёна, аз ҷумла ҳудудҳои муосири Тоҷикистон аз тарафи Русияи подшоҳӣ дорои пойгоҳи васеи сарчашмавӣ ва омӯзишӣ буда, дар таърихнигории тоинқилобии рус, таърихнигории шуравӣ ва пасошуравии кишварҳои Осиёи Миёна аз масоили мубрам ва ҳамзамон пурихтилофи таърихи замони нав ба шумор меравад. Муҳаққиқон ва муаррихон масъалаи мазкурро аз мавқеъ ва дидгоҳҳои гуногун мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор дода, доир ба он осори фаровоне таълиф намудаанд. Бахусус, масъалаи мазкур дар таърихнигории аҳди шуравӣ мавқеи хосро доро буда, муҳаққиқон ва муаррихони ватанӣ низ дар таҳқиқу омӯзиши он саҳми арзанда гузоштаанд.

Профессор О. Боқиев нахустин шуда ба омӯзиш ва инъикоси масъалаи забти ҳудудҳои Тоҷикистони шимолӣ аз ҷониби Русияи подшоҳӣ пардохта, оиди он осори гаронмояе ба мерос гузоштааст, ки аҳаммияти хоси илмии худро то ба имрӯз нигоҳ доштааст. Ӯ маводди гуногунмазмуни таърихнигории

тоинқилобии рус – осори муаллифон, асарҳои муаррихон ва шарқшиносон, очерк, мақолаҳо ва ёддоштҳои муҳаққиқон, саёҳон, ҳарбиён, ҷосусон, гузоришоти шахсони маъмуриву ҳарбӣ, нигоштаҳо ва қайдҳои иштирокчиёни ҳодисаву воқеаҳо, ҷангҳо, дастурҳои сиёсиву идории ҳукумати подшоҳӣ ва маъмурияти мустамликавӣ ва ниҳоят мактубу муроҷиатҳои сокинони маҳаллиро мавриди истифода қарор додааст. Маълумот ва маводи мавҷударо мӯшикофона таҳлил ва муқоиса намуда, дар асоси бархӯрди интиқодӣ оиди масъалаҳои мавриди назараш хулосабарорӣ намудааст.

Масъалаи забт ва ҳамроҳ гардидани ҳудудҳои Тоҷикистони муосир аз тарафи қушунҳои Русияи подшоҳӣ дар таҳқиқоти профессор О. Боқиев ҷойгоҳи хос дошта, ҳанӯз аз нимаи дуввуми солҳои 60-уми асри гузашта дар маркази диққати ӯ қарор дошт. Дар рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ, моногарфияҳои илмӣ, мақолаҳои сершумор, баромаду маърӯза ва гузоришҳои илмии профессор О. Боқиев низ масъалаи мазкур ҷойгоҳи асосиро ишғол мекунад. Боиси зикр аст, ки соли 1994 О. Боқиев омӯзиш, таҳқиқот ва сайъу талоши босамари бисёрсолаи худро оиди ин мавзуъ дар шакли монографияи алоҳида ба нашр расонидааст, ки асари арзишманд ва боаҳамияти илмию таърихӣ доир ба мавзӯи зикршуда ба шумор меравад [63, с.74].

Бинобар ин, осори таърихию таърихнигории профессор О. Боқиев, ки дар асоси манбаъ ва сарчашмаҳои дасти аввал ва мӯътамади таърихнигории тоинқилобии рус таълиф гардидааст, манзараи комилан нави ҳодисаҳо ва воқеаҳои таърихии ҳудудҳои муосири Тоҷикистонро дар робита бо забт гардидани он аз тарафи қӯшунҳои Русияи подшоҳӣ дар пешорӯи мо қарор дода, ҳамзамон барои дарку маърифати илмии он мусоидат менамояд [74, с.73].

Ҳамзамон бояд ёддовар гардид, ки дар бештари маврид ангезаҳои ғоявӣ, мулоҳизоти сиёсӣ ва қолабҳои фикрии ҳукмрони илму сиёсат то солҳои 60-уми асри гузашта барои ба таври объективӣ ва беғараз нишон додани сабабҳои

асосӣ, мақсад, рафт ва натиҷаву паёмадҳои мусбат ва манфии забт шудани Осиёи Миёна аз тарафи Русияи подшоҳӣ монеаи ҷиддӣ ба шумор мерафтанд.

Дар робита бо ин, профессор О. Боқиев қабл аз пардохтан ба омӯзиши масъалаи забт шудани Осиёи Миёна, ва бахусус ҳудудҳои муосири Тоҷикистони шимолӣ аз тарафи Русияи подшоҳӣ, фикру андешаҳо ва ақидаҳои ҳукмрони доираҳои сиёсиву ҳарбии русро оиди масъалаи мазкур мавриди таҳлил ва баррассии ҳаматарафа қарор додааст. Ҳамчунин, маълумот ва мазмуни маводди бойгонӣ, гузоришҳои маъмурон ва шахсони масъули ҳарбию сиёсӣ, асарҳо, очеркҳо, мақолаҳо ва ёддоштҳои муаллифон ва матбуоти даврии тоинқилобии русро дар бобати мақсадҳо ва ангезаҳои асосии сиёсиву геополитикӣ ва иқтисодиву ҳарбии забт гардидани сарзамини Осиёи Миёна дар умум ва ҳудудҳои Тоҷикистон дар алоҳидагӣ муфассал таҳлил ва муқоиса намудааст.

Аз таҳлил ва муқоисаи мавод ва маълумоти мавҷуда, ки ба масъалаи зикршуда марбутанд, О. Боқиев ба хулосае омадааст, ки дар умум муаллифони тоинқилобии рус омилҳо ва сабабҳои ҷуғрофӣ, тамаддунӣ-фарҳангӣ, этнографӣ, сиёсӣ ва ҳарбию иқтисодии забт шудани Осиёи Миёнаро аз тарафи Русияи подшоҳӣ ёддовар шуда, ҳамзамон тарафдорӣ ва тарғиб намудаанд [63, с. 17].

Профессор О.Б. Боқиев дар баробари дигар муаррихони варзидаи ватанӣ нахустин шуда ба омӯзиш ва инъикоси масъалаи мазкур дар адабиёти тоинқилобии рус пардохта, оид ба он осори гаронмояе ба мерос гузоштааст, ки аҳаммияти хосси илмии худро то ба имрӯз нигоҳ доштааст [6; 7; 12; 13; 18; 19; 20; 22; 31; 38; 43; 47; 63; 65; 130; 154; 155]. Ӯ маводди гуногунмазмуни таърихнигории тоинқилобии рус – осори муаллифон, асарҳои муаррихон ва шарқшиносон, очерк, мақолаҳо ва ёддоштҳои муҳаққиқон, сайёҳон, ҳарбиён, ҷосусон, гузоришоти шахсони маъмуриву ҳарбӣ, нигоштаҳо ва қайдҳои иштирокчиёни ҳодисаву воқеаҳо, ҷангҳо, дастурҳои сиёсиву идории ҳукумати подшоҳӣ ва маъмурияти мустамликавӣ ва ниҳоят мактубу муроҷиатҳои

сокинони маҳаллиро мавриди истифода қарор додааст. Маълумот ва маводди мавҷударо мӯшикофона таҳлил ва муқоиса намуда, дар асоси бархӯрди интиқодӣ оид ба масъалаҳои мавриди назараш хулосабарорӣ намудааст.

Масъалаи забт ва ҳамроҳ гардидани ҳудудҳои Тоҷикистони муосир аз тарафи қушунҳои Русияи подшоҳӣ дар таҳқиқоти профессор О.Б. Боқиев ҷойгоҳи хос дошта, ҳанӯз аз нимаи дуюми солҳои 60-уми асри гузашта дар маркази диққати ӯ қарор дошт. Солҳои 70-80-уми асри XIX марҳилаи дигари авҷ гирифтани фаъолияти Русияи подшоҳӣ дар Осиёи Миёна ба шумор меравад. Ҳамзамон амалиёти фаъолона ва гунонгунҷанбаи Русия дар заминҳои забтшуда ва минтақаҳои ҳамҷавор зарурати тавҷеҳ додани амалиёти ҳукумати подшоҳиро дар матбуоти дохилӣ ва инчунин ҷомеаи ҷаҳонӣ ба вуҷуд оварда буд. Шиносоӣ бо осори профессор О. Боқиев нишон медиҳад, ки дар баробари чеҳраҳои расмӣ ва доираҳои ҳукмрони Русияи подшоҳӣ, муаллифон ва таърихнигорони тоинқилобӣ, ҳамчунин матбуоти даврии расмӣ низ тавсеаи ҳарбию сиёсии Русияро ба Осиёи Миёна ҳамаҷониба ташвиқ ва ҷонибдорӣ мекарданд [13, с.7].

Дар рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ, моногарфияҳои илмӣ, мақолаҳои сершумор, баромаду маъруза ва гузоришҳои илмии профессор О.Б. Боқиев низ масъалаи мазкур ҷойгоҳи асосиро ишғол мекунад. Боиси зикр аст, ки соли 1994 О.Б. Боқиев омӯзиш, таҳқиқот ва сайъу талоши босамари бисёрсолаи худро оид ба ин мавзуъ дар шакли монографияи алоҳида ба нашр расонидааст, ки асари арзишманд ва боаҳаммияти илмию таърихӣ доир ба мавзуи зикршуда ба шумор меравад [63, с.272].

Бинобар ин, осори таърихию таърихнигории профессор О. Боқиев, ки дар асоси манбаъ ва сарчашмаҳои дасти аввал ва муътамади таърихнигории тоинқилобии рус таълиф гардидааст, манзараи комилан нави ҳодисаҳо ва воқеаҳои таърихии ҳудудҳои муосири Тоҷикистонро дар робита бо забт гардидани он аз тарафи қушунҳои Русияи подшоҳӣ дар пешорӯи мо қарор дода, ҳамзамон барои дарку маърифати илмии он мусоидат менамояд.

Дар робита бо ин, профессор О.Б. Боқиев қабл аз пардохтан ба омӯзиши масъалаи забт шудани Осиёи Миёна ва бахусус ҳудудҳои муосири Тоҷикистони шимолӣ аз тарафи Русияи подшоҳӣ, фикру андешаҳо ва ақидаҳои ҳукмрони доираҳои сиёсиву ҳарбии русро оид ба масъалаи мазкур мавриди таҳлил ва баррасии ҳаматарафа қарор додааст. Инчунин маълумот ва мазмуни маводдии архивӣ, гузоришҳои маъмурон ва шахсони масъули ҳарбию сиёсӣ, асарҳо, очеркҳо, мақолаҳо ва ёддоштҳои муаллифон ва матбуоти даврии тоинқилобии русро дар бобати мақсадҳо ва ангезаҳои асосии сиёсиву геополитикӣ ва иқтисодиву ҳарбии забт гардидани сарзамини Осиёи Миёна дар умум ва ҳудудҳои Тоҷикистон дар алоҳидагӣ муфассал таҳлил ва муқоиса намудааст.

Аз таҳлил ва муқоисаи мавод ва маълумоти мавҷуда, ки ба масъалаи зикршуда марбутанд, О.Б. Боқиев ба хулосае омадааст, ки дар умум муаллифони тоинқилобии рус омилҳо ва сабабҳои ҷуғрофӣ, тамаддунӣ-фарҳангӣ, этнографӣ, сиёсӣ ва ҳарбию иқтисодии забт шудани Осиёи Миёнаро аз тарафи Русияи подшоҳӣ ёддовар шуда, ҳамзамон тарафдорӣ ва тарғиб намудаанд [63, с.17].

Солҳои 70-80-уми асри XIX марҳилаи дигари авҷ гирифтани фаъолияти Русияи подшоҳӣ дар Осиёи Миёна ба шумор меравад. Ҳамзамон амалиёти фаъолона ва гунонгунҷанбаи Русия дар заминҳои забтшуда ва минтақаҳои ҳамҷавор зарурати тавҷеҳ додани амалиёти ҳукумати подшоҳиро дар матбуоти дохилӣ ва инчунин ҷомеаи ҷаҳонӣ ба вуҷуд оварда буд. Шиносоӣ бо осори профессор О.Б. Боқиев нишон медиҳад, ки дар баробари чеҳраҳои расмӣ ва доираҳои ҳукмрони Русияи подшоҳӣ, муаллифон ва таърихнигорони тоинқилобӣ, ҳамчунин матбуоти даврии расмӣ низ тавсеаи ҳарбию сиёсии Русияро ба Осиёи Миёна ҳамаҷониба ташвиқ ва ҷонибдорӣ мекарданд [13, с.7-14].

Нуқтаи назар ва андешаҳои ҳукмрони таърихнигории тоинқилобии русро мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода, О.Б. Боқиев менависад, ки онҳоро

метавон шартан ба ду гурӯҳ тақсим кард. Гурӯҳи аввал омилҳои беруниро ҳамчун сабаб ва ангезаи асосии ба Осиёи Миёна лашкар кашидани Русияи подшоҳӣ ба қалам додаанд. Мувофиқи андешаи онҳо, зарурати таъмини бехатарии сарҳадҳои ҷанубии Русия аз ҳуҷумҳои пайвастаи хонигарии Қуқанд яке аз сабабҳои асосии ҳаракати лашкари ҳукумати подшоҳӣ ба сӯи Осиёи Миёна ба шумор меравад. Гурӯҳи дигар амалҳои Русияро дар Осиёи Миёна бо истифода аз мафҳуми дар он давра машҳури «ҳуқуқи табиӣ» рӯпӯш мекарданд, ки мувофиқи он Русияи подшоҳӣ мебоист рисолати хоси маданию фарҳангиро дар нисбати мардумон ва кишварҳои Осиёи Миёна иҷро намояд [63, с.23]. Илова бар ин, қисми дигаре забт шудани ҳудуди Осиёи Миёна аз тарафи Русияи подшоҳиро ҳамчун амри ногузир ва ҳатмии таърихӣ мансуб донистаанд.

Вале профессор О.Б. Боқиев бо истифодаи методологияи илмии таҳқиқоти таърихӣ, таҳлили таърихнигорӣ, равиши интиқодӣ нуқтаи назарҳои мавҷударо накд карда, носозгор будани онҳоро ба воқеияти таърихӣ илман исбот намудааст. Бо истифодаи таҳлил, санҷишу муқоиса ва далелҳои инкорнопазир моҳият ва мақсад, хусусият ва натиҷаву пайомадҳои асосии сиёсати забткорона ва тавсеаталабонаи ҳукумати Русияи подшоҳиро дар Осиёи Миёна нишон додааст. Бо назардошти вазъияти умумии сиёсӣ, замон ва шаклу усулҳои забт ва ҳамроҳ кардани ҳудудҳои муосири Тоҷикистон аз тарафи Русия профессор О.Б. Боқиев онҳоро ба ду гурӯҳ тақсим намудааст: ноҳияҳои Тоҷикистони шимолӣ (Хуҷанд, Нов, Уротеппа, Ғончӣ, Панҷакент ва болооби дарёи Зарафшон, Ашт, Исфара, Конибодом) ва кӯҳсори Помир [19, с.11-13].

Ҳамон тавре маълум аст, 8-уми майи соли 1866 нахустин бархӯрди қушунҳои Русияи подшоҳӣ бо аморати Бухоро дар Ирҷор дар ҳудудҳои шимолии Тоҷикистони муосир ба амал омадааст, ки дар натиҷаи он лашкари амирӣ шикаст мехӯрад. Бояд зикр кард, ки муҳорибаи Ирҷор ба рафти минбаъдаи забткориҳои лашкари Русияи подшоҳӣ дар Осиёи Миёна таъсири

ҳалкунанда расонд. Пас аз он генерал-майор Романовский ҷиддан ба забти шаҳрҳо ва мулкҳои дигари аморати Бухоро омода гардид [112, с.167].

Профессор О.Б. Боқиев дар асоси маълумоти мақолаи Н. С. Ликошин ва яке аз иштирокдорони муҳорибаи Ирҷор – Абдураҳмон Ултабой, навкари беки Ӯротеппа зикр менамояд, ки мухолифати байни фармондеҳони лашкари амир ва норозиигии навкарон аз сабабҳои асосии шикасти лашкари аморати Бухоро дар Ирҷор будаанд. Илова бар ин, набудани фармондеҳӣ ва нақшаи ягонаи ҷангӣ шикасти онҳоро ба як амри ногузир табдил дода буд [63, с.67].

Пас аз муҳорибаи Ирҷор шаҳри Хуҷанд яке аз нуқтаҳои муҳим дар масири ҳаракати дастаҳои ҳарбии рус буд, ки ишғоли он аҳаммияти фавқуллода дошт, зеро он аморати Бухоро ва хонигарии Қуқандро аз ҳам ҷудо намуда, ҳамзамон барои ҳуҷум ба ҳар ду самт дар мавқеи мувофиқ қарор дошт. Сабабҳои забти Хуҷанд, мудофиаи сокинон ва ишғоли шаҳри Хуҷанд дар мақолаҳои сершумори муаллифони тоинқилобии рус, ёддоштҳои иштирокдорон ва гузоришҳои фармондеҳони рус инъикос ёфтааст. Мавриди зикр аст, ки нисбат ба дигар шаҳрҳои аморати Бухоро ва умуман Осиёи Миёна шаҳри Хуҷанд дорои истеҳкоми муҳофизатии устувор будааст, ки дар осори муҳаққиқони дигар низ зикр карда шудааast [142, с.43].

Профессор О.Б. Боқиев қайд намудаст, ки бо вуҷуди муборизаи ҷонсупоронаи аҳолии Хуҷанд пас аз чор рӯзи мудофиа ниҳоят шаҳр 24-уми майи соли 1866 аз ҷониби лашкари Русияи подшоҳӣ ишғол карда мешавад ва дар натиҷаи он зиёда аз дувуним ҳазор нафар аз мардуми шаҳр талаф ёфтанд. Ба маълумоти мақолаи «Взятие Ходжента» ва гузоришҳои генерал-майор Романовский такя намуда, ӯ оид ба муборизаи қаҳрамононаи аҳолии шаҳри Хуҷанд менависад, ки дастаҳои ҳарбии рус дар кӯчаҳои шаҳр ба муқобилияти шаддиди сокинони он дучор омаданд, ки дар ягон муҳориба вохӯрда набуданд. Генерал-майор Романовский дар гузориши худ навиштааст, ки фирори сарбозони аморати Бухоро, набудани нақшаи ягонаи мудофиа ва камбудии

яроқи артиллерӣ забти шаҳри Хуҷандро осон кардааст [155, с.61]. Ӯ инчунин зикр намудааст, ки деворҳои мустаҳкам ва рӯҳияи шикастнопазири сокинони шаҳри Хуҷанд забти онро мушкил гардонда, барои муҳосираи он хароҷоти зиёдеро тақозо мекард.

Баъд аз забти Хуҷанд амири Бухоро маҷбур гардид, ки ҳайати сафоратро бо туҳфаҳои гаронбаҳо ба хотири имзои сулҳ ба Тошканд равон кунад. Дар ин робита О.Б. Боқиев қайд менамояд, ки пас аз пазируфтани сафорат аз тарафи генерал Романовский муносибати муътадили байни аморати Бухоро ва Русия то моҳи августи соли 1866 идома меёбад [63, с.78]. Вале ин муносибат дар натиҷаи ба Тошканд ташриф овардани генерал-губернатори Оренбург генерал-адютант Крижановский вайрон гардид, зеро таъсиси сохтори маъмурии мустамликавӣ ва таҳияи нақшаи ояндаи забти заминҳои Осиёи Миёна аз мақсадҳои асосии ӯ ба шумор мерафт.

Аз шаҳри Тошканд қушунҳои рус бо фармони генерал Крижановский ба хотири ишғоли Намангон ва Хӯқанд ба тарафи Хуҷанд раҳсипор гардиданд. Баъди омадани ӯ ба Хуҷанд сафорати амири Бухороро пазируфта, шартҳо ва талаботи асосиро ба намояндагони амир пешниҳод намуд [28, с.12-13]. 13-уми сентябри соли 1866 ба сафири Бухоро хабар дод, ки дар сурати напардохтани товони ҷанг лашкари Русия ба тарафи сарҳадҳои Бухоро ҳаракат хоҳад кард. Дар ҳақиқат 20-уми сентябр дастаи ҳарбиёни рус бо фармони генерал Романовский аз Хуҷанд баромада аллаккай 23-уми сентябр дар марзҳои Бухоро қарор гирифтанд [63, с.82].

Маълумоти мақолаҳои муаллифони тоинқилобӣ ва гузоришҳои ҳарбиёни русро таҳлил намуда, профессор О.Б. Боқиев қайд намудааст, ки 28-уми сентябр ишғоли маҳаллҳои атрофи Ӯротеппа ба анҷом расида, 2-юми октябр худи шаҳр пас аз муҳосираи ҳаштрӯза забт карда мешавад. Муҳофизони шаҳр зиёда аз 2000 нафар ва лашкари русҳо 117 нафарро талаф доданд. Ӯ аз омӯзиш ва муқоисаи маводди ба ин масъала рабтдошта ба хулосае омадааст, ки мақсади

асосии ҳукумати Русияи подшоҳӣ ва ҳарбиёни он забти заминҳои нав, васеъ кардани ҳудудҳои вилояти Туркистон ва заиф кардани мавқеи Бухоро ва Қуқанд ба шумор мерафт. Аз минтақаҳои шимоли Тоҷикистон нахустин шуда шаҳрҳои Хуҷанду Ӯротеппа ва атрофи онҳо дар натиҷаи муборизаи ҷонсупоронаи сокинони он аз тарафи Русияи подшоҳӣ бо роҳи ҳарбӣ забт карда шуданд. Ноҳияи Нов ва атрофи он бошад бе ягон муқобилият пас аз фирори муҳофизони он аз тарафи дастаҳои ҳарбии рус ишғол гардиданд [155, с.65].

Пас аз забти минтақаҳои зикршуда барои муддате амалиёти ҳарбӣ дар байни аморати Бухоро ва Русияи подшоҳӣ қатъ гардиданд. Моҳи майи соли 1867 амири Бухоро барои имзои сулҳ ва баргардондани Ӯротеппа ва Ҷиззах сафорати худро ба Оренбург фиристод. Сафири Бухоро Мӯсобек аз генерал-губернатори вилояти Оренбург генерал-адютант Крижановский талаб кард, сарҳади байни ду давлат тавассути соҳили чапи дарёи Сир муқаррар карда шавад [55, с.83]. 14-уми сентябр лоиҳаи сулҳ бо тасдиқи ҳукумати подшоҳӣ ба сафорати амири Бухоро пешниҳод карда мешавад. Вале шартҳои созишномаи сулҳ муносибатҳои ду тарафро беҳтар накарда, балки онҳоро водор намуд барои амалиёти минбаъдаи ҳарбӣ омода шаванд [63, с.96]. Зеро маъмурони бонуфузи амирӣ шартҳои Русияи подшоҳиро дар хусуси пардохтани товони калон напазируфта, ҳамзамон барои эълони ҷанг зидди лашкари рус ба амир фишор меоварданд.

Профессор О.Б. Боқиев дар асоси ёддоштҳои яке аз фармондеҳони лашкари Бухоро менависад, ки амир бо таъкид ва талаби боисрори ашхоси бонуфузи аморат маҷбуран ба ҷанги зидди лашкари Русияи подшоҳӣ омода гардид. Ӯ ҳатто талаби охирини маъмурони ҳукумати подшоҳӣ оид ба шартҳои ба имзо расидани сулҳро рад намуд. Дар чунин шароит генерал губернатори Туркистон фон Кауфман нахустин шуда амалиёти ҳарбиро бар зидди аморати Бухоро оғоз намуд, ки дар натиҷаи он шаҳрҳои Янгиқурғон, Самарқанд ва Каттақурғон аз тарафи лашкари русҳо ишғол ва забт карда шуданд.

Пас аз анҷоми ҷанги Русия ва аморати Бухоро моҳи майи соли 1868 дар байни онҳо шартномаи сулҳи Зирабулоқ ба имзо расид, ки мувофиқи он Бухоро дар ниҳоят ба вассали Русияи подшоҳӣ табдил ёфт. Аз рӯйи ин шартнома Русияи подшоҳӣ метавонист ба корҳои дохилӣ ва муносибатҳои хориҷии аморати Бухоро дахолат карда, ҳамзамон фаъолияти ҳукумати онро пурра дар зери назорат гирифт. Дар баробари дигар имтиёзҳо, аморати Бухоро уҳдадор гардид, ки ба миқдори 5000000 рубл маблағи товони ҷангро пардохт намояд [63, с.97].

Дар натиҷаи забти шаҳри Самарқанд ва атрофи он аз тарафи лашкари лашкари Русияи подшоҳӣ, ноҳияи дигари Тоҷикистони имрӯза – Панҷакент ба ҳайати Русия ҳамроҳ карда шуд. Ин ноҳия ба ҳайати округи Зарафшони генерал-губернатории Туркистон, ки ҳанӯз соли 1863 таъсис ёфта буд, ҳамроҳ гардид [70]. Дар робита бо ин О.Б. Боқиев менависад, ки пас аз ҳамроҳ кардани Панҷакент минтақаи болооби Зарафшон, ки бо номи Кӯҳистон маълум буд, ҳамеша дар маркази диққати мустамликадорони рус қарор дошт. Ин минтақа дар миёни округи Зарафшон, мулкҳои хонигарии Қуқанд ва округи Хуҷанд қарор дошт. Минтақаи мазкур дар бештари ҳолатҳо барои мардуми маҳаллие, ки аз сиёсати мустамликадории русҳо норозӣ буданд, ҳамчун паноҳгоҳ хизмат мекард. Аз ин рӯ, ишғол намудани он яке аз масъалаҳои асосии маъмурияти мустамликавӣ ва ҳарбиёни рус ба шумор мерафт [155, с.66].

Бо мақсади омӯзиш ва шиносоӣ бо мулкҳои болооби Зарафшон ва муайян кардани роҳҳои омаду рафт соли 1870 бо фармон ва назорати генерал-губернатори Туркистон эъзомияи махсуси ҳарбию илмӣ ташкил дода мешавад, ки бо номи эъзомияи Искандаркӯл маъруф аст. Осор ва маълумоти муаллифони тоинқилобии рус, бахусус иштирокдорони эъзомияи Искандаркӯлро таҳлил намуда, профессор О.Б. Боқиев ба хулосае омадааст, ки мақсади асосии ин эъзомия забти минтақаи болооби дарёи Зарафшон ба шумор меравад, гарчанде зоҳиран мақсади асосии он бо фаъолияти илмӣ-омӯзишӣ рӯпӯш гардонда шуда

буд. Ӯ ин андешаи хешро дар асоси қайдҳо ва ишораҳои бевоситаи ҳарбиёни рус, иштирокчиёни эъзомия, таҳлил ва муқоисаи андешаҳо ҳукмрон дар миёни маъмурияти ҳарбию мустамликадории рус дар кишвари Туркистон ва ниҳоятан, дар натиҷагирӣ аз рафти ҳодисаҳо тақвият бахшидааст. Яъне маъмурияти мустамликадории рус ҳангоми ташкили эъзомияи Искандаркул танҳо мақсадҳои сифр ҳарбию сиёсии худро пайгирӣ мекард [63, с.113].

Бо вуҷуди ин, дар баробари ҳарбиён дар ҳайати эъзомияи Искандаркӯл олимон ва шарқшиносон машҳури рус А.Л. Кун, Л.П. Федченко, О.А. Федченко ва барон П.Л. Аминов иштирок доштанд, ки бо ҳамроҳии дастаҳои ҳарбӣ маълумот ва маводди арзишманди геологӣ, биологӣ, бостоншиносӣ, филологӣ ва ниҳоят таърихиро оид ба ин минтақаи ношиноси кӯҳистони тоҷик гирдоварӣ намуданд [164]. Маълумоти ҷамъовардаи эъзомияи мазкур дорои арзиши баланди илмӣ мебошад, зеро аъзоёни он иштирокчиёни бевосита ва шоҳиди бештари ҳодисаҳо ва воқеаҳо буданд.

Профессор О.Б. Боқиев тазаккур додааст, ки масъалаи забт ва ҳамроҳ кардани мулкҳои болооби Зарафшон аз ҳама бештар дар мақолаҳои В.Воронец «Искандеркульская экспедиция в 1870г.», П.А. Аминов «Искандер-кульская экспедиция» и «Военно-топографический очерк горной страны верховьев р.Заравшана», «Известия из рекогносцировочных отрядов: уратюбинского и Зеравшанского», «Зимняя экспедиция генерал-майора Абрамова в верховьях Заравшана» инъикос гардидааст. Муаррихони тоинқилобии рус низ асосан оид ба ин масъала ба муаллифони зикршуда такя намудаанд.

Дар асоси таҳлил ва муқоисаи маълумоти муаллифони ёддоваршуда, О.Б. Боқиев таъкид менамояд, ки сарфи назар аз баъзе бархӯрдҳои на он қадар калон, дастаҳои ҳарбии рус аслан ҳангоми ҳаракат ба болооби Зарафшон муқобилиятеро дучор наомаданд, вале бо вуҷуди маводди фаровони фактологӣ аъзоёни он рафти ҳодисаҳоро таҳлил ва сабабҳои ҳаракати бемамониати ҳарбиёни русро тамоман зикр накардаанд. Ӯ дар асоси муқоисаи маълумоти

дигар мусташриқони рус оид ба минтақаи мазкур қайд мекунад, ки вазъият ва ҳолати мавҷудаи сиёсиву иқтисодии мулкҳои болооби Зарфшон барои нисбатан бо роҳи осоишта ҳамроҳ кардани он ба ҳайати Русияи подшоҳӣ мусоидат кардааст. Ҳокимони мулкҳои ниммустақил ва мустақили ин минтақа ҳанӯз то омадани дастаҳои ҳарбии рус ҳамеша бо ҳам дар ҳолати ҷангу мубориза қарор доштанд, ки дар пайи он вазъи сиёсии он печида гардида, ҳамзамон мардуми маҳаллӣ низ дар ҳолати ногувори иқтисодӣ қарор доштанд.

Ҷангу муборизаи дохилии мулкҳои болооби Зарафшон бахусус дар замони ҷангҳои Бухоро ва Русия тезутунд гардид, зеро пас аз ишғоли қисмате аз ҳудудҳои аморат ва хонигарии Қуқанд аз тарафи лашкари Русияи подшоҳӣ баъзе ҳокимон ва бекҳо ба ин минтақа омада, барои қудрат муборизаи беамон мебурданд. Собиқ бекҳо ва ҳокимони минтақаҳои ишғолгардида дар баъзе мулкҳои болооби Зарафшон ба қудрат расида, нисбати мардуми маҳаллӣ ҷабру ситами беандозаро раво медиданд. Аз ин сабаб, як қисми сокинони маҳаллӣ дар симои дастаҳои ҳарбии рус ҳимоятгарони худро медиданд. Чунончи, пас аз рафтани дастаи ҳарбиёни рус, собиқ беки Масчоҳ Почохоҷа мехост аз сари нав ҳоким шавад, вале мардуми маҳал бо такя ба дастаи русҳо аз ворид гардидани ӯ ба Палдорак – маркази бекигарии Масчоҳ, пешгирӣ карданд [155, с.66].

Гузашта аз ин, мулкҳои болооби Зарафшон аз замонҳои пеш бо Ӯротеппа, Самарқанд ва Хуҷанд пайванди зичи иқтисодӣ доштанд [91, с.34]. Вале забт гардидани шаҳрҳои мазкур аз ҷониби лашкари Русияи подшоҳӣ ба ҳаёти иқтисодии мардумони минтақаи болооби Зарафшон таъсири манфӣ расонд. Ҳамчунин, аз таҳлили осори О.Б. Боқиев доир ба ин масъала бармеояд, ки ҳаракати ҳарбиёни рус аз ҷониби Самарқанд ва Уротеппа, дар танҳоӣ қарор гирифтан ва набудани ёрии иловагӣ ҳокимони маҳаллиро водор намуд, ки роҳи гурезро пеш гиранд ва мардуми бумӣ беихтиёр ба итоати дастаҳои ҳарбии рус гузаштанд.

Дар бобати ҳамроҳ гардидани ҳудудҳои Исфара ва Конибодом ба Русия профессор О.Б. Боқиев менависад, ки таърихи ҳамроҳшавии онҳо бевосита ба рафти ҳамроҳ гардидани ҳудудҳои хонигарии Қуқанд ба ҳайати Русияи подшоҳӣ рабт дорад. Ҳамин тариқ, дар давоми солҳои 1866 то соли 1870 ба ғайр аз ноҳияҳои Исфара, Конибодом ва Ашт, ки дар ҳайати хонигарии Қуқанд қарор доштанд, ҳамаи ҳудудҳои шимолии Тоҷикистони муосир (Истаравшан, Нов, Хуҷанд, Панҷакент ва болооби дарёи Зарафшон) ба генерал-губернатории Русияи подшоҳӣ ҳамроҳ карда шуданд.

Чуноне ки аз таҳқиқоти профессор О.Б. Боқиев маълум мегардад, аз ноҳияҳои шимоли Тоҷикистон танҳо Хуҷанд, Ӯротеппа ва Нов бо роҳи ҳарбӣ ишғол ва забт гардида, мулкҳои болооби дарёи Зарафшон, сарфи назар аз баъзе задухӯрдҳои ҳарбӣ, нисбатан бо роҳи осоишта ба ҳайати Русияи подшоҳӣ ҳамроҳ гардидаанд. Ноҳияҳои Исфара, Конибодом ва Ашт то соли 1876 дар ҳайати хонигарии Қуқанд буда, танҳо пас аз барҳам додан ва ишғоли ҳудудҳои он аз тарафи Русияи подшоҳӣ ба он ҳамроҳ гардиданд. Бояд зикр кард, ки дар ҳудуди ин минтақаҳо низ баъзан задӯхурдҳои ҳарбӣ дар рафти ишғоли ҳудудҳои хонигарии Қуқанд аз тарафи дастаҳои ҳарбии Русияи пошоҳӣ ба амал омадаанд. Вале дар ҳудуди ноҳияҳои номбурда, масалан Ашт амалиёти дастаҳои лашкари рус ба саркӯб кардани шӯру исён ва норозишии собиқ мансабдорони хонигарии Қуқанд ва аҳолии маҳаллӣ нигаронда шуда будан

## 3.2. Инъикоси масъалаи ҳамроҳшавӣ ва забти ҳудудҳои Помир аз тарафи Русияи подшоҳӣ дар таҳқиқоти профессор О.Б. Боқиев

Масъалаи истило ва ҳамроҳкунии минтақаи дигари Тоҷикистони муосир – кӯҳсори Помир ба Русия нахустин маротиба дар асару мақолаҳо, очеркҳо, ёддоштҳои муаллифони тоинқилобии рус инъикос ёфтаанд. Зеро аксарияти онҳо иштирокчиёни бевоситаи сафарҳои ҳарбии қушунҳои рус ва ё экспедитсияҳои илмӣ ба Помир буданд ва аз ин сабаб ҳамчун манбаъҳои муҳим ва муътамади таърихӣ оид ба ин масъала хизмат мекунанд. Дар ин замина, О.Б. Боқиев қайд намудааст, ки дар фарқият аз дигар ноҳияҳои Осиёи Миёна, минҷумла, ноҳияҳои муосири Тоҷикистони шимолӣ, воқеаҳои таърихии рафти ҳамроҳкунии кӯҳистони Помир ба Русияи подшоҳӣ аз тарафи муаллифони тоинқилобии рус бештар ва саҳеҳтар инъикос гардидааст [63, с.157].

Ба масъалаи ҳамроҳшавии Помир ва Кӯҳистони Бадахшон як қатор мақолаю бобҳои алоҳида асарҳои таърихшиносони ватанӣ, аз ҷумла Б.А. Искандаров, А. Набиев, М.Н. Назаршоев ва Ш.Т. Юсупов низ бахшида шудаанд, ки дар онҳо тарафҳои зиёди масъалаи мазкур тадқиқи дурусти худро ёфтаанд [77, с.100-127].

Қабл аз пардохтан ба масъалаи фавқуззикр профессор О.Б. Боқиев ёддовар гардидааст, ки бо вуҷуди омӯхтани баъзе ҷанбаҳои забт ва ҳамроҳ кардани минтақаи кӯҳсори Помир ҳанӯз тадқиқоти махсус ва алоҳидае ба он бахшида нашудааст. Илова бар ин, ӯ баъзе норасоиҳоро, ки дар дар асару мақолаҳои таълифшуда доир ба ин мавзуъ ҷой доранд, чунин муайян кардааст:1) дар вақти баррасӣ кардани сиёсати Русияи подшоҳӣ ва Англия дар нисбати Помир нуқтаи назари якҷониба мушоҳида карда мешавад. Чунончи, сиёсати мустамликавӣ ва тавсеаталабии Англия ҳамаҷониба ошкор карда шуда, ҳамзамон аз сиёсати мустамликахоҳонаи Русияи подшоҳӣ сарфи назар карда шудааст; 2) дар вақти истифода кардани ҳуҷҷатҳои архивӣ ва асару мақолаҳои

муаллифони тоинқилобии русу хориҷӣ на ҳама вақт муносибати танқидӣ зоҳир гардидааст; 3) хусусиятҳои хоси фаъолияти ҳарбиёни русро дар Помири Шарқӣ ва Ғарбӣ муайяну ошкор накарда, аксарият бо иштибоҳ қайд мекунанд, ки ҳар ду ноҳия худихтиёрона ба Русияи подшоҳӣ ҳамроҳ шудаанд; 4) аз тарафи муаллифон сабабҳои худихтиёрона ҳамроҳ шудани Кӯҳистони Бадахшон ба Русия асоснок карда нашудаанд; 5) дар аксари маврид натиҷаҳои мусбат ва ҳамзамон пайомадҳои манфии ҳамроҳкунии ноҳияҳои номбурда нопурра ва ё сатҳӣ арзёбӣ ва баррасӣ карда шудаанд; 6) сарфи назар аз он, ки оид ба замони ҳукмронии афғонҳо дар мулкҳои Помири Ғарбӣ манбаъҳо ва маълумоти зиёди бойгонӣ мавҷуданд, бо вуҷуди он, ин масъала дар адабиёти таърихӣ тадқиқи аниқ ва воқеии худро наёфтааст [63, с.158-159].

Маҳз норасоиҳои зикршуда ҳамчун ангезаи асосии ба таври хос ва алоҳида омӯхтани масъалаи зикршуда аз тарафи О.Б. Боқиев гардидаанд. Ӯ дар асоси истифодаи ҳуҷҷатҳо ва маводдии тозаи бойгонӣ, асарҳои муаллифони тоинқилобии рус ва муҳаққиқони шуравӣ сабабҳо, хусусиятҳои хос, характер ва давраҳои асосии ҳамроҳкунии мулкҳои кӯҳистони Помирро ба Русияи подшоҳӣ ва пайомадҳои мусбат ва манфии онро мвриди омӯзиш ва таҳлили амиқи илмӣ қарор додааст.

Боиси зикр аст, ки рақобати байни Англия ва Русия дар Осиёи Миёна ин муборизаи байни ду давлати калонтарини аврупоӣ барои тақсими ҳудуди мустамликаҳо буд, ки кӯҳсори Помир низ дар он мавқеи махсусро ишғол мекард. Мавқеи муҳими стратегии минтақаи номбурда онҳоро ба объекти махсуси даъво ва рақобати миёни мустамлакахоҳии Англия ва Русияи подшоҳӣ табдил дода буд. Бо ин сабаб англисҳо пайваста рафти васеъшавии сарҳади мулкҳои мустамликавии Русия дар Осиёи Миёнаро бо ҳассосият назорат ва пайгирӣ намуда, бо мақсади рӯйпуш намудани сиёсати мустамликавии худ ҳар як иқдоми лашкари Русияи подшоҳиро дар Осиёи Миёна, бахусус дар Помир ҳамчун омодагии юриши ҳарбӣ ба Ҳиндустон ҳисоб мекарданд [63, с.162].

Дар давоми солҳои 1865-1870 истилои ноҳияҳои асосии Осиёи Миёна аз тарафи Русия ба охир мерасад ва ҳокимияти мустамликавии подшоҳӣ дар кишвари Туркистон барқарор ва тадриҷан устувор мегардад. Дар навбати худ, Англия ҳам дар ин давра дар забти мустамликаҳо дар нимҷазираи Ҳинд ба натиҷаи чашмрас ноил гашт. Англия истилои мулкҳои шимоли Ҳиндустонро ба охир расонида, ҳудуди мустамликаашонро то сарҳади Афғонистон васеъ мекунад. Пас аз ин мустамликадорони англис тадриҷан ба устувор намудани таъсиру нуфуз ва мавқеи худ дар ҳудуди Осиёи Миёна оғоз намуданд.

Оғози рақобати ошкоро ва пуршиддати байни Англияю Русия дар Помир ба охири солҳои 60 ва ибтидои солҳои 70-уми асри XIX рост меояд. Наздикшавии сарҳади мулкҳои мустамлиавии ҳар ду давлат хавфи задухӯрди ҳарбии байни онҳоро ба миён овард. Бо мақсади пешгирӣ аз ин дар ибтидои соли 1869 байни Англия ва Русия гуфтушунидҳо сар шуда, бо баста шудани созишномаи солҳои 1872-1873 дар бораи тақсими доираи нуфуз ва таъсири сиёсӣ дар Осиёи Миёна анҷом ёфтанд. Мувофиқи созишнома мулкҳои шимоли Ҳиндустон ва Афғонистон дар зери таъсири сиёсии Англия, Бухоро ва Қуқанд бошанд дар зери таъсири сиёсии Росия қарор гирифтанд. Дарёҳои Ому ва Панҷ ҳамчун хатти сарҳади нуфуз ва кишвари Афғонистон ҳамчун «Минтақаи бетараф» муқаррар шуда буд. Ин созишнома, ҳамчун созиши ду давлати абарқудрати аврупоӣ барои гирифтани пеши роҳи бархӯрди ҳарбӣ пурра бар зарари мардумони Осиёи Миёна, бахусус тоҷикон анҷом ёфт [63, с.167].

Ҳамон тавре ҳангоми баррасии вазъи сиёсӣ ва сохтори маъмурии мулкҳои Помир дар охири асри XIX дар осори О.Боқиев тазаккур дода будем, шиносоӣ ва ворид гардидани дастаҳои ҳарбиёни рус тавассути Помири Шарқӣ – ҳудуди ҳозираи ноҳияи Мурғоби ВМКБ сурат гирифтааст. Дар баробари ин қайд карда шуд, ки дар ҳудуди Помири Шарқӣ қабилаҳои қирғиз зиндагӣ карда, ба хонигарии Қуқанд итоат мекарданд. Пас аз барҳам додани хонигарии Қуқанд аз тарафи Русияи подошоҳӣ дар соли 1876 як қисми маъмурони пешинаи

хонигарӣ, ки аз сиёсати русҳо норозӣ буданд, ба ҳудуди Помири Шарқӣ фирор намуданд. Масалан як қисми тарафдорони Пӯлодхон, ки бар зидди маъмурияти русҳо шӯриш бардошта буд, ба самти водии Олой ва Помири Шарқӣ ақибнишинӣ намуданд [155, с.71].

Биноан, маъмурони ҳарбӣ ва мустамликавии рус бо назардошти мақсадҳои сиёсиву ҳарбии хеш аз таъмини амният дар сарҳадҳои ҷанубии собиқ хонигарии Қуқанд, аз ҷумла дар водии Олой ва Помири Шарқӣ манфиадор буданд. Ҳамчунин, маъмурони мустамликавӣ мехостанд, ки қабилаҳои қарақирғизи Помири Шарқӣ тобеияти бечунучарои Русияи подшоҳиро бипазиранд [63, с.173]. Маҳз бо ин мақсад соли 1876 бо сардории генерал Скобелев эъзомияи ҳарбӣ ташкил карда мешавад.

Эъзомияи Скобелев бо номи эъзомияи ҳарбию илмии Олой маъруф аст. Профессор О.Б. Боқиев зикр намудааст, ки ин эъзомия қабл аз ҳама мақсадҳо ва манфиатҳои ҳарбии Русияро пайгирӣ менамуд. Барои тақвияти ин ақида ӯ ба фармони фармондеҳи лашкари округи ҳарбии Туркистон аз 26-уми июли соли 1876 истинод овардааст. Дар фармони ӯ омадааст, ки «қабилаҳои қарақирғиз, ки дар водии Олой ҳаёти кӯчӣ ба сар мебаранд, дар вақтҳои охир аҳолии осоиштаи муқимии водии Фарғонаро ғорат мекунанд ва метавонанд аҳолии осоиштаро ба муқобили мо бархезонанд. Ман ба генерал-майор Скобелев фармон додам, ки бо дастаҳои на он қадар калони ҳарбӣ ба сӯи онҳо ҳаракат намояд» [63, с.174].

Зикр кардан бамаврид аст, ки бо вуҷуди расидан ба мақсадҳои ҳарбию сиёсӣ, эъзомияи генерал-майор Скобелев ба дастовардҳои бузурги илмиву таҳқиқотӣ низ ноил гардид. Профессор О.Б. Боқиев маълумоти аъзоёни эъзомияи Олой, аз ҷумла яке аз иштирокчиёни он Л.Ф. Костенкоро таҳлил намуда, менависад, ки дар баробари мақсадҳои ҳарбӣ аъзоёи он дар зери ҳимояти ҳарбиёни рус маводди пурарзиши гуногунмазмунро на танҳо дар бораи водии Олой, ҳамчунин Помири Шарқӣ гирдоварӣ карданд.

Дастоварди муҳими эъзомияи ҳарбию илмии эъзомияи Олой бо сарварии генерал-майор Скобелев ин дар тобеияти Русияи подшоҳӣ қарор додани қабилаҳои қирғизи водии Олой ва ҳамроҳ кардани ҳудудҳои Помири Шарқӣ ба Русияи подшоҳӣ ба шумор мерафт. Вале бояд гуфт, ҳукумати подшоҳӣ то оғози солҳои 90-уми асри XIX дар ҳудудҳои Помири Шарқӣ таъсире надошт ва ҳокимони маҳаллии он мустақил буданд.

Дар ин робита бо ин яке аз муаллифони тоинқилобии рус В. Острогоров қайд мекунад, ки ҳудудҳои Помири Шарқӣ амалан то соли 1891 амалан дар итоати Русия набуда, натанҳо дар он ҷо идораи маъмурии русӣ вуҷуд надошт, балки аз назорати он низ дар канор буд. Танҳо бо доғ шудани «масъалаи Помир» дар миёни Русия ва Англия ҳукуматдорони подшоҳӣ барои ҳамроҳ кардани он ба таври ҷиддӣ иқдом намуданд [144, с.78]. Профессор О.Б. Боқиев аз таҳлили маводдии ба ин масъала рабтдошта хулоса мекунад, ки бо сабаби ҷойгиршавии ҷуғрофӣ, набудани манфиати иқтисодӣ аз минтақаи нимбиёбони кӯҳсори Помири шарқӣ ва кам будани маълумот оид ба он маъмурони мустамликавии рус то оғози солҳои 90-уми асри XIX ба ин минтақа ҷиддан таваҷҷуҳ накарданд. Ҳамчунин ӯ қайд кардааст, ки набудани маълумот дар бораи мулкҳои Помир боис гардид, ки ҳукумати подшоҳӣ аҳаммияти ҷуғрофии ин минтақаро дар рақобати минбаъдаи миёни Русия ва Англия ва кишварҳои ҳамсоя дар муддати 15 сол сарфи назар намояд [63, с.264].

Аз тарафи дигар, дар ин муддат аз набудани нуктаҳои такягоҳи ҳарбии русҳо дар Помири шарқӣ истифода бурда, ҳукумати Хитой ва Афғонистон бо дасисаи англисҳо ба ин минтақа дастдарозӣ намуданд. Пас аз фиристодани дастаҳои ҷосусон ва ҳарбиён англисҳо бо сабаби ғайриимкон будани таҳкими нуфузи ҳарбии худ дар Помир мехостанд онро дар миёни Афғонистон ва Хитой тақсим намоянд. Бо таҳрик ва дастгирии англисҳо лашкари афғонҳо Рӯшон, Шуғнон ва Вахонро ишғол карда, ҳукумати Чин бошад посгоҳҳои худро дар назди Яшилкӯл, Аличур ва Рангкӯл мустақар намуд. Маҳз чунин вазъияти сиёсӣ

омили ҳалкунандаи ташкили экспедитсияҳои ҳарбии солҳои 1891–1895 бо сардории полковник Ионов гардиданд, ки дар натиҷаи он ниҳоятан ҳудудҳои Помири Шарқӣ ба Русияи подшоҳӣ ҳамроҳ карда шуда, пеши роҳи даъвои Чину Афғонистон ва тавсеаталабии Англия дар ин минтақаи баландкӯҳи Осиёи Миёна гирифта шуд.

Тавре ки дар зербоби дуюм зикр гардид, мувофиқи гуфтушунидҳои Англия ва Русия дар давоми солҳои 1869–1873 дарёи Ому ҳамчун сарҳади минтақаҳои нуфузи онҳо дар Осиёи Миёна муайян карда шуд. Вале дар оғози солҳои 80-уми асри XIX муайян кардани сарҳади нуфуз дар минтақаи болооби Ому ва рӯдхонаи Панҷ ба яке аз масъалаҳои асосии пурихтилофи сиёсиву геополитикӣ ва дипломативу ҷосусии байни империяи Англия ва Русияи подшоҳӣ дар Осиёи Марказӣ табдил ёфта буд.

Баъди ба сари қудрат омадани амир Абдураҳмонхон дар Афғонистон ҳудудҳои давлати ӯ тадриҷан ба тарафи шимол васеъ мегардиданд. Илова бар ин, қобили қайд аст, ки ҳокими Файзободи вилояти Бадахшон нахустин шуда ҳукумати амир Абдураҳмонхонро эътироф кард. Дар шароити рақобати оштинопазири Русия ва Англия барои тақвияти нуфуз дар минтақаи кӯҳсори Помир амири Афғонистон Абдураҳмонхон бо таҳрик ва дастгирии англисҳо дар оғози солҳои 80-уми асри XIX ба мулкҳои Помири ғарбӣ лашкар кашида, мулкҳои Рӯшон, Шуғнон ва Вахонро ишғол мекунад. Ҳукмронии афғонҳо дар ин мулкҳои кӯҳистони тоҷик то замони ҳал шудани «масъалаи Помир» ва ба сифати хати сарҳад таъин намудани дарёи Панҷ дар соли 1895 давом ёфтааст, ки яке аз саҳифаҳои тираву тори таърихи онҳо ба шумор меравад [63, с.241].

Профессор О.Б. Боқиев рақобати ду кишвари абарқудрати мустамликадорӣ дар минтақаи Помири ғарбӣ, вазъи асафбори мардуми маҳаллии Шуғнон, Рушон ва Вахонро дар замони ишғоли лашкари афғонҳо дар асоси осори Б.Л. Тагеев, яке аз иштирокчиёни экспедитсияҳои Помир дар солҳои 80-90-уми асри XIX, ҳамчунин ёддоштҳо, гузоришҳо ва мақолаҳои муҳаққиқон,

сайёҳон ва ҳарбиёни рус, аъзоёни эъзомияҳои ҳарбӣ, ки дар ин давра ба Помири ғарбӣ сафар намуда буданд, инъикос намудаст. Ӯ аҳаммияти хоси очерк ва мақолаҳои Б.Л. Тагеевро ба таври алоҳида зикр намудааст, зеро ин муҳаққиқи тоинқилобии рус шахсан дар рафти эъзомияҳо ба Помири Ғарбӣ иштирок дошта, осораш дар матбуоти даврии тоинқилобии рус ва ҳамзамон хориҷии он замон ба нашр расидааст [155, с.75].

Ҳамчунин, ҳаводиси солҳои 80-ум ва 90-уми мулкҳои Помири Ғарбӣ дар замони авҷгирии рақобати Англияву Русия дар ин минтақа дар мақолаҳо ва очеркҳои капитан Путята., Д.Л. Иванов., Г.А. Серебренников., Б.Л. Тагеев ва дигарон инъикос ёфтаанд. Маълумоти осори муаллифони ёддоваршударо таҳлил намуда, профессор О.Б. Боқиев дар робита бо ин қайд намудааст, ки баъди ба сари қудрат омадани амир Абдураҳмонхон дар Кобул ба ҳокими Қундуз фармон дода мешавад, ки фаъолияти ҳокимони Файзободи Бадахшон ва шоҳигарии Шуғнонро зери назорат гирифта дар бораи он ба амир гузориш омода намояд. Хусусан фаъолияти мустақилонаи шоҳи Шуғнон Юсуфалихон амир Абдураҳмонхонро нороҳат намуда буд, зеро ҳокими Файзобод низ алаккай бечунучаро ба ӯ итоат мекард. Ниҳоятан ба муддати дуру дароз қарор гирифтани духтури рус Регел дар Шуғнон баҳонаи дахолати ҳукумати Абдураҳмонхон ба корҳои дохилии он гардид [63, с.176].

Капитан Путята дар ин бора менависад, ки бахусус мусоидати Юсуфалихон барои нишон додани конҳои лаъли Ғорон ба Регел боиси норозигии афғонҳо ва ҳамчунин англисҳоро ба вуҷуд оварда буд. Аз ин сабаб соли 1883 Рӯшон ва Шуғнон ба дастгирӣ ва таҳрики англисҳо аз тарафи қушунҳои амир Абдураҳмонхон ишғол гардиданд. Бино бар таъкиди Г.А. Серебренников англисҳо бо ин роҳ таъсир ва нуфузи худро дар соҳили рост ва минтақаҳои болооби рӯдхонаи Панҷ тақвият бахшиданд [63, с.187].

Бинобар ин, вазорати корҳои хориҷии Русияи подшоҳӣ 19-уми декабри соли 1883 ба сафири Англия номаи эътирозӣ супурд, ки тибқи он мебоист бо

фишори Лондон қушунҳои афғон ҳудудҳои Рӯшон, Шуғнон ва Вахонро тарк ва аз дахолат ба корҳои дохилии онҳо худдорӣ мекарданд. Вале англисҳо танҳо 25-уми июни соли 1884 дар ҷавоб изҳор намуданд, ки ин мулкҳо тобеи ҳокими Файзобод, ки дар навбати худ ба амир Абдураҳмонхон итоат мекунад, қарор доранд [63; 155, с.105].

Боиси зикр аст, ки диққати асосии ҳукумати подшоҳии рус дар оғози солҳои 80-ум ба забти воҳаҳои туркманнишин ва ҳалли масъалаҳои марзӣ дар ин минтақа нигаронда шуда буд, аз ин рӯ, барои муддате мулкҳои кӯҳистони Помир – Рӯшон, Шуғнон ва Вахон аз мадди назар онҳо дур монда, то соли 1895 дар зери ишғоли афғонҳо қарор доштанд. Ҳукмронии афғонҳо дар мулкҳои Помири Ғарбӣ дувоздаҳ сол (1883–1895) давом кард, ки саҳифаи тира ва ҳамзамон пур аз муборизаҳои озодихоҳонаи мардуми кӯҳистони ин минтақа мебошад. Чунончи, яке аз шӯришҳои калонтарини зидди аҷнабиёни ситамгар соли 1887 мебошад, ки он шимоли Афғонистонро низ фаро гирифта, танҳо пас аз ду соли пурра (соли 1889) аз тарафи лашкари амир Абдураҳмонхон ваҳшиёна пахш карда мешавад [63; 76].

Дар охири солҳои 80 ва оғози солҳои 90-ум минтақаи Помир аз нав дар маркази диққат ва рақобати Русияи подшоҳӣ ва Англия қарор гирифт. Масъалаи рақобати Англия ва Русия дар кӯҳсори Помир ва ҳамроҳ кардани он ба Русия дар осори О.Б. Боқиев асосан дар такя ба асарҳо, мақолаҳо, ёддоштҳо ва гузоришҳои М.В. Грунев, М.А. Терентев, С. Уманетс, Б.Л. Громбчевский, Б.Л. Тареев, В. Острогоров, М. Арев, Зайченко, И. Слутский, Муханов ва дигарон пайгирӣ ва инъикос карда шудааст. Чуноне ки ӯ қайд менамояд, эъзомияҳои сершумори ҳарбиву илмӣ ва фаъолияти ҳарбиёну ҷосусони англису рус дар Помиру Ҳиндукуш нишон доданд, ки бо вуҷуди монеаҳо ва мушкилоти ҷуғрофӣ имконияти ҳаракат ва ҷойгир кардани қувваҳои муайани ҳарбӣ дар ин минтақа мавҷуд аст. Ҳамчунин, роҳҳои ҳаракат ва иртибот тавассути ағбаҳои кӯҳсори

Помир ва Ҳиндукуш аз ҳар ду ҷониб омӯхта шуданд, ки барои тақвияти мавқеъ ва нуфузи онҳо мусоидат кард [132].

Дар чунин шароит англисҳо дар охири солҳои 80-ум ва аввали солҳои 90-уми асри XIX ба тақсим кардани минтақаи Помир дар байни Афғонистон ва Хитой оғоз карданд. Англисҳо дар ин ду кишвар мавқеъ ва таъсири зиёд дошта, бо роҳи исботи «даъвои таърихӣ» - и онҳо мехостанд ҳаракати дастаҳои ҳарбии русро боздошта, бо ин роҳ нуфузи худро дар ин минтақа устувор намоянд. Ин гуфтаҳо дар ёддоштҳои Б.Л. Громбачевский, ки тобистони соли 1890 дар Помири Шарқӣ, Қошғар ва Ёрканд қарор дошт, тасдиқ карда шудаанд. Ӯ ёддовар гардидааст, ки дар ин давра эъзомияи англисҳо бо сарварии капитан Юнгхазбенд бо мақсади тақсими минтақаи Помир дар байни Афғонистон ва Хитой дар Қошғар ва Ёрканд қарор дошта, бо маъмурони ҳукумати Син оид ба ин масъала гуфтушуниди махфӣ доштанд [132].

Ҳамон тавре ки зикр кардем, дар ошкор ва фош намудани нақшаҳои махфии Англия оид ба тақсимкунии мулкҳои Помир дар байни Афғонистону Хитой сафарҳо ва таҳқиқоти капитан (сипас подполковник) Б.Л. Громбчевский дар солҳои 1885-1890 ба кӯҳистони Помир, Бадахшони Афғонистон, Қошғар, Хутан, Ёрқанд, Сарикӯл ва Қаротегину Дарвоз нақши калон доштанд. Натиҷаҳои сафари ӯ раванди ҳамроҳ намудани мулкҳои Помирро ба Русияи подшоҳӣ тезониданд. Масалан, Б.Л. Громбчевский як қатор маълумотҳои муҳими боэътимодро дастраси доираҳои ҳукмронии Русияи подшоҳӣ гардонд, ки муҳимтаринашон инҳо буданд: а) бо мақсади устувор кардани мавқеи худ дар нишебиҳои ҷанубии Ҳиндукуш англисҳо қасд доранд, ки Канчутро ба худ тобеъ намуда, дар Чатрор қушунҳояшонро ҷойгир кунанд; б) нақшаи аниқ ва дақиқи тақсим кардани мулкҳои Помир дар байни Афғонистону Хитой аз тарафи англисҳо таҳия ва коркард шудааст, ки бо мақсади амалӣ гардонидани он соли 1890 дар ш. Ёрканд вохӯрии сетарафа баргузор гардидааст; в) минтақаи Помири Шарқӣ тамоман беодам набуда дорои аҳаммияти муҳимми ҳарбию

стратегӣ ва иқтисодӣ мебошанд; г) тасавуроти доираҳои ҳарбии Россия, дар бораи онки ба воситаи Помир ва Ҳиндукуш гузаштани қушун номумкин аст, хато мебошанд, чунки аз гузаргоҳҳои онҳо на фақат дастаҳои алоҳида, балки артиши бонизом ҳам гузашта метавонад; д) дар охири солҳои 80 ва ибтидои солҳои 90 нисбат ба солҳои 60-70-и асри Х1Х вазъияти сиёсӣ дар дар минтақа чунон тағийр ёфтааст, ки амалиёти минбаъдаи ғайрифаъолонаи Русия на фақат ба аз даст додани куҳистони Помир, балки тамоми Осиёи Миёна бурда мерасонад [63, с.199].

Пас аз дарёфт, коркард ва таҳлили маълумоти пурра ва боэътимод дар бораи вазъияти сиёсии Помир ва дигар минтақаҳои ҳамсояи он Русияи подшоҳӣ ба амалиёти фаъолона оғоз намуд. Чунончи, аз соли 1891 то соли 1895 ба Помир бо фармондиҳии полковник (аз соли 1894 генерал) М.Е.Ионов отрядҳои ҳарбии рус фиристонда мешаванд. Дар натиҷаи ду походи ҳарбии солҳои 1891-1892 ҳудуди асосии Помир аз нав, маротибаи дуюм аз афғонҳо ва хитоиҳо озод шуда, ба Русия ҳамроҳ карда мешавад. Барои муҳофизати Помир аз зимистони солҳои 1891-1892 сар карда, дар соҳили чапи дарёи Мурғоб ба таври доимӣ як дастаи ҳарбиёни рус ҷойгир карда мешуд. Соли 1893 дар зери роҳбарии умумии полковник Ионов дар Помир се дастаи ҳарбии русҳо фаъол буданд. Нахустин бор аз Помири Шарқӣ ба воситаи водии Бартанг ба Помири Ғарбӣ, яъне ба Рӯшон гурӯҳи хурди ҳарбиёни рус бо сардории капитан Ванновский фиристонда мешавад, ки танҳо то қишлоқи Емс сафар карданд. Онҳо бо қувваи бузурги ҳарбии афғонҳо, ки дар Рушон ҷойгир шуда буданд, дучор гардида, ба воситаи ағбаи Бичарф ба ҳудуди бекигарии Дарвоз мегузаранд. Вале пас аз рафтани отряди рус афғонҳо аз нав Бартангро ишғол намуда, барои расонидани кумак ба русҳо ба қасосгирӣ аз мардуми таҳҷоӣ сар карданд [132].

Моҳи январи соли 1894 сардори отряди рус дар Помир хабардор гардид, ки амири Афғонистон мақсад дорад, ки ҳангоми баҳор бо роҳи зӯрӣ аҳолии Рӯшон, Шуғнон ва Шоҳдараро ба соҳили чапи дарёи Панҷ, ба дохилии

Афғонистон кӯчонад. Бо мақсади гирифтани роҳи кӯчондани аҳолии ин ноҳияҳо ба ғайр аз ду отряд, ки дар Помири Шарқӣ буданд, ба ин ҷо отряди сеюми эҳтиётӣ фиристонда мешавад, ки сардори умумии ҳар сеи онҳо генерал-майор М.Е.Ионов таъин мегардад. Бо мақсади ишғол намудани Помири Ғарбӣ ва озод кардани аҳолии он аз зери ҳокимияти афғонҳо аз тарафи Помири Шарқӣ ба дохили Шуғнон ду дастаи ҳарбӣ – яке ба воситаи водии Ғунд бо сардории подполковник Юденич, дигаре ба воситаи водии Шоҳдара бо сардории капитан Скерский фиристода мешаванд. Аз паси онҳо генерал-майор Ионов ҳам бо отряди эҳтиётӣ ба Шуғнон ҳаракат мекунад.

Дар зери фишори генерал-майор Ионов 18-уми августи соли 1894 тамоми лашкари афғонҳо соҳили рости дарёи Панҷро тарк карда, ба соҳили чапи он гузаштанд. Ин воқеаро дар ёддоштҳояш генерал-майор Ионов дар ҳам барои отряди рус ва ҳам барои сокинони мулкҳои Помир «рӯзи хушбахтарин» номидааст[1].

23 августи соли 1894 ҳар се отряди рус дар Хоруғ ҷамъ омаданд ва то 15 сентябр дар он ҷо монданд. Аз Хоруғ бо фармони генерал-майор Ионов як отрядро бо сардории капитан Банковский ба воситаи водии Панҷ ба ҷониби Рӯшон, дигареро бо сардории капитан Арсенев ба ҷониби Ғорон, яъне ба дохилии хонигарии собиқи Вахон мефиристонад. Пас аз ин, мулкҳои соҳили рости дарёи Панҷ аз пурра аз афғонҳо тоза карда шуда, ба ҳайати Русия дохил мешавад.

Ҳамин тавр, баъди гуфтушунидҳои чорсола, ниҳоят 27 феврали (11-март) соли 1895 оид ба тақсими доираи нуфузи сиёсии Русия ва Англия дар Осиёи Миёна созишномаи нав ба имзо мерасад, ки асоси онро созишномаҳои солҳои 1872-1873 ташкил медод. Мувофиқи созишномаи соли 1895 сарҳади нуфузи Русия ва Англия аз Зоркӯл ба воситаи дарёи Панҷ муайян шуд, ки дар натиҷаи

[1] СНОСКА

он қисмҳои шарқии Шуғнон ва Рӯшон, қисми шимолии Вахон ва қисми ҷанубии бекигарии Дарвоз дар соҳили чапи Панҷ ба Афғонистон гузаштанд.

О.Б. Боқиев таъкид кардааст, ки Русия ва Англия барои роҳ надодан ба задухӯрди бевоситаи ҳарбӣ ба тақсими ин ҳудудҳо иқдом намуданд, ки дар пайи он манфиатҳои миллӣ, урфу одат, вежагиҳои мардуми таҳҷоиро пурра сарфи назар карданд. Дар натиҷаи он аҳолии соҳилҳои рост ва чапи дарёи Панҷ, ки бо ҳам алоқаҳои таърихӣ, иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангиву маънавӣ ва хешутаборӣ доштанд, абадан аз ҳамдигар ҷудо карда шуданд. Ин тақсимот ба ҳеҷ ваҷҳ ба манфиати мардумони таҳҷоии ин минтақа набуд. Чунончи ҳанӯз соли 1901 яке аз мардумшиносони намоёни рус А.А. Бобринский дар бораи пайомадҳои фоҷиабори ин тақсимоти ноодилона навишта буд: «Сарҳади нав онҳоро (яъне Вахон, Шуғнон, Рӯшон ва Дарвоз. – О.Б.) ба ду қисм ҷудо карда, барои онҳо вазъият ва ҳолати ноқулай ба вуҷуд овардааст. Ин ба он монанд аст, ки касе қасд намояд, деҳаи русро қад-қади кӯча қасди байни ду давлат тақсим карда бошад» [60, с.63-64].

Ҳамин тариқ, аз омӯзиш, таҳлил ва натиҷагирҳои О.Б. Боқиев бармеояд, ки Помири Шарқӣ (ҳудуди ҳозираи ноҳияи Мурғоб) ду маротиба дар шароитҳои гуногуни таърихӣ – бори нахустин бо роҳи ҳарбӣ соли 1876 дар рафти экспедитсияи ҳарбии Олой, ва маротибаи дуюм дар рафти походҳои ҳарбии солҳои 1891–1892, бо роҳи осоишта ба Русия ҳамроҳ гардидааст. Пас аз ҳамроҳкунии нахустини расмӣ (с.1876) ва аз он ҷо рафтани дастаҳои ҳарбии Русияи подшоҳӣ қисми алоҳидаи Помир бо роҳи зурӣ аз тарафи афғонҳо ва хитоиҳо ишғол карда мешавад, ки байни онҳо барои ҳукмронии ягона шудан дар давоми 14 сол муборизаи доимӣ давом дошт. Чи тавре маълум аст, ин масъала танҳо соли 1895 ҳалли ниҳоии худро ёфт.

О.Б. Боқиев муайян намудааст, ки аз мулкҳои Осиёи Миёна танҳо Помири Ғарбӣ ягона минтақае буд, бе ягон муқобилият ва задухӯрди ҳарбӣ худихтиёрона ва бо роҳи осоишта ба Русия ҳамроҳ гардидааст.

Мурочиатномахо, илтимосномахо ва мактубхои сершумори ахолии кӯхистони Бадахшон ба унвони сардорони отрядхои рус, маъмурияти мустамликавии вилояти Фарғона ва генерал-губернатори Туркистон оид ба расонидани кумак дар муборизаи зидди ачнабиёни ситамгар–афғонхо (1883–1895) ва амалдорони амири Бухоро (1896–1905) ва ба хайати Русия дохил кардани онхо аз ин босарохат гувохӣ медихад. Сокинони кӯхистони Бадахшон бо умеди гирифтани ёрӣ ва озод гардидан аз зулму ситам ва берахмию вахшонияти амалдорони амирони Афғонистону Бухоро омадани хар як отряди русро бесаброна интизор мешуданд.

Дар мачмуъ, профессор О.Б. Боқиев омилхо ва шарту шароитхои асосии хамрохшавии худихтиёронаи минтақаи кӯхистони Помирро ба империяи Русия ба таври зайл муайян кардааст:

1. Аз замонхои пеш дар худуди кӯхистони Помир хонигарихои хурди мустақил ва нимустақил вучуд доштанд. Дар байни онхо пайваста чангхои байнихудӣ чараён доштанд, ки ба сари халқи мехнаткаш бадбахтихои зиёд меоварданд. Хокимони меросии махаллӣ на фақат ахолиро аз худсарии феодалон ва рухониёни олимақом мухофизат намекарданд, балки худашон хам дар истисмори он иштироки бевосита доштанд. Аз ин чост, ки ахолӣ давраи хукмронии хонхои меросиро бо нафрат ёдоварӣ мекарданд.

2. Кӯхистони Помир бо мамлакатхои хамсоя, махсусан бо водии Фарғона робитаи наздики савдоию иқтисодӣ дошт. Дар давраи хукмронии афғонхо (1883-1895) ин робитахо на фақат бо Фарғона, балки хатто бо дигар минтақахои хамчавор низ қатъ гардиданд, ки ин ба ахволи ичтимоиву иқтисодии ахолии он таъсири манфӣ расонд. Илова бар ин, ба сокинони кӯхистони Помир эълон карда шуд, ки баъди хамрохкунии Помир ба Русия ахолии он ба мудати дах сол аз хама гуна андозхо озод хохад шуд.

4. Муносибати хуби инсондӯстонаи иштироккунандагони экспедитсияхои илмӣ ва походхои харбӣ ба мардуми тахчоӣ тадричан нобоварии онро нисбат ба

русҳо аз байн бурда, ҳамзамон нафрати онҳоро нисбати афғонҳо ва маъмурони ҳукумати Син ба вуҷуд овард. Дар натиҷаи алоқаи наздик бо русҳо, сокинони Помир имконият пайдо карданд, ки муомилаи инсонпарваронаи онҳоро бо рафтору кирдорҳои ғайриинсонии амалдорони афғон муқоиса кунанд. Фарқияти куллии байни онҳоро дарк карда, ба хулосае омаданд, ки ҳар чи зудтар аз зери зулми афғонҳо озод гардида, ба ҳайати Русия ҳамроҳ гарданд.

Ба сиёсати мустамликахоҳонаи Русияи подшоҳӣ дар минтақаи кӯҳистони Помир ва баъзе пайомадҳои манфии он нигоҳ карда, тарафҳои зиёди манфию ҳамроҳкунии он ба Русия воқеан натиҷаҳои тараққихоҳона ва аҳаммияти бузурги таърихӣ дошт. Дар умум, аҳаммияти таърихии ҳамроҳ гардидани Помирро ба ҳайати Русия дар осори О.Б. Боқиев ба таври зайл натиҷагирӣ кардан мумкин аст:

а) рақобати байни Англия ва Руссия баҳри ҳукмрон шудан дар Осиёи Миёна, ки ибтидои он ба охири солҳои 30-юми асри Х1Х тааллуқ дошт, дар солҳои 80-90-уми садаи мазкур ба нуқтаи ниҳоии худ расид. Дар охири солҳои 80-ум ва оғози солҳои 90-уми асри Х1Х кӯҳистони Помир дар маркази рақобатҳои шаддиди Англия ва Русия қарор гирифт. Бинобар ин, ҳарду тараф бо корбурди ҳамаи роҳу воситаҳои дастрас талош мекарданд, ки ин минтақаро ба даст оварда, мавқеи худро дар он уствор намоянд. Дар зери назорат гирифтани қисмати Помири Шарқӣ аз ҷониби аскарони рус, худихтиёрона ҳамроҳшавии Помири Ғарбӣ ба Русияи подшоҳӣ онҳоро аз хатари ғасби империализми Англис, ишғоли ҳукумати Син ва зулму истисмори бераҳмонаи афғонҳо раҳоӣ бахшид, ки барои сарнавишти ояндаи таърихии он аҳаммияти фавқуллодаи таърихӣ дошт.

б) ҳамроҳ гардидани минтақаи кӯҳистони Помир мардуми таҳҷоии онро аз нобудшавӣ, қатли ом, истисмори тоқатфарсо ва фармонфармоии мутаҷовизини хориҷӣ – афғонҳо наҷот дод. Дар давоми 12 соли ҳукмронии афғонҳо қариб нисфи аҳолии он кам шуд, зеро як қисми он ҳалок, қисми

дигарашон ба зулму ситами аҷнабиён тоб наоварда, ватанашонро тарк карда, ба мамлакатҳои ҳамсоя муҳоҷир гардиданд. Муомилаи ғайриинсонии афғонҳо, андозҳои бешумор, роҳзанӣ ва ғоратгарӣ мардуми маҳаллиро дар вартаи нобудӣ қарор дода буданд. Ба таври оммавӣ ва танҳоӣ одамон ба ҳудуди Бухоро ва Русия (яъне Осиёи Миёна – О.Б.) мегурехтанд. Баъдар аз озодшавии ватанашон бохабар шуда, шумораи зиёди гурезаҳо ба диёрашон бармегаштанд.Чунончи соли 1896 аз Фарғона аз Қошқар зиёда аз 100 оила ба Шуғнон, солҳои 1898 аз соҳили чапи дарёи Панҷ ба Қалъаихумб 400 оилаи мардумӣ баргаштанд [132].

в) баъди ҳамроҳшавӣ ба Русия пеш аз ҳама дар сохти маъмурӣ-сиёсии мулкҳои кӯҳистони Помир тағйирот ба амал омад. Ҳукмронии мустамликави афғонҳо дар Помири Ғарбӣ ва маъмурони манҷурии сулолаи Син дар Помири Шарқӣ барҳам хӯрда, сохтори пештараи феодалии хонигарию шоҳигарӣ ва истибдоди феодалии ҳокимони меросии маҳаллӣ аз байн рафт. Дар мулкҳои Помир низ фавран монанди сохти маъмурию сиёсӣ генерал-губернатори Туркистон идоракунии маҳалӣ ҷорӣ карда шуд. Аз рӯйи ҳайати этникӣ ва машғуляти асосӣ дар ин минтақаи кӯҳистони тоҷик ду воҳиди маъмурӣ - волости Помир барои аҳолии кучманчии қароқирғизҳо ва волости Рошорв барои аҳолии муқимии тоҷик ташкил ёфтанд, ки ҳардуи онҳо дар тобеияти сардори отряди Помир буданд. Сардори отряд дар навбати худ сардори волостҳоро таъин мекард ва ба онҳо аз маблағи маъмурияти вилояти Фарғона маош дода мешуд. Ба мансабҳои поёнтари маъмурӣ одамонро худи мардуми маҳаллӣ интихоб мекард. Бо ҳамин тариқ, барои оғози идораи нави маъмурӣ асос гузошта шуд, ки он бешубҳа дар шароити ҳукмронии сохти авлодию қабилавӣ ва тарзи истеҳсолоти феодалӣ-патриалхалӣ дар ҳаёти сиёсии мардумони кӯҳистони Помир як падидаи тараққихоҳона буд.

Дар минтақаи Помири Ғарбӣ сохти маъмурӣ-сиёсие ҷорӣ гардид, ки аз қисмати Помири Шарқӣ фарқ мекард. Бо сабаби он ки мувофиқи созишномаи соли 1895 қисми ҳудуди бекигарии Дарвоз дар соҳили чапи дарёи Панҷ ба

Афғонистон гузашта, бо қарори ҳукумати подшоҳии Русия аз 26-июни соли 1896 минтақаи Помири Ғарбӣ, ки соли 1895 ба Русия ҳамроҳ шуда буд, ба ҳудуди амири Бухоро дода шуд. Аммо дар асл дар мулкҳои Помири Ғарбӣ duҳокимиятӣ – ҳукумати маъмурони амири Бухоро ва ҳарбиёни рус ҷорӣ гардид.

Дар аввал дар Кӯҳистони Бадахшон ду бекигарӣ – Рӯшон ва Шуғнон бо ҳамроҳии Вахон ташкил дода шуданд. Сипас, ҳамаи онҳо дар зери ҳокимияти беки Вомар мутаҳид карда шуданд, ки ӯро одатан амири Бухоро аз байни амалдорони наздики худ таъйин мекард. Дар як вақт дар Хоруғ отряди русҳо, дар Ишкошим, Лангар-Кишт ва қалъаи Вамар посгоҳҳои ҳарбӣ ҷойгир шуданд, ки онҳо ба ғайр аз мудофиаи сарҳад аз болои фаъолияти бек ва амалдорони ӯ назорат бурда, аҳолии маҳаллиро аз худсарӣ, зулму ситами онҳо муҳофизат мекарданд.

Дар зери фишори сардори отряди рус дар собиқ бекигариҳои Рӯшон, Шуғнон ва Вахон интихоботи идоракунии маҳаллии сатҳи поёнӣ ҷорӣ гардид. Муборизаи озодихоҳонаи мардуми таҳҷоӣ ҳукумати русро маҷбур сохт, ки соли 1905 дуҳокимиятиро барҳам дода, мулкҳои Помири Ғарбиро таҳти идоракунии ҳокимияти мустамликавии худ қабул намояд. Ҳамин тавр, ҳамроҳ гардидани кӯҳистони Помир пас аз инқилоби якуми рус бе ягон муболиға аҳаммияти бузурги таърихиро доро буд.

г) дар ҳаёти иҷтимоию иқтисодии мардуми маҳаллии Помир низ тағйиротҳои зиёди мусбат рӯй доданд. Қатъ гардидани муборизаҳои байнихудии феодалӣ, низоъҳо ва ҳатто задухӯрдҳои ҳокимони маҳаллӣ барои замин ва чарогоҳҳо, бекор шудани ғуломдорию ғуломфурушӣ, озодии мувақъатии Помири Шарқӣ (аз соли 1891 то 1901) ва Помири Ғарбӣ (аз соли 1895 то соли 1903) аз ҳама гуна андозҳо, раҳоӣ аз маҷбуриятҳои вазнин оид ба сохтмони истеҳкомҳо, роҳҳо, қалъаҳо ва ғайра аз ҷумлаи тағйиротҳои назаррас ба шумор мерафтанд. Сохтмони роҳҳо дар ҳудуди Помир аз тарафи отрядҳои

рус ва беҳтар гардидани алоқаҳои нақлиётӣ бо водии Фарғона дорои аҳаммияти калони иқтисодию иҷтимоӣ буданд. Онҳо ба ҷоннокшавии робитаҳои савдоӣ, паҳншавии муносибатҳои молию пулӣ ва молҳои саноатии рус ба кӯҳистони Помир мусоидат карданд. Соли 1897 дар Помири Шарқӣ ва солҳои 1899-1900 дар Хоруғ отрядҳои рус нахустин корвонсаройҳоро месозанд, ки онҳо дар инкишофи робитаҳои савдоии ин ноҳияҳои кӯҳистон ба шаҳрҳои кишвари Туркистон нақши калон бозиданд.

